ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ

MINISTRY OF EDUCATION AND SCIENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

# КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМИЮ АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ»

**(17-18 ноябри соли 2023)**

# МЕЖДУНАРОДНАЯ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКАЯ КОНФЕРЕНЦИЯ НА ТЕМУ «РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ»

**(17-18 ноября 2023 г.)**

# INTERNATIONAL SCIENTIFIC AND PRACTICAL CONFERENCE ON THE THEME «DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURSHIP ACTIVITIES IN THE DIGITAL ECONOMY»

**(November 17-18, 2023)**

ДУШАНБЕ – 2023

**ББК: Тадж: 342**

**УДК: 0001+34**

**М – 45**

Маводҳои конференсияи **Байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ”** 17-18 ноябри соли 2023 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, номзади илмҳои иқтисодӣ Ҷ.Н. Машокиров, номзади илмҳои иқтисодӣ З.С. Султонов, номзади илмҳои иқтисодӣ С.С.Амонов – Душанбе: «ДДТТ», 2023. - 225 с.

Материалы **Международной научно-практической конференции, на тему «Развитие предпринимательской деятельности в условиях цифровой экономики»,** 17-18 ноября 2023 г. / Под редакции доктора технических наук Х.Х. Назарзода, кандидата экономических наук Дж.Н. Машокирова, кандидата экономических наук З.С. Султонова, кандидата экономических наук С.С. Амонов – Душанбе: «ТГУК», 2023. - 225 с.

Materials of the **International scientific and practical conference on the topic “Development of Entrepreneurial Activities in the Digital Economy”**, November 17-18, 2023 / Edited by Doctor of Technical Sciences Kh.Kh. Nazarzoda, Candidate of Economic Sciences J.N. Mashokirova, Candidate of Economic Sciences Z.S. Sultonov, Candidate of Economic Sciences S.S. Amonov – Dushanbe: “TSUC”, 2023. - 225p.

Матни маърӯзаҳо  дар шакли асл нашр шудаанд ва барои мазмун ва аслияти онҳо масъулият ба зиммаи муаллифон  мебошад.

Тексты статьи публикуются в оригинальном виде, ответственность за их содержание и оригинальность несут авторы.

The texts of the article are published in their original form, the authors are responsible for their content and originality.

**© Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2023**
**© Таджикский государственный университет коммерции, 2023**
**© Tajik State University of Commerce, 2023**

# МУНДАРИЧА
# СОДЕРЖАНИЕ


| № | | С. |
|---|---|---|
| 1. | **ФАҚЕРОВ Ҳ.Н., ВАЛИЕВ Н.Ш.** ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР СОҲИБКОРИИ ТИҶОРАТӢ | **5** |
| 2. | **ЗАБИРЗОДА Н.Х.** МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ | **12** |
| 3. | **АБДУЛЛОЕВ А.Б., НУРАЛИЕВ Ҳ.Р., ХОЛИҚОВ Ш.Х., ЗОИРОВ Д.М.** РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | **17** |
| 4. | **АБДУРАХИМОВ А.А.** ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ КЛАСТЕРОВ МАЛЫХ И СРЕДНИХ ПРЕДПРИЯТИЙ В АГРОПРОДОВОЛЬСТВЕННОМ КОМПЛЕКСЕ | **20** |
| 5. | **АБДУРАҲМОН Ҳ., ШАМСОВ Ф.Т.** ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ ИНТЕРНЕТ–МАРКЕТИНГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | **26** |
| 6. | **АБДУРАҲИМОВ С.Қ.** ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ АЗ ҶОНИБИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ | **32** |
| 7. | **АКИЛҶОНОВ Ф. Ш.** НАЗАРИЯҲОИ МУХТАЛИФ ДОИР БА УСУЛҲОИ ГУНОГУНИ ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ | **35** |
| 8. | **АЛИЕВ Ф. Ш., ҲАКИМОВ Ш. Ш.** ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРОН ДАР РАВАНДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИ БОЗОРГОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | **40** |
| 9. | **АЛИМОВ К.К.** ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА ТОРГОВЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ | **43** |
| 10. | **АЛИМОВА М.А.** НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОБЛАСТИ МОБИЛЬНЫХ ТЕЛЕКОММУНИКАЦИЙ НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА | **50** |
| 11. | **АЛИМОВ К. К., АМОНОВ С.С.** НАҚШИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТАДБИҚИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ-САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР | **56** |
| 12. | **АМОНОВ С.С., АМИНОВ Ф.И.** ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА | **59** |
| 13. | **АСКАРОВА С.С.** ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИСТЕМАИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ | **64** |
| 14. | **АСОЕВА М.С., АҲМАДОВА П.Б.** МУШКИЛОТИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | **68** |
| 15. | **АСОЕВА М. С.** ОСНОВЫ БЕЗОПАСНОСТИ ПИТАНИЯ В ГОСТИНИЧНОМ БИЗНЕСЕ: ЗАЩИТА ГОСТЕЙ И КАЧЕСТВО ПРОДУКТОВ | **73** |
| 16. | **ГАЮРОВА Р.С., НАЗАРБЕКОВА Н.А.** ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ | **78** |
| 17. | **ДЖУРАЕВ Ф.М., ЗИЁЕВ М.М.** ИННОВАЦИОННАЯ ИНФРАСТРУКТУРА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНФАКТОРЫ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ТЕРРИТОРИЙ | **81** |
| 18. | **ИМОМНАЗАРОВ М.А., СУЛТОНБЕКОВА М.Р.** ФРАНЧАЙЗИНГ ҲАМЧУН СТРАТЕГИЯИ ИНКИШОФИ СОҲИБКОРИИ ХУРД | **85** |
| 19. | **КОДИРОВ Ф.А., КЛИЧЕВ З.Р.** СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В КОНТЕКСТЕ ПОВЫШЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА | **90** |
| 20. | **ҚОДИРОВ А.В.** АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАНЗИМ ВА ДАСТГИРИИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | **94** |
| 21. | **ҚУРБОНОВА Ш.Х.** АРЗЁБИИ ШАРОИТҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ ДАР МИНТАҚА | **97** |
| 22. | **ЛУТФУЛЛОЕВ М.Д., АМОНОВ С.С.** САВДОИ ЧАКАНА ВА САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ | **101** |
| 23. | **МАМАДОВ С.В., МИРБОБОЕВА М.И.** РАЗВИТИЕ КРАУДФАНДИНГОВЫХ ПЛАТФОРМ – ФАКТОР УСПЕШНОЙ ДИГИТАЛИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ | **105** |
| 24. | **МАМАДОВ С.В.** ПРОБЛЕМЫ ТРАНСФЕРТНОГО НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ В НАЛОГОВОМ УЧЁТЕ | **110** |
| 25. | **МАХКАМОВА И.И.** ПЕШРАФТИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ВА ЗИДДИИНҲИСОРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ | **115** |
| 26. | **МАШОКИРОВ Ҷ.Н.** САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЪМИНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ САБЗ | **121** |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | **МАШОКИРОВ Ҷ.Н.** РУШДИ ЗАМИНАҲОИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | **127** |
| 28. | **МУЛЛОЕВ П.Н., АМОНОВ С.С.** ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СТРАН ПО ПОДДЕРЖКЕ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕГИОНАХ | **129** |
| 29. | **МУМТОЗ Н.** ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ВУЗОВ КАДРАМИ | **133** |
| 30. | **МУХТОРЗОДА С.С., ЧЕРНЯКОВ М.К., ЧЕЧУЛИН В.Е., НИКИТИН А.Д.** МАРКЕТИНГОВЫЕ РИСКИ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ | **138** |
| 31. | **НЕЪМАТОВ И.У.** РЕСУРСНАЯ БАЗА РЫНКА ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ ТОВАРОВ В СИСТЕМЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПОТРЕБНОСТЕЙ НАСЕЛЕНИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ | **143** |
| 32. | **ОХУНДЖАНОВА З.И.** ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ЦИФРОВИЗАЦИИ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА | **147** |
| 33. | **РАЗЗОҚОВ Б.Ҳ.** БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТОНИ СОҲИБКОРӢ | **152** |
| 34. | **РАҶАБОВА Н.Р.** МАСОИЛИ МУҲОФИЗАТИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ҲАЛЛИ ОН | **156** |
| 35. | **САФОЕВ А.К.** ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА САМАРАНОКИИ ОНҲО | **159** |
| 36. | **СОДИКОВ Р.Х.** СУЩНОСТЬ И УПРАВЛЕНИЕ НАЛОГОВЫМИ РИСКАМИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ | **162** |
| 37. | **ТАБАРОВ А. Қ.** ФАЪОЛИЯТИ СПАЗМОЛИТИКӢ ВА ХОЛИНОЛИТИКИИ N-АРИЛСУЛЬФОНИЛАМИНҲОИ 2,3-ДИГИДРОБЕНЗО/В/ ТИОФЕН-1,1-ДИОКСИДҲО | **169** |
| 38. | **ТАБАРОВ А. Қ.** МОЛҲОИ КИМИЁИИ МАИШӢ | **171** |
| 39. | **ФАЙЗУЛЛОЕВ М.К., ДУСТМАТОВ Б.М.** НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ СФЕРЫ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ | **174** |
| 40. | **ФАРРУХЗОДА С., ДАВЛАТОВ С.М.** НАПРАВЛЕНИИ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ | **177** |
| 41. | **ФОЗИЛОВА З.Р., РАҲИМОВА Р.Ҳ.** ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ПЕШГӮИИ ОН ДАР САВДОИ ЧАКАНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | **180** |
| 42. | **ХАМРОЕВ Ф.М., ШАКИРОВ А.А., ШАРИПОВА Х.М., ДАВЛАТОВА С.М.** ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ ОКАЗАНИЯ ЛОГИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ | **188** |
| 43. | **ХИКМАТОВА М.С., ИСЛАМОВА З.С.** ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА | **193** |
| 44. | **ХУСЕЙНОВА Ш. З.** ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ АСОСИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ | **196** |
| 45. | **ҲАКИМОВ А.А.** ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | **202** |
| 46. | **ЧЕРНЯКОВ М.К., АХМЕТЗЯНОВ И.И.** СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНОГО РИСКА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ | **209** |
| 47. | **ЧЕРНЯКОВ М.К., ГИЛЬФАНОВ А.В.** РЫНОК ТРУДА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ | **211** |
| 48. | **ЧЕРНЯКОВ М.К. ЧЕРНЯКОВ В.М.** СОЦИАЛЬНАЯ НАПРЯЖЕННОСТЬ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ | **213** |
| 49. | **ҶАББОРОВ А., ЗОИРОВ Д.М., ХУҶАШАРИПОВ М.М., ХУДОИЗОДА А.М.** ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА | **216** |
| 50. | **ШАХЗОДАМОХИ С., ДАВЛАТОВА С.М., УРУНОВА Д.Т.** МИНИМИЗАЦИЯ ЗАТРАТ В ЛОГИСТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ВНЕДРЕНИЕ НОВЫХ ИННОВАЦИОННЫХ СПОСОБОВ | **220** |
| 51. | **ЯСАКИЕВА С.А.** ЖЕНСКОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО-ПЕРСПЕКТИВНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ ПРИГРАНИЧНЫХ ТЕРРИТОРИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА МАТЕРИАЛАХ ГБАО) | **222** |

**УДК.: 336.7(575.3)**

**ФАҚЕРОВ Ҳ.Н., ВАЛИЕВ Н.Ш.**

# ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР СОҲИБКОРИИ ТИҶОРАТӢ

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии иқтисодиёти рақамӣ ва соҳибкории тиҷоратӣ, афзалиятҳо ва нуқсонҳои иқтисоди рақамӣ дар рушди соҳибкории тиҷоратӣ, пайдарпайии зинаҳои татбиқи амалии самтҳои афзалиятноки рақамикунонии соҳибкории тиҷоратӣ, чораҳо ва амалҳои судманд оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, манфиатҳои соҳибкории рақамӣ ва нақши технологияҳои рақамӣ дар тағйир додани рафтори харидорон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонии савдои чакана, соҳибкории тиҷоратӣ, манфиятҳо, афзалиятҳо, нуқсонҳо, рушд, самтҳо, харидорон, технологияҳои рақамӣ, интернет, рақобат*

*В данной статье изучены и проанализированы теоретические основы цифровой экономики и коммерческого предпринимательства, преимущества и недостатки цифровой экономики в развитии коммерческого предпринимательства, последовательность ступеней практического применения приоритетных направлений цифровизации коммерческого предпринимательства, меры и плодотворные действия по развитию предпринимательской деятельности в сфере розничной торговли в условиях цифровой экономики, интересы цифрового предпринимательства и роль цифровых технологий в изменении поведения покупателей.*

***Ключевые слова:*** *цифровая экономика, цифровизация розничной торговли, коммерческое предпринимательство, недостатки, преимущества, развитие, направления, покупатели, цифровые технологии, интернет, конкуренция*

Дар шароити муосир инноватсияҳо, дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ, технологияҳои рақамӣ ва нанотехнологияҳо ба заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишварҳои пешрафтаи дунё табдил ёфтаанд, чунки онҳо имконият медиҳанд, ки тақозои ҷомеа ва аҳолӣ ба намудҳои гуногуни молу хизматрасонӣ бо сарфаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ қонеъ гардонида шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа хеле муҳим аст, чунки такя ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва идоракунии самаранок боқӣ мемонад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳти таъсири рақобат технологияҳои рақамӣ ба омили муҳимтарини таъминкунандаи рушди устувори корхонаҳои савдо табдил ёфта истодаанд. Татбиқи технологияҳои рақамӣ имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдоро медиҳад.

Дар шароити муосири тағйироти глобалӣ, ки бо гузариш ба иқтисоди рақамӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва коммуникатсия алоқаманд аст, соҳибкорон барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ маҷбур мешаванд, ки дар муддати кӯтоҳ технологияҳои рақамиро дар ширкатҳои худ ҷорӣ кунанд.

Бо вуҷуди он ки муҳаққиқон истилоҳи “иқтисоди рақамӣ” - ро истифода мебаранд, таърифи ягонаи умумиқабулшудаи он вуҷуд надорад, зеро мухтавои он то ҳол норавшан боқӣ мемонад.

Ба ақидаи Чистякова О. В. ва Бабкин А. В., иқтисоди рақамӣ як шабакаи глобалии коммуникатсияҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ амалӣ карда мешаванд, ки имкон медиҳанд робитаҳои мустақим байни ширкатҳо, бонкҳо, давлат ва аҳолӣ дар ҳоле ки занҷирҳои дарози миёнаравҳо ва

суръатбахшии амалиётҳои гуногун ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳо ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, кам кардани хароҷоти истеҳсолот ва инчунин баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагон ба роҳ монда шаванд [3. С. 145].

Михайлов А.В. иқтисоди рақамӣ иқтисодиётеро дар назар дорад, ки дар шароити воқеияти нав вуҷуд дорад, ки дар он ҷаҳони воқеӣ ва виртуалӣ бо ҳам пайвастаанд ва ҳама амалҳои зарурӣ барои ҷаҳони воқеӣ метавонанд тавассути ҷаҳони виртуалӣ анҷом дода шаванд. Хусусияти хоси ин иқтисодиёт қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи иштирокчиёни он тавассути истифодаи иттилоот мебошад [4. С. 15].

Абрамешина С. А. иқтисоди рақамиро ҳамчун фаъолияте муайян мекунад, ки бевосита бо рушди технологияҳои рақамии компютерӣ алоқаманд аст, ки хизматҳои гуногунро барои пешниҳоди хизматҳои онлайн, савдои интернетӣ, пардохтҳои электронӣ ва ғайра дар бар мегирад [1. С. 26].

Бояд гуфт, ки рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии рақамӣ яке аз ҳадафҳои муҳим дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро аз рӯйи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и кишварҳои ҷаҳон аз 12% то 16%-ро ташкил медиҳад.

Ба андешаи доктори илмҳои иқтисодӣ Машраб Файзуллоев хусусияти иқтисодиёти рақамӣ, ки ба иттилооту технологияҳои иттилоотӣ бунёд мегардад, аз он иборат аст, ки маркази ташаккулёбии арзиши изофа тағйир меёбад. Маркази асосии иқтисодиёти анъанавӣ агар истеҳсолот бошад, аз иқтисодиёти рақамӣ муҳандисӣ (engineering) ба шумор меравад, ки ҳама консепсияи иқтисодиёти муосирро муайян месозанд. Машраб Файзуллоев дар як матлаби худ дар нашрияи “Садои мардум” қайд намудааст, ки барои ташкили гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ коркард ва қабули Барномаи давлатии «Иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ногузир аст, ки хусусияти стратегӣ дошта, самтҳои тараққиёти иқтисодиёти рақамӣ ва ҷиҳатҳои амалишавии онро таҷассум менамояд. Ба ҷуз ин, барнома чорабиниҳои ҳуқуқӣ, техникӣ, ташкилӣ ва шароити молиявии рушди иқтисодиёти рақамиро дар ҷумҳурӣ ба назар гирифта, ҳамгироии онро бо фазои иқтисодиёти рақамии давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё таъмин месозад [5].

Ҳамин тариқ, иқтисоди рақамӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, рушди ҷаҳони виртуалӣ, пайдоиши хизматҳои гуногуни нав, алоқаи рақамӣ, афзоиши аҳамият ва нақши иттилоот тавсиф карда мешавад.

Ба раванди тағйирёбии иқтисоди рақамии ҷомеа миқдори зиёди технологияҳои рақамӣ таъсир мерасонанд. Дар шароити муосир, ширкатҳо бештар кӯшиш мекунанд, ки шабакаи ИНТЕРНЕТ-ро дар фаъолияти худ истифода баранд. Тавассути шабакаи ИНТЕРНЕТ, ширкатҳо молҳо ва хизматҳои худро мефурӯшанд, таблиғ мекунанд, хизматҳои махсус ва барномаҳои мобилӣ эҷод мекунанд, ки ба пешрафти зудтари ширкат, кам кардани хароҷот, сарфаи вақти муштариён, оптимизатсияи шумораи кормандон ва афзоиши рақобатпазирии ташкилот мусоидат мекунанд.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби ташкилотҳо боиси ташаккули ширкатҳои рақамӣ мегардад, ки ба ғайр аз технологияҳои рақамӣ-моделҳои тиҷорати нав, усулҳои идоракунӣ, инчунин коммуникатсияҳои нави шабакавӣ, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти ширкатро баланд мебардоранд, истифода мебаранд.

Ду равиш ба мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” вуҷуд дорад: классикӣ ва пешрафта. Иқтисоди рақамӣ дар равиши классикӣ ҳамчун иқтисодие, ки бо ёрии технологияҳои рақамӣ дар соҳаи молҳо ва хизматҳои электронӣ амалӣ карда мешавад. Иқтисоди рақамӣ дар равиши дуюм истеҳсоли иқтисодӣ, ки технологияҳои рақамиро истифода мебарад.

Дар ҷадвали 1 афзалиятҳо ва нуқсонҳои иқтисоди рақамӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ карда шуданд.

**Ҷадвали 1. - Афзалиятҳо ва нуқсонҳои иқтисоди рақамӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ**

| **Манфиатҳои иқтисоди рақамӣ** | |
|---|---|
| Захираи асосӣ – маълумот ё иттилоот | Ин манбаъ аз истифода хушк намешавад |
| Майдонҳои савдо дар интернет | Маҳдуд нест |
| Рақобати муваффақ | Барои фаъолияти соҳибкории хурду миёна |
| Захираи ҷисмонӣ | Хизматрасонӣ якчанд маротиба истифода мешавад |
| Микёси фаъолияти амалиётӣ | Танҳо бо андозаи ИНТЕРНЕТ маҳдуд аст |
| Муштарӣ | Ин шахси асосӣ аст |
| **Камбудиҳои иқтисоди рақамӣ** | |
| Шумораи ками омодасозии кадрҳо ва мутобиқати нокифояи барномаҳои таълимӣ ба ниёзҳои иқтисоди рақамӣ | Норасоии кадрҳо дар раванди таълимии ҳама сатҳҳои таҳсилот |

Аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, ки рушди иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ беҳтар карда шавад, зеро моделҳои нави тиҷорати рақамӣ пеш аз ҳама ба паст кардани арзиши худ ва дар натиҷа ба даст овардани даромади иловагӣ аз қарорҳои рақамӣ, инчунин оптимизатсияи ҳамкорӣ бо муштарӣ ва беҳтар кардани хизматрасонӣ ба мизоҷон тавассути омӯзиши таҷрибаи кории онҳо равона карда шудаанд.

Иқтисоди рақамӣ (электронӣ) – маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳангоми истифодаи технологияҳои электронӣ, инфрасохтори электронӣ ва хизматрасонӣ, технологияҳои таҳлили ҳаҷми зиёди маълумот ва пешгӯӣ бо мақсади оптимизатсияи истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмол ва баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ба вуҷуд меоянд.

Иқтисоди рақамӣ фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки омили асосии истеҳсоли он маълумоти рақамӣ мебошад, он қодир аст:

1) ташаккули фазои иттилоотӣ, дар ин ҳолат талаботи шаҳрвандон ва ҷомеа ба маълумоти босифат ва боэътимод ба назар гирифта мешавад;
2) рушди инфрасохтори иттилоотӣ, ташкил ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионии кишвар;
3) бунёди заминаи нави технологӣ барои соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.

Бозсозии соҳибкории калон хеле мушкил аст, зеро равандҳои тиҷоратии ӯ муддати дароз тағйир наёфтаанд. Одамон, низомҳо ва таҷҳизот барои кор дар муҳити нави рақамӣ омода нестанд. Ширкатҳое, ки як вақтҳо саҳмияҳои бузурги бозорро ишғол мекарданд, афзалиятҳои рақобатии худро аз даст медиҳанд ва соҳибон ва роҳбарони худро ба идеяи гузаронидани дигаргуниҳои васеъмиқёс барои тағйироти куллӣ водор мекунанд.

Тадқиқоти мафҳуми "соҳибкорӣ" нишон дод, ки дар ин падидаи иқтисодиву иҷтимоӣ назари ягона вуҷуд надорад. Аммо, бо ҳама тафовутҳои мавҷуда, равишҳои умумиро барои ҳама ҷудо кардан мумкин аст, ки ба соҳибкорӣ имкон медиҳанд. Аз ҷумла, ҳеҷ кас ба чунин мавқеъҳо эътироз намекунад:

а) фаъолияти соҳибкорӣ ба хотири гирифтани фоида;

б) фаъолияти соҳибкорӣ бо хавф алоқаманд аст;

в) фаъолияти соҳибкорӣ барои ҷомеа муфид аст;

г) аз рӯи моҳияти худ фаъолияти соҳибкорӣ ташкилӣ, мустақил, ташаббускор ва инноватсионӣ мебошад.

Дар зери фаъолияти соҳибкорӣ, дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, ташкили фаъолият дар доираи салоҳиятҳои худи соҳибкор баррасӣ карда мешавад, ки ба шумо имкон медиҳад, ки фоидаи ҳадди аксарро бо хароҷоти ҳадди ақал ба даст оред, аммо танҳо бо истифодаи технологияҳои рақамӣ имконпазир аст, ки молҳо ва хизматҳои баландтехнологии аз ҷониби ҷомеа дархостшударо эҷод кунед.

Соҳибкории рақамӣ имрӯзҳо маъмул аст, зеро он ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки тиҷорати худро бо истифода аз интернет ва дигар платформаҳои рақамӣ оғоз ва рушд диҳанд.

Ин намуди соҳибкорӣ махсусан барои ҷавононе ҷолиб аст, ки аксар вақт нисбат ба насли калонсол технологияро беҳтар медонанд.

Ғайр аз он, соҳибкории рақамӣ метавонад нисбат ба тиҷорати анъанавӣ содда, қуллай ва арзонтар бошад, ки ин барои бисёр одамон як варианти қобили ҳаёт аст.

Дар солҳои охир, мо мебинем, ки чӣ гуна шумораи бештари соҳибкорони рақамӣ дар фазои рақамӣ пайдо мешаванд ва ба шарофати технологияҳои иттилоотӣ ва арзиши воқеан пасти вуруди онҳо, воқеан ҳар касе, ки ба дастгоҳи рақамӣ ва интернет дастрасӣ дорад, метавонад ҳар гуна тиҷорати онлайнро эҷод кунад.

Чандирии воситаҳои васоити ахбори оммаи рақамӣ равандҳои тиҷоратиро содда кардааст, ки дар он одамон метавонанд молҳо ва хизматҳои худро дар саросари ҷаҳон пешниҳод кунанд.

Ин экосистемаи соҳибкории рақамӣ ба ҷомеа дастрасӣ ба тиҷорат дар саросари ҷаҳонро фароҳам овард ва хизматҳо ба монанди идоракунии васоити ахбори иҷтимоӣ, тиҷорати электронӣ, хизматҳои маркетингӣ ғайраро пешниҳод мекунад, аз ин рӯ одамон метавонанд вақти худро ба кор дар фаъолиятҳое, ки воқеан ба онҳо маъқуланд, сарф кунанд, аз ин рӯ онҳо тасмим гирифтанд, ки ба касби соҳибкори рақамӣ ҳамроҳ шаванд.

Соҳибкории рақамӣ асосан эҷоди моделҳои тиҷорӣ мебошад, ки ба технологияҳо, ки тавассути ИНТЕРНЕТ бо мақсади пешниҳоди маҳсулот ё хизматрасониҳо кор мекунанд, афзалият медиҳанд.

**Манфиатҳои соҳибкории рақамӣ:** Соҳибкории рақамӣ як қатор афзалиятҳо дорад, ки одатан барои онҳое, ки озодии бештар мехоҳанд, хеле ҷолибанд.

- Бо фаъолияти касбӣ якҷоя кардан мумкин аст;
- Соҳибкории рақамӣ аз онҳое, ки ин корро мекунанд, фаъолияти доимиро талаб намекунад. Ба ибораи дигар, ҳангоми нигоҳ доштани мунтазамӣ дар вақти холӣ кор кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, он ба осонӣ манбаи даромади иловагӣ мегардад;
- Соҳибкорӣ бидуни марз;
- Бартарии бузурги соҳибкории рақамӣ дар он аст, ки мизоҷони шумо метавонанд аз ҳама ҷо бошанд, агар маҳсулоти шумо онҳоро ҷалб кунад. Шумо инчунин метавонед дар ҳама ҷо дар ҷаҳон бошед, то молҳои худро пешниҳод кунед;
- Агар шумо эҷод кардани мундариҷа, идоракунии интиқол ва ҳамкорӣ бо муштариёнро идома диҳед, муҳим нест, ки Шумо дар Тоҷикистон, Русия ва Чин ҳастед! Ба Шумо танҳо дастрасӣ ба ИНТЕРНЕТ лозим аст ва тиҷорати шумо идома хоҳад ефт;
- Пойгоҳи муштариёни шумо хеле калон аст;
- Хароҷоти камтари амалиётӣ.

Дар шароити муосир зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ дар низоми иқтисодиву иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омада истодааст.

Ба андешаи мо, иқтисоди рақамӣ ин низомест, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ, инчунин шабакаи ҷаҳонии Интернет ташаккул ёфтааст.

Истифодаи дастовардҳои бахши рақамӣ ба тағйирёбии равандҳои корӣ, стратегияҳо, пайдоиши самтҳои нави фаъолият ва ба ин васила ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир савдои чакана яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии босуръат рушдёбанда ба ҳисоб меравад, ки дар он навгониҳои рақамӣ фаъолона татбиқ шуда истодааст. Тибқи ақидаи коршиносон васеъшавии маҳсулоти рақамӣ дар раванди савдою технологӣ савдои чаканаро дар қатори бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва саноати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба соҳаи пешбари рақамикунонӣ наздик мекунад

**Ба андешаи мо,** зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ ва ё электронӣ дар савдои чакана мо фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мешавад. Дар натиҷаи воридкунии технологияҳои рақамӣ самтҳои нави тиҷорат, технологияҳои корӣ ва моделҳои нави соҳибкорӣ пайдо карда мешаванд, ки онҳо сатҳи рақобатро пурзӯр намуда, ба васеъшавии бозори фурӯш ва рақобатпазирии кишварҳои алоҳида, минтақаҳо, соҳаҳо ва субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Дар натиҷаи рушди технологияҳои рақамӣ фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ гуногун шуда, хусусиятҳои хоси зеринро соҳиб мешаванд: амалӣ намудани ҳамкорӣ дар шабакаи Интернет ва ё зери таъсири он; воридшавӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ тавассути таҷҳизоти гуногун, аз ҷумла воситаҳои мобилӣ; ташаккул ва мубодилаи бисёршабакавии иттилоот байни истифодабарандагони шабакаи ҷаҳонӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, замимаҳои мобилӣ, форумҳо); истифодабарии ҳаҷми хеле калони маълумот; имконияти қонеъ намудани талаботи ҳар як харидори мушаххас (ба мизоҷнигаронидашуда); ҷаҳонишавии рафтори истеъмолгарон ва мизоҷони корхона; беҳсозии раванди ташаккули арзиши иловашуда ва ғайраҳо.

Субъектҳои савдои чакана бояд ба одатҳои нави истеъмолгарон вокуниш нишон дода, самтҳои афзалият ва сармоягузории худро вобаста ба он иваз намоянд. Ҳамин тариқ, онҳоро зарур аст, ки диққати худро ба тамоюли тағйирёбии фурӯш тавассути смартфонҳо ва таассуроти харидорон аз ташрифашон ба мағоза равона намоянд. Дар баробари ин, хизматрасонии бисёршабакавиро таъмин намудан зарур аст, чунки мағозаҳои муқаррарӣ то ҳанӯз ҷои асосии харидкунӣ ба ҳисоб меравананд.

Ҳамин тавр, технологияҳои рақамӣ чунин рафтори харидорони чаканаи имрӯзаро тағйир медиҳад:

• усулҳои амалӣ намудани харид дигаргун шуда, харидорон бештар ба савдои электронӣ, аз он ҷумла ба истифодаи замимаҳои мобилӣ таваҷҷуҳ мекунанд;

• смартфонҳо ба “дӯсти наздик ва беҳтарин”-и харидорон табдил мeёбанд;

• яке аз принсипҳои асосии истеъмолгарон зимни хариди мол соддагардонии ҳамаи равандҳо мегардад;

• шабакаҳои иҷтимоӣ ба интихоби харидорон бештар таъсир хоҳанд расонид;

• истеъмолкунандагон омода мешаванд, ки ба дастраснамоии тези молҳо маблағи иловагиро диҳанд.

Мо чунин мешуморем, ки дар шароити муосири Тоҷикистон зарурати ташкили низоми ягонаи омодакунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои корхонаҳои савдои чакана ба миён омадааст. Барои тақвияти захираҳои кадрӣ дар соҳаи савдо, аз он ҷумла савдои чакана, бояд чорабиниҳои зерин амалӣ карда шаванд: гузаронидани таҳлили тақозо ва арза дар соҳаи савдо; ташкили ҷойҳои нави корӣ; ташаккули низоми таълим, омодакунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташкили семинарҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат; ташкили озмунҳо ва чорабиниҳо, ки ба тақвияти нақши омили инсонӣ ва баланд бардоштани нуфуз ва самаранокии кори кормандон дар корхонаҳои савдо мусоидат мекунанд; таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ барои роҳбарони субъектҳои соҳибкории хурд дар шабакаи савдои чакана.

**Ба андешаи мо,** ба қатори чораҳои судманд оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи савдои чакана чунин амалҳоро дохил кардан мумкин аст:

- гузаронидани таҳлили рушди субъектҳои соҳибкорӣ дар савдои чакана;
- мусоидат дар ташкили ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо, ки манфиатҳои субъектҳои соҳибкориро дар савдои чакана намояндагӣ мекунанд;
- ташаккули низоми самараноки иттилоотию машваратӣ барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути гузаронидани мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо ва ғайра.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳти таъсири рақобати афзуншудаистода технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо ба омили муҳимтарини таъминкунандаи рушди устувори соҳибкории тиҷоратӣ табдил ёфта истодаанд.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти соҳибкории тиҷоратиро медиҳад.

Заруратy аҳамияти татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана бо масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ вобаста аст ва он дар шароити шиддатёбии рақобат торафт шадидтар мешавад. Маҳз татбиқи васеи технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки истифодаи оқилона масоҳатҳои савдо, таҷҳизот ва кормандони савдо ба даст оварда шуда, самаранокии баланди фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ дар умум таъмин карда шавад.

Дар чунин шароити баамаломада масъалаи бозсозии бисёре аз фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ бо мақсади такмилдиҳии фаъолияти онҳо дар асоси воридкунии фарохи технологияҳои инноватсионӣ мубрам мегардад, ки вай ба баландшавии назарраси самаранокии истифодабарии майдонҳои савдо, таъминкунии сарфаи меҳнати зинда ва баландшавии ҳосилнокии он имкон медиҳад.

Ташкили дурусти хизмат ва сифати баланди он нуфузи фаъолияти соҳибкории тиҷоратиро мустаҳкам менамояд, ба баландшавии сатҳи хизматрасонӣ ва зиёдшавии миқдори харидорони ҳавасманд мусоидат менамояд, ки вай дар навбати худ ба зиёдшавии ҳаҷми фурӯш, беҳтаршавии нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Татбиқи самтҳои афзалиятноки зикршуда муттаҳид кардани кӯшишҳои намояндагони соҳаи илм, хизматчиёни давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва шаҳрвандонро тақозо менамояд.

Барои татбиқи амалии самтҳои афзалиятноки пешниҳодшудаи рақамикунонии соҳибкории тиҷоратӣ бояд пайдарҳамии чунин зинаҳо муайян ва риоя карда шавад:

- Баррасии аҳамият ва оқибатҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар байни намояндагони илм, сохторҳои давлатию тиҷоратӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони алоҳида бо истифодаи платформаҳои рақамии ҳамкории иҷтимоӣ.
- Дар сатҳи давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳо оид ба рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Рушд ва таҳкими инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бехатарии он, пурзӯркунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳа, автоматикунонӣ ва иттилоотонии минбаъдаи бизнес-равандҳо дар соҳибкории тиҷоратӣ.
- Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ташаккули ҷомеае, ки маҳорат ва салоҳияти рақамии зарурироро доро мебошад.
- Татбиқи воқеии технологияҳои рақамӣ ба бахшҳои пешбари иқтисоди миллӣ, табдили фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ ба сохторҳои “рақамӣ”.

Ҳамин тариқ, раванди рақамисозии иқтисодиёт ба соҳибкорӣ таъсири назаррас мерасонад. Тиҷорати рақамӣ истифодаи технологияҳои рақамиро дар бар мегирад, ки ба модели ширкат ва равандҳои тиҷоратии он таъсири назаррас мерасонанд.

Хусусиятҳои ширкатҳои рақамии муосир инҳоянд: маҳсулоти рақамӣ, каналҳои нави иртибот бо истеъмолкунандагон, кам кардани хароҷот, нақши назарраси шабакаи Интернет дар фаъолияти ширкат, роботикунонии истеҳсолот, нақши назарраси иттилоот, миқдори зиёди маълумот, суръат ва вусъат додани равандҳои тиҷоратӣ.

## АДАБИЁТ

1. Абрамешина С. А. Развитие предпринимательства в условиях цифровой трансформации экономики // Научное сообщество студентов XXI столетия. ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ: сб. ст. по мат. LXXIV междунар. студ. науч.-практ. конф. № 2(74).

2. Александров С. Цифровая экономика (Digital Economy) – экономика, осуществляемая с помощью цифровых телекоммуникаций [Электронный ресурс] / С. Александров, Р. Искандаров // Технологии и средства связи. – 2009. – № 5.
3. Тенденции развития экономики и промышленности в условиях цифровизации: монография / под ред. д-ра экон. наук, проф. А. В. Бабкина. - СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2017. - 658 с.
4. Михайлов А. В. Проблемы становления цифровой экономики и вопросы развития предпринимательского права // Актуальные проблемы российского права, 2018. № 11 (96) ноябрь.
5. Маҷалаи Садои мардум. – 2022.

## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН*

*1.* ***Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории ДДТТ*
*2.* ***Валиев Низомиддин Шаробудинович -*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи рушди стратегӣ ва менеҷменти сифати ДБССТ.*

**ЗАБИРЗОДА Н.Х.**

## МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Рушди бахши хусусӣ тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон асоси муваффақият дар рушди иқтисодиёти кишвар дар замони муосир буда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар самтҳо, рушди соҳибкорию сармоягузориро ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодию иҷтимоӣ қарор дода, вобаста ба татбиқи дурусту самараноки он ҳамарӯза иқдомҳои созандаву дурбинонаро амалӣ менамояд, ки соҳибкорон ва сармоягузорон дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат фаъолияти пурсамар дошта бошанд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади рушди соҳибкорӣ, инчунин таъмини кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ таҳия ва қабул гардидаанд, ки заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ муҳайё карда шудаанд. Инчунин 1 марти соли 2023 Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ барои солҳои 2023-2027 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ карда шуд.

Масъалаи баррасишавандаи имрӯза - «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», ва дар маҷмуъ рақамикунонӣ яке аз масъалаи мубрами руз ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёти миллиро ҳамчун манбаъи иловагии таъмини рушди иқтисоди миллӣ борҳо арзёбӣ намудаанд.

Бо дастгирии пайвастаи Ҳукумати кишвар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия гардида, мавриди амал қарор доранд.

Қобили зикр аст, ки Консепсия аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 асос ёфта, инъикоскунандаи дурнамои умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад.

Ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои пешқадами рақамӣ бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад.

Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад.

Консепсия ба гирифтани дивидендҳои рақамӣ дар чунин масъалаҳои барои рушди миллӣ басо муҳим, ба монанди таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмӯи

маҳсулоти дохилӣ, табодули соҳаи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст.

Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бошад, бо мақсади тезонидани суръати рушди иқтисоди кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои гузариш ба модели нави рушди иқтисоди рақамии оянда дар дурнамои дарозмуҳлат таҳия гардидааст.

Барнома амалисозии марҳилаи якуми Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, ҳадафҳо ва вазифаҳоро дар доираи 8 самти асосии рушди иқтисоди рақамӣ барои давраи то соли 2025 муайян менамояд, аз ҷумла:

- таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ;
- рушди инфрасохтори ТИК дар минтақаҳои кишвар;
- рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ;
- вусъатдиҳии ҷараёни амалишавии ҳукумати электронӣ;
- сармоягузорӣ ва неруи инсонӣ дар самти иқтисоди рақамӣ;
- ташкили экосистемаи инноватсионӣ ва стартапҳо;
- низоми ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии иқтисоди рақамӣ;
- сармоягузорӣ барои татбиқи иқтисоди рақамӣ.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои Барнома барои рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ амалисозии 178 тадбирҳои мушаххас дар 17 соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ба маблағи умумии 2,3 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар баробари ин Барнома - баланд бардоштани рушди самтҳои асосии иқтисодӣ миллӣ, аз қабили саноат, маориф, тандурустӣ, савдои дохилию хориҷӣ, низоми бонкӣ, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, сохтмон, соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро ҳамчун ҳадафи асосии рушд муайян намудааст.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташуда, амалисозии вазифаҳои зерин дар Барнома ба нақша гирифта шудааст:

- таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- зиёд намудани суръати Интернет;
- вусъат додани корҳо дар самти фарогирии аҳолӣ ба шабакаҳои алоқа ва инфрасохтори ТИК;
- тайёркунии кадрҳои касбӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ дар самти иқтисоди рақамӣ;
- такмили қонунгузории танзими мубодилаи иттилоот, таъмини амнияти иттилоотӣ ва кибербехатарӣ, инчунин муносибатҳо дар самти табодули рақамӣ;
- идоракунии мутамарказ тавассути рақамикунонии иқтисоди миллӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти амалишавӣ ва идораи иқтисоди рақамӣ;
- баланд бардоштани малакаи зеҳнии рақамии аҳолӣ;
- баланд бардоштани неруи инсонӣ дар самти иқтисоди рақамӣ;
- таъсиси заминаи ташаккули тиҷорати электронӣ;
- дарёфти усулҳои муосири рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ;
- ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати рушди технологияҳои рақамӣ;
- пешниҳоди роҳҳои рушди технологияҳои молиявӣ ва васеъ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;
- ҷорӣ намудани модели «Шаҳри ҳушманд» дар шаҳру ноҳияҳои сераҳолӣ;
- таъмини бехатарии иттилоот дар самти ТИК.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” қабул гардидаанд.

Баҳри такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини фаъолияти мунтазами Феҳристи ягонаи молу мулки ғайриманқули ҷумҳуриявӣ аз ҷониби Кумита лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои феҳристи ягонаи электронии молу мулки давлатӣ таҳия гардида, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №1-3а/506 ирсол гардидааст.

Айни ҳол, маълумот дар бораи 246245 адад воситаҳои давлатӣ ба маблағи 21,3 миллиард сомонӣ ба феҳристи ягонаи молу мулки давлатӣ ворид карда шудааст ва корҳо дар ин самт идома доранд.

Ҳамзамон Кумита вазифахои зеринро дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти рақамӣ аввалиндарача меҳисобад:

- таъсиси портали маълумоти феҳристҳои электронии гарави амволи манқул ва ғайриманқул;
- ташкили махзани феҳристи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;
- ба таври рақамӣ ба роҳ мондани низоми «равзанаи ягона» ҷиҳати бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул;
- рақамикунонии расмиёт вобаста ба хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул;
- ташкили порталҳои муосири тиҷоратии технопаркҳо;
- таҳия намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ (стартапҳо);
- гузаронидани озмунҳо вобаста ба лоиҳаҳои инноватсионӣ (стартапҳо) ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок дар ин самт;
- тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ барои баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ ва соҳибкорон оид ба тартиби расмиёти бақайдгирии ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва меъёрҳои пардохти хизматрасонӣ тибқи нархномаҳои тасдиқшуда;
- гузаронидани тренингҳо ва курсҳои такмили ихтисос барои соҳибкорони хоҳишманд;
- ва ғайра.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ омодааст ҳамкориро бо вазорату идораҳо, шарикони рушд ва бахши хусусӣ дар доираи ваколатҳои низомномавии худ дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисоди рақамӣ вусъат бахшад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста баҳри рушди фаъолияти соҳибкорон ва инчунин ҷавонони соҳибкор, барои андешидани чораҳои саривақтӣ дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад.

Яке аз чунин иқдомҳои муҳими Сарвари давлат ин таъсиси Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» мебошад, ки соли 2018 дар доираи татбиқи барномаҳо ва ислоҳотҳои иқтисодӣ дар кишвари азизамон таъсис дода шуд. Муассисаи мазкур ҷиҳати дастгирии соҳибкорони навтаъсис (стартап) ва рушди соҳибкории хурду миёна тавассути дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ, омӯзишӣ ва ғайра таъсис дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки бори нахуст дар Тоҷикистон бо ташабуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии тоҷикистон, ҷиҳати дастрасӣ ба маълумотҳо оид ба фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ, Барномаи мобилии “Соҳибкор” таҳия ва бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар шабакаи интернетӣ роҳандозӣ гардида дар барномаҳои Play Market ва AppStore ҷойгир карда шуд.

Ҷиҳати ҳавасманд гардонидани соҳибкорону сармоягузорон айни замон тибқи қонунгузории амалкунанда беш аз 100 имтиёзу сабукиҳо муқаррар карда шудааст, ки 80 фоизи онҳо ба имтиёзҳои фискалӣ, яъне андозӣ ва гумрукӣ рост меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ, ки ба мусоид намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ замина гузоштанд, шумораи соҳибкорон дар миқёси кишвар мунтазам тамоюл ба афзоишро доранд.

Агар ба маълумотҳои оморӣ нигарем солҳои 2012-2020 шумораи субъектҳои фаъодияткунанда аз 187,0 ҳазори соли 2012 то 339,0 ҳазор дар соли 2022 ва ба санаи 1 октябри соли 2023 ба 348,2 ҳазор адад расонида шуд, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 8674 адад ва ё 2,6 фоиз зиёд мебошад. Аз ин шумора умумии субъектҳои хоҷагидор 314,5 ҳазор ададаш соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нсбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 7201 адад ва ё 2,3 фоиз зиёд гардида таснифоти он чунин аст:

- соҳибкорон бо шаҳодатнома – 35,8 ҳазор нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 423 адад ва ё 1,1 фоиз кам гардидааст;

- хоҷагиҳои деҳқонӣ – 175,6 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 4640 адад ва ё 2,6 фоиз зиёд гардидааст;

- соҳибкорон бо патент – 46,8 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 2569 адад ва ё 8,0 фоиз кам гардидааст;

- соҳибкорон бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус – 56,1 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 5553 адад ва ё 9,8 фоиз зиёд гардидааст.

Инчунин, аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, шахсони ҳуқуқӣ то 1 октябри соли 2023 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 33,7 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 1473 адад ва ё 4,6 фоиз зиёд гардидааст.

Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2023 дар миқёси ҷумҳурӣ 15 977 адад субъекти хоҷагидор, аз ҷумла 680 адад шахси ҳуқуқӣ ва 15 297 адад соҳибкори инфиродӣ барҳам хӯрдааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022, 132 адад шахсони ҳуқуқӣ, 6244 адад соҳибкорони инфиродӣ ва дар маҷмӯъ 6376 адад камтар барҳам хурдааст.

Дар ин давра 25001 адад субъект таъсис ёфтааст, ки аз ин 23359 адад соҳибкори инфиродӣ ва 1642 адад шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳад ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 бошад 19 адад шахси ҳуқуқӣ, 2223 адад соҳибкори инфиродӣ ва дар маҷмӯъ 2242 адад зиёд мебошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон саҳми бахши хусусӣ бо дарназардошти заминаи мусоиди пешбурди фаъолият дар Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ – 70 фоиз, дар таъмини аҳолӣ бо шуғл – 67 фоиз ва дар ташаккули буҷети давлатӣ беш аз 80 фоизро ташкил медиҳад.

Соҳибкор ин шахси дурбин, эҷодкор, дар амал татбиқкунандаи ғоя (идея), ташаккулдиҳандаи услубҳои нави бозоргирӣ ва мисли Генри Форд, Стив Ҷобс, Рэй Крок ва дигарон пайвандгари муносибатҳост.

Имрӯз тафаккур ва малакаи соҳибкорӣ амалан дар тамоми касбият зарур аст, зеро ин дар асри рушди технологӣ ҳамчун хусусияти кордонӣ нақши калидӣ дорад.

Моро зарур аст, ки дар шароити имруза баҳри баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон, махсусан соҳибкорони хурду миёна, инчунин тақвият бахшидан ба рушди фаъолияти онҳо кӯшиш ба харҷ дода, баҳри рушду нумӯи иқтисодиёти кишвари маҳбубамон саҳми назаррас гузорем.

Иқтисоди Тоҷикистон бозорест, ки ҳанӯз пурра аз худ нашудааст ва имкониятҳои фароху фаровони ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузориро дорад.

Итминон дорам, ки дар натиҷаи ҷамъомади имрӯза пешниҳодҳои мушаххас оид ба минбаъд табодули таҷрибаи андӯхта ва дастовардҳои муваффақи бахши хусусӣ бо доираи соҳибкорони мамалакат тарҳрезӣ гардида, дар оянда ин раванд дар маҷмӯъ ба рушди суръатноки фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна ва навтаъсис, ташвиқу тарғиби соҳибкорӣ байни ҷавонон, беҳтаршавии фарҳанги пешбурди тиҷорат ва ташаккул додани намудҳои нави соҳибкории дорои хусусияти навоварӣ – инноватсионӣ замина мегузорад.

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ » 23.12.1991. ш. Душанбе
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.05.2002 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» / (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002) ш. Душанбе
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» / (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 5). ш. Душанбе
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.12.2004 / (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.12.2021., №1186 ) ш. Душанбе
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе –23. 12. 2022.
6. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; www.president.tj.
7. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.amcu.gki.tj.

### *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*

***ЗАБИРЗОДА Н.Х.*** *Сардори Раёсати дастгирии соҳибкории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии тоҷикистон*
*E-mail:nekruy@mail.ru*

**АБДУЛЛОЕВ А.Б., НУРАЛИЕВ Ҳ.Р., ХОЛИҚОВ Ш.Х., ЗОИРОВ Д.М.**

# РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Анноатсия**: Дар мақола зарурат ва аҳамияти омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир асоснок карда шуда, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёт мавриди тадқиқот қарор гирифтааст.*

***Вожаҳои калидӣ:** молия, молияи давлатӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, иқтисодиёти миллӣ, омилҳои берунаи иқтисодӣ, сармоягузорӣ, муносибатҳои молиявӣ, қарзи давлатӣ, буҷети давлатӣ, андоз.*

Имрӯз дар ҷумҳурӣ дар доираи ислоҳоти молиявӣ ва таҷдиди сохтори идоракунии давлатӣ ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили Стратегияи баланд бардоштани некуаҳволии халқ, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ, Стратегияи рушди бозори коғазҳои қиматнок ва дигарҳо қабул гардидаанд, ки мутобиқи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ идоракунии молияи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба куллӣ тағйир ёфта, дар шакли нави тараққиёт татбиқ карда шуда, сиёсати муосири молиявӣ бо назардошти таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба иқтисодиёти миллӣ таҳия ва ба амал бароварда мешавад. Зеро рушди иқтисодиёти миллӣ бештар аз омилҳои берунаи иқтисодӣ ва конюктураи бозори ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаҳои илмию назариявӣ ва амалии такмили низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт аҳамияти муҳим касб менамояд. Молияи давлатӣ ҳамчун унсури низомии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, моҳияти он дар Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №723 ба таври зайл маънидод карда шудааст (моддаи 2): «молияи давлатӣ – маҷмӯи муносибатҳои пули вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд» [3]. Молияи давлатӣ ё худ молияи мутамарказ аз низоми буҷетӣ, қарзи давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ иборат буда, ҳар яке аз онҳо вазифаҳои муайянеро иҷро менамоянд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва суръат гирифтани буҳрони ҷаҳонӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии мамлакат ин самаранокии идоракунии молияи давлатӣ мебошад, ки дар ин замина, пеш гирифтани сиёсати дарҳои боз ҷиҳати густариши ҳамкориҳои иқтисодию молиявии дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва истифодаи технологияи пешқадам дар пешбурди муносибатҳои молиявӣ ҳамчун механизми ҷаҳонишавӣ мубрамияти хос пайдо мекунад. 31 Бояд зикр намуд, ки ҷаҳонишавӣ дар пешрафти низоми молиявӣ саҳми назаррасро бозида, таъмини рушди устувори низоми молиявӣ чӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ё минтақавӣ ва чӣ дар доираи як давлат бидуни ҳамгироии молиявию иқтисодӣ ғайриимкон мебошад. Агар ба таърихи низоми молиявӣ назар намоем, шоҳиди он мегардем, ки рушди низоми молиявӣ дар давраи то ҷаҳонишавӣ дар сатҳи хеле паст қарор дошт. Воридшавии сармоя, таҷҳизоти замонавӣ, муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба, тарз ва усули пешбурди ин ё он соҳа аз равандҳои ҷаҳонишавӣ вобаста мебошанд. Дар маҷмӯъ, рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳои ҷаҳон аз рушди низоми молиявӣ вобастагии калон дошта, ҳар як давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ васеъ истифода бурда, рушди иқтисодиётро таъмин намояд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи хеле ногувор, яъне ҷанги шаҳрвандӣ дучор шуд, ки ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ хисороти ҷиддӣ расонид. Ин давраро давраи бухрони сиёсӣ низ ном мебаранд, ки давраи таназзули рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, Тоҷикистон аз ҷаҳонишавию муносибатҳои иқтисодию молиявӣ бо кишварҳои ҷаҳонӣ воқиф набуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои нахустини худро дар самти пайвастшавӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ гузошт, ки ин барои баромадан аз вазъи ногувори бухрони сиёсию иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ҳукумати ҷумҳурӣ минбаъд низ кӯшиш ба харҷ дод, ки Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеъю мароми хосса дошта, боварии созмонҳои байналмилалиро ба сиёсати кишвар, ки яке аз омили муҳими ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад, зиёд намояд. Дар ин замина, муносибатҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ аз қабили Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдиду Инкишоф, Бонки Осиёгии Рушд ва бонкҳои бузурги хориҷӣ оғоз гардид. Бояд қайд кард, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт на танҳо вобастагии рушди иқтисодиёти миллӣ ва низоми молияи мамлакатро аз омилҳои берунӣ пурзур мекунад. Вай, аз тарафи дигар, барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва низоми молияи мамлакат мусоидат мекунад, зеро рушди муносибатҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ва воридшавии он ба хоҷагии ҷаҳонӣ имконият медиҳад, ки мо бештар аз сармоягузориҳои хориҷӣ, грантҳо ва қарзҳои байналхалқӣ истифода барем ва, дар ин замина, мушкилоти маҳдудияти захираҳои молиявиро ҳал намоем. Дар пешрафти муносибатҳои молиявӣ якчанд самт мавқеи назаррас доранд, аз қабили вазъи муътадили сиёсӣ, макроиқтисодӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, пайвастшавӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, вазъи низоми бонкӣ, шумораи соҳибкорони фаъолияткунанда, ки замина мегузоранд ба ташаккули буҷети давлатию рушди устувори иқтисодиёт. Ҳангоми густариш ёфтани муносибатҳои байналмилалии молиявӣ, дар марҳилаи аввал муносибатҳои молиявӣ рушд меёбанд, аммо дар мавриди ба вуқӯъ пайвастан, яъне пайдоиши бухрони молиявию иқтисодӣ дар тамоми мамлакатҳо, якумин шуда, низоми молиявӣ хисорот мебинад, зеро рушди муносибатҳои молиявӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалию ҷаҳонишавӣ алоқамандии зич дорад.

Бинобар ҳамин, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 бори аввал вазифаи бартараф намудани вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз таъсири омилҳои берунӣ гузошта шуда, роҳҳои ҳалли он бо далелу рақамҳои дақиқ асоснок карда шудааст [1].

Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд. Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шуд [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 32 соли истиқлолият дигаргуниҳои куллӣ дар самти рушди муносибатҳои молиявӣ бо шарофати ҷаҳонишавӣ ба вуқӯъ пайвастанд, аз қабили рушди истеҳсолоти ватанӣ, ташкили фазои мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна ва мукаммалгардонии механизми муваффақонаи рушди иқтисодиёт.

Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ҷиҳати таъминоти молиявӣ, рушди муътадили иқтисодиёт ба воситаи пайвастшавӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ мусоидат намуд. Бояд дар назар дошт, ки "авҷ гирифтани рақобат байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои захираҳои молиявӣ дар шароити мавҷуд набудани низоми самаранокии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ рақобатпазирии байналмилалии иқтисодиёти Тоҷикистонро заиф мекунад" [2, 29].

Бинобар ин, равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ ва номуайянӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон андешидани тадбирҳои судмандро ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, пешбурди сиёсати мутавозини молиявию қарзӣ, истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷетӣ ва ҷалбшуда, инчунин, худдорӣ намудан аз хароҷоти дуюмдараҷа, дарёфти манбаъҳои иловагӣ ҷиҳати рушди низоми молиявӣ ва иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва байналмилалии давлатиро талаб менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. - Душанбе, 2023. – 35 с.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. – 88 с.
3.Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба молия ва буҷет. - Душанбе. -2012 – 402 с.
4. Тоҷикистон: 20 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2011. – 832 с.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 484 с.
6. Бабаев А.А. Муҳоҷирати глобалии ҷаҳонӣ ва истифодаи самараноки он дар давлатҳои қабул ва интиқолдиҳанда. / А.А. Бабаев, Н.С. Сафарова, Ҳ.Ҳ. Норқулов, Ш.Р. Кабиров //Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе: ИЭД АИ ҶТ. -2018. - -№ 4. - С.141-147.
7. Бегматов А.А. Масъалаҳои методологии илми молия ва инкишофи муносибатҳои молиявӣ дар шароити муосир. / А.А. Бегматов //Паёми молия ва иқтисод. - №2 (14). (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: ДДМИТ, 2018. -– С.19-27.


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН*


*1.* ***Абдуллоев Азаматулло Бобоҷонович*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.*

*2.* ***Нуралиев Ҳ.Р., Холиқов Ш.Х.,*** **Зоиров Д.М**. *магистрони соли дуюми ихтисоси молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.*

**АБДУРАХИМОВ А.А.**

# ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ КЛАСТЕРОВ МАЛЫХ И СРЕДНИХ ПРЕДПРИЯТИЙ В АГРОПРОДОВОЛЬСТВЕННОМ КОМПЛЕКСЕ

***Введение.*** *Развитие малого и среднего предпринимательства (МСП) является одним из основных условий оптимального развития экономики страны благодаря способности занимать небольшие рыночные ниши, повышенной мобильности и гибкости к изменениям рынка. Активно функционирующий сектор МСП содействует развитию конкуренции, способствует адаптивности и оптимизации хозяйственной деятельности предприятий, ускорению внедрения в производство инновационных технологий или инновационной продукции.*

Мировой опыт показывает, что высокая конкурентоспособность национальной экономики ряда стран основана на сильных позициях отдельных кластеров МСП.

В современном этапе реформирования аграрного сектора процесс кооперации и интеграции перешел от сегментных попыток установления связей между отраслями с системным подходом установления связей. В этом аспекте перспективным шагом интеграции, по нашему мнению, это создание региональных агропродовольственных кластеров.

***Теоретико-методологические основы***. *Теория кластерного развития обрела огромную популярность среди зарубежных и отечественных исследователей после публикаций М. Портера, посвященных природе конкуренции, сущности и экономическому содержанию конкурентоспособности рыночных субъектов [4; 10].*

Развитие экономики Таджикистана определяется состоянием ее регионов, поэтому, на наш взгляд, кластерный подход выступает институциональной основой стратегического развития регионов Республики Таджикистан.

В 15 пункте «Концепция создания и развития агропромышленных кластеров в Республике Таджикистан на период до 2040 года», указано, что: «Создание и развитие агропромышленных кластеров является эффективной возможностью для производителей, особенно для малых и средних предприятий снизить транзакционные и транспортные издержки, а также...» [9], обеспечения необходимого учета потребностей бизнеса в рамках механизмов регионального планирования и продовольственной безопасности региона.

Агропромышленная кластеризации в Республике Таджикистан будет осуществляться при государственной поддержки, в том числе, принятием нормативных правовых актов, привлечением инвестиций, обеспечением фискальных льгот и осуществляется в четыре этапа [5].




***Рис.1. Модель формирования региональных агропродовольственных кластеров*** [3]

Отсюда, создание и развитие агропродовольственного кластера (Рис.1.) как формы межотраслевой кооперации, организационного и экономического объединения технологически взаимосвязанных аграрных, промышленных предприятий и инфраструктуры в единое целое – аграрно-промышленную экономическую систему способствует обеспечению оптимизации положения отечественных предприятий в производственных цепочках создания стоимости, содействуя повышению степени переработки добываемого сырья, импорт замещению и росту локализации отечественных товаропроизводителей, а также повышению уровня неценовой конкурентоспособности отечественных товаров и услуг, интенсификации механизмов государственно-частного партнерства.

Достоинство кластерного подхода состоит в том, что он позволяет комплексно, системным образом рассматривать ситуацию в группе взаимосвязанных предприятий, имеющих отношение к различным отраслям. Помимо этого, кластерный подход дает возможность применить в качестве «стержня» стратегии развития кластера инициативы, выдвинутые и реализуемые фаворитами бизнеса, которые, подобным способом, гарантированно будут успешно реализованы.

Кластерная политика направлена на повышение конкурентоспособности и инновационного потенциала предприятий и отдельных реальных секторов экономики, развитие малого и среднего предпринимательства, диверсификацию экономики через стимулирование и развитие региональных отраслевых кластеров.

Развитие кластерной политики может повлиять на рост конкурентоспособности мясомолочной отрасли за счет реализации потенциала эффективного взаимодействия участников кластера, связанного с их географически близким расположением, включая расширение доступа к инновациям, технологиям, ноу-хау, специализированным услугам и высококвалифицированным специалистам, формированием предпосылок для реализации совместных кооперационных проектов и продуктивной конкурентной борьбы.

Кластерная политика действительно эффективна для увеличения уровня конкурентоспособности отдельных субъектов или стран в целом, поэтому формирование и развитие кластеров в Республике Таджикистан является важным для повышения экономического развития региона и улучшения его финансового состояния в целом.

Свидетельство успешного применения кластерной политики обеспечивается за счет конкурентоспособности.

Создание агропродовольственных кластеров принесет региону социально-экономический и экологический эффект и будет способствовать росту конкурентоспособности территориальной социально-экономической системы (рис. 2) [4; 333-338].




***Рис. 2. Влияние агропромышленного кластера на конкурентоспособность региона***

Как и любой другой инструмент регионального развития, кластерная организация агропродовольственного сектора будет эффективной только при учете специфических особенностей региона, его конкурентных преимуществ и приоритетным направлениям развития агропродовольственного кластера республики станет мясное и молочное скотоводство [6; 7], в котором наблюдаются периоды роста и спада, количественные и качественные изменения, положительные и отрицательные тенденции [11].

**Результаты исследования**. В настоящее время в Таджикистане значительная доля малых предприятий аграрной сферы – кооперативов и фермерских хозяйств переживают кризисный период, они практически исключены из цепочки создания добавленной стоимости. Для малых фермерских хозяйств очень сложно модернизировать производство, внедрить новые технологии, расширить рынок сбыта своей продукции. Они не являются привлекательными для инвесторов и компаний-закупщиков.

При решении этих проблем, в течение ближайших двух десятилетий таджикское аграрное хозяйство постепенно приобретет более современный вид, как в развитых странах, и республика будет отвечать критериям индустриально-аграрного государства.

Формирование и развитие агропромышленного кластера в Согдийской области необходимо проводить «поэтапно» с целью определения эффективности его функционирование и степени влияние на экономику региона.

Далее рассмотрим, последовательность этапов создание и развитие агропромышленного кластера в Согдийской области.

**Таблица 1. - Производство мясо и молока в Согдийской области за 2017-2021 годы (тыс. тонн)**

| Показатели | Годы | | | | | 2021 год к в 2017 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| **Скоты и птицы (в живом весе)** | **54,6** | **56,5** | **58,6** | **66,6** | **75,8** | **138,8** |
| Общественные хозяйства | 1,0 | 1,1 | 3,0 | 10,3 | 17,6 | 17,6 раза |
| Дехканские хозяйства | 2,2 | 2,2 | 2,0 | 2,2 | 3,6 | 163,6 |
| Хозяйства населения | 51,4 | 53,2 | 53,6 | 54,1 | 54,6 | 106,2 |
| **Молоко** | **255,6** | **264,9** | **269,2** | **273,0** | **276,7** | **108,3** |
| Общественные хозяйства | 2,8 | 2,6 | 2,4 | 2,6 | 3,0 | 107,1 |
| Дехканские хозяйства | 17,4 | 17,8 | 18,2 | 18,3 | 19,4 | 111,5 |
| Хозяйства населения | 235,3 | 244,5 | 248,6 | 252,0 | 254,3 | 108,1 |

***Источник:** *расчёты автора по данным: Статистический ежегодник Согдийской области, Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2022 г.-С.298*

Анализ таблицы 1. показывает, что производства мясо (в живом весе) в 2021 году по сравнению с 2017 годом в коллективных хозяйствах увеличился 17,6 раза, в ДФХ соответственно на этот показатель уменьшился 63,6%, а в хозяйствах населения этот показатель увеличился соответственно на 6,2 %. Увеличение перерабатывающих мясомолочных предприятий связано с повышением спросом на данную продукцию. Согдийская область по обеспеченности мясомолочных на душу населения занимает лидирующее место в Республике.

**Таблица 2. - Динамика переработки молока на перерабатывающих предприятиях Согдийской области за 2015-2019 годы**

| Перерабатывающие предриятии | Годы | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| **Чистые молочные продукты, всего-тонна** | 4052,2 | 4481,5 | 4251,1 | 4576,7 | 4980,7 |
| **В том числе :** | | | | | |
| ООО “Афзал Согда ” – в районе Б. Гафурова | 932,0 | 1500,3 | 1562,9 | 1715,1 | 1934,8 |
| ООО “Порсо Худжанд ” – в городе Худжанд | 1242 | 1182,3 | 1231,0 | 1329,7 | 1398,0 |
| ООО “ТоджАгроФуд” – в районе Шахристан | - | - | - | 9,2 | - |
| ООО “Пешсаф ” – в городе Худжанд | 0,9 | 71,9 | 88,2 | 232,3 | 141,4 |
| ООО “ Широз ” – в городе .Пенджикент | - | - | - | - | 93,5 |
| ЗАО «Сафеда ” – в городе Истаравшан | 28,5 | 16,0 | - | 11,3 | 15,6 |
| ОАО «Мясомолочный комбинат” –в городе Пенджикент | 86,7 | 131,3 | 172,2 | 153,9 | 157,2 |
| ООО” Масленный завод“ - в городе Исфаре | 556,3 | 377,7 | 359,6 | 354,1 | 365,7 |
| ООО «Тысячилетные плоды” – в районе Деваштич | - | - | - | 0,2 | 0,5 |
| ООО «Гунча ” – в районе Деваштич | 0,1 | - | 1,0 | - | - |
| ООО “Файзи Диёр ” – в районе Мастчох | 28,3 | - | - | - | - |
| ООО “Зартодж ” – в городе Худжанд | 89,8 | - | - | - | - |
| ООО “Шохшир ” – в городе Худжанд | 1087,6 | 1202,0 | 836,2 | 619,9 | 519,4 |
| ООО “Нури Сафар ” – в районе Мастчох | - | - | - | 150,9 | 354,7 |
| ООО “Стандарт ” – в районе Мастчох | 1,0 | 0,4 | - | 4,2 | 6,9 |
| ОО «Лидер Продукт» –в районе Б. Гафурова | 5,1 | 2,0 | - | - | - |
| ООО “Темуриён ” – в городе Худжанд | 45,1 | 43,8 | 45,6 | 36,9 | 39,4 |
| ООО “Компания Мусаффо”–в городе Худжанд | 6,8 | - | - | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ООО “Файзи Расул ” – в городе Худжанд | 548,3 | 597,3 | 484,3 | 353,3 | 343,5 |
| ООО “Кабири Худжанд” – в городе Худжанд | 46,9 | 52,6 | 76,6 | 99,2 | 120,2 |

***Источник**: расчеты автора по данным статистических органов Согдийской области за 2020 год.*

Проведенные реформы в Республики Таджикистан за последние годы начали давать свои плоды. Весь агропромышленный комплекс страны начал переходить на устойчивые рельсы, особенно данная тенденция заметна в Согдийской области.

**Таблица 3. - Экономическая эффективность переработки мяса и молока в ООО «Порсои Худжанд» за 2019-2021 годы.**

| № п/п | Показатели | Единица Измерения | годы | | | 2021 к 2019 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2019 | 2020 | 2021 | |
| 1 | Выручка от реализации переработанной продукции | т. сомони | 4328 | 4850 | 13083 | 3.0 раза |
| 2 | Затраты на переработку продукции – Всего. | т. сомони | 3864 | 4278 | 11513 | 2.9 раза |
| 3 | Прибыль от реализации продукции | т. сомони | 464 | 572 | 1570 | 3.4 раза |
| 4 | Рентабельность переработки мясо и молока | (%) | 12.0 | 13.4 | 13.6 | 113.0 |

**Источник:* Данные годовых отчетов ООО «Порсои Худжанд» за 2019-2021гг.*

Данные таблицы 3. показывает, что в целом произведенные показатели ООО «Порсои Худжанд» за последние годы положительные. Так прибыль перерабатывающего мясомолочного предприятия с 464 тыс. сомони за 2021 год. Также на перерабатывающем предприятий растет уровень рентабельности, который за последние годы составляет в среднем 13%.

Немаловажным фактором при анализе эффективности перерабатывающих предприятий, является анализ структуры затрат на переработку продукции (таблица 4).

**Таблица 4. -Структура себестоимости переработки мясомолочной продукции на ООО «Порсои Худжанд» за 2019-2021 годы.**

| № п/п | Показатели | 2019г. | | 2020г. | | 2021г. | | 2021 г. к 2019г. (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | тыс. смн | (%) | тыс. смн | (%) | тыс. смн. | (%) | |
| 1 | Затраты – Всего: в том числе: | 3864 | 100 | 4278 | 100 | 11513 | 100 | 2.9 раза |
| 2 | Заработная плата с отчислением в ФСЗН (25%) | 836 | 21.6 | 915.6 | 21.4 | 2270 | 19.7 | 2.7 раза |
| 3 | Сырье и материалы | 2407 | 62.3 | 2153 | 50.3 | 8008 | 69.6 | 3.3 раза |
| 4 | ГСМ | 146 | 3.8 | 131 | 3.1 | 363 | 3.2 | 2.5 раза |
| 5 | Содержание зданий и инфраструктуры | 84 | 2.2 | 87 | 2.0 | 110 | 1.0 | 13.1 |
| 6 | Амортизация | 80 | 2.1 | 305 | 7.1 | 305 | 2.6 | 3.8 раза |
| 7 | Арендная плата | 83 | 2.1 | 87 | 2.1 | 22 | 0.2 | -26 |
| 8 | Прочие затраты | 228 | 5.9 | 599.4 | 14.0 | 435 | 3.7 | 1.9 раза |

***Источник: Данные годовых отчетов ООО «Порсои Худжанд» за 2019-2021гг. и расчеты автора.***

Анализ структуры себестоимости, перерабатываемой мясомолочной продукции в ООО «Порсои Худжанд», показывает, что в последние годы в структуре затрат предприятия произошли коренные изменения. Так затраты на аренду зданий и сооружений снизились на

61 тысяч сомони. Причина данного положения в том, что за последние годы предприятия ввело в действие несколько производственных корпусов за счет получаемой прибыли. Пандемия коронавируса внесло свои коррективы в непредвиденные затраты, связанные с пандемией, хотя надо справедливо подчеркнуть, что руководство выполняет всё свои социальные обязательства.

Анализ формирования агропромышленных кластеров особенно в мясомолочном подкомплексе показал, что в Согдийской области наметилась устойчивая тенденция развития этих кластеров.

**Заключение.** Таким образом, региональный агропродовольственный кластер генерирует устойчивое развитие АПК Согдийской области благодаря наличию синергетического эколого-социально-экономического эффекта и соблюдению основных принципов кластерного развития: распространению инноваций, конкуренции и кооперации участников, плодотворному сотрудничеству крупного, среднего и малого бизнеса, развитию инновационно-инвестиционной инфраструктуры, снижению трансакционных издержек, что в совокупности обеспечивает кластерным субъектам дополнительные конкурентные преимущества.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Абдураҳимов А.А., Истамова С.А.Ташаккули кластерҳои агросаноатии гӯшту шир дар вилояти Суғд. // Ахбори ДДҲБСТ, силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2023, №1(94).-С.25-34.

2. Абдурахимов А.А. Методические основы оценки эффективности отрасли молочного скотоводства с использованием кластерного метода // Теоретический и научно-практический журнал “Кишоварз”. 2018, №2(78).108с.-Стр.77-82.

3. Богданова О. В. Методические аспекты формирования регионального аграрного кластера // Российское предпринимательство. — 2012. — № 19 (217). — С. 139–144.

4. Васильев К.А. Развитие кластеров в аграрной сфере региона и оценка их эффективности // Экономика и предпринимательство. 2015. № 4 (ч. 2). С. 333-338.

5.Закон Республики Таджикистан «О государственной поддержке отраслей агропромышленного комплекса Республики Таджикистан» г. Душанбе, от 18 марта 2022 года, №1866

6. Игнатова Т.В., Полянин А.В. Управление развитием инновационного потенциала АПК в контексте политики импортозамещения // Russian Journal of Agricultural and Socio-Economic Sciences. 2017. № 9.

7. Истамова С.А., Абдурахимов А.А. Самаранокии иқтисодии кластерҳои агросаноатии гӯшту ширӣ//Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии “Кишоварз”2023,№1(98).321с.-С.292-297

8. Концепция инновационного развития агропромышленного комплекса Республики Таджикистан. Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2014 года, № 144.

9.Концепция создания и развития агропромышленных кластеров в Республике Таджикистан на период до 2040 года. Постановления Правительства Республики Таджикистан от 28 октября 2020 года, №566

10.Портер М. Конкурентное преимущество. Как достичь высокого результата и обеспечить его устойчивость. - М.: Альпина Паблишер, 2016. 716 с.

11.Черкасова Т. П., Акимова Т.М. Особенности кластерного инструментария региональной агропромышленной политики //Проблемы экономики, 2018, №1, С.120-126

## СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ

***Абдурахимов Абдугаффор Абдувоситович*** **-** *к.э.н., профессор РАЕ, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова». E-mail: abdugafar58@mail.ru*

АБДУРАҲМОН Ҳ., ШАМСОВ Ф.Т.

# ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ ИНТЕРНЕТ–МАРКЕТИНГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Интернет-маркетинг ин амалияи истифодабарии ҳамаи ҷабҳаҳои маркетинги анъанавӣ дар Интернет мебошад, ки унсурҳои асосии маркетинг-миксро аз қабили, мол, нарх, ҷойи фурӯш ва ҳавасмандгардониро дарбар мегирад.

Ҳадафи асосии интернет-маркетинг ин ба даст даровардани самараи бештар аз муштариёни имконпазири сомона мебошад. Унсурҳои асосии маҷмӯи интернет-маркетинг инҳо мебошанд: мол, нарх, пешбурд, ки дар худ ҳамаи маҷмӯи воситаҳоро (пешбурди ҷустуҷӯӣ, рекламаи контекстӣ, рекламаи баннерӣ, маркетинги вирусӣ, маркетинги пӯшида, рекламаи интерактивӣ, кор бо блогҳо ва ғайра) макони фурӯш, яъне сомонаро дарбар мегирад.

Интернет-маркетинг дар худ унсурҳои низоми зеринро ба мисоли реклама дар медия, рекламаи контекстӣ, маркетинги ҷустуҷӯӣ дар умум ва SEO дар алоҳидагиро дарбар мегирад. Истифодабарии вожаи “Интернет-маркетинг” одатан истифодаи стратегияи маркетинги мустақими фикрронӣ, ки аз рӯи анъана ҳангоми ирсолкунии мустақими почтавӣ, бо радио ва роликҳои рекламавии телевизионӣ, танҳо дар инҷо онҳо нисбат ба фазои тиҷоратии Интернет истифода бурда мешаванд.

Ин усулҳо ҳангоми истифодабарӣ дар Интернет бисёр самарабахш мебошанд, зеро имконияти аниқ назорат намудани омор ва дар тамоси доимӣ будан бо харидорон хоҳ дар бахши B2B ва ё B2C (бизнес-истеъмолкунанда)-ро доранд. Айни замон дар бисёр кишварҳои тараққикарда қариб корхонаи бузурги саноатие вуҷуд надорад, ки молу хизматрасониҳои худро тавассути Интернет реклама накунад.

Таҳия ва истифодабарии фаъоли технологияҳои нав рақамикунонии босуръатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба вуҷуд овард. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба аксари мамлакатҳо имконият доданд, ки афзалияти рақобатии худро баланд бардоранд [2].
Масусан ин дар тамоюли рушди фазои интернетӣ дар ҳаёти ҷамъият мушоҳида карда мешавад. Шумораи истифодабарандагони Интернет таи солҳои охир афзоиш ёфтанд.

**Воситаҳое, ки айни замон дар интернет-маркетинг васеъ истифода бурда мешаванд, инҳоянд:**

1. Сохтани сомонаҳо;
2. SEO-пешбурд имкон медиҳад, ки рейтинги сомонаҳо аз ҳисоби муносибгардонии ҷустуҷӯӣ беҳтар карда шаванд;
3. Рекламаи контекстӣ, ки яке аз воситаҳои дар маркетинги ҳозиразамон васеъ паҳншуда ба шумор меравад. Ин намуди реклама эълонҳои рекламавиро ба манфиати истифодабарандагон мутобиқ мегардонад. Яке аз калонтарини намунаи онҳо шабакаҳои рекламавӣ аз ширкатҳои “Google” ва “Яндекс” ба ҳисоб меравconfigand;
4. Рекламаи таргетӣ - ин намуди реклама имконият медиҳад, ки гуруҳи мақсадноки истифодабарандагон аз рӯи маҷмӯи нишондиҳандаҳо муайян интихоб карда шуда, он буҷети рекламаро боз ҳам сарфа мекунад;
5. Хизматрасонии гуруҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Муҳим аст, ки доимо бо аудитория дар шабакаҳои иҷтимоӣ тамосро нигоҳ дошта, бо онҳо бояд бевосита гуфтугу намоем.

Воситаҳои интернет-маркетингро метавон дар ҳолатҳои бuҳронӣ, вақте ки ширкат ба аксуламали фаврӣ оид ба тағйироти вазъи бозорӣ дар ҳолате, ки дигар воситаҳоро истифода бурда наметавонад, эҳтиёҷ дорад.

Инчунин, паҳлуҳои қавии маркетинги рақамӣ бояд имконияти бо истеъмолкунандагон алоқаи баръаксро муқаррар намудан, фарогирии аудитория бо миқдори номаҳдуд, афзоиши молҳо ва хизматрасониҳо ва зуд гузаронидани созишномаҳоро ҷудо намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Афазалият ва камбудиҳои интернет-маркетинг**

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| ✓ Ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаҳои хурд ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти амалиётии онҳо;<br>✓ Бартараф намудани маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ;<br>✓ Дастрасии 24/7 рӯз дар ҳафта;<br>✓ Сарфаи захираҳо барои рекламаи ҷалби муштариён;<br>✓ Ба даст овардани омори пурра;<br>✓ Фардикунонӣ ва имконияти реклама намудани танҳо аудиторияи мақсаднок-таргетинг;<br>✓ Мавҷудияти имкониятҳои хонандагон ва мухлисон, ки контентҳоро истифода мебаранд;<br>✓ Зиёд намудани шумораи муштариён;<br>✓ Васеъ фаро гирифтани аудитория;<br>✓ Зиёд намудани муддати вақти рекламавӣ барои ширкат;<br>✓ Баланд бардоштани дараҷаи дараҷаи садоқати муштариён ва пурзур намудани шуҳрат дар Интернет тавассути истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ;<br>✓ Имконияти муқаррар намудани робитаи бевосита бо аудитория ва алоқаи зуди баръакс бо истеъмолкунандагон;<br>✓ Сабукӣ ва босуръат гузаронидани онлайн-муомилотҳо ҳангоми хариди молҳо;<br>✓ Афзоиши мол ва хизматрасониҳо;<br>✓ Универсалӣ будан, зеро ки амалан барои ҳамаи соҳаҳои фаъолият мувофиқат кардан. | Мавҷуд набудани робитаи рӯ ба рӯ;<br>Зарурияти таъмин намудани бехатарӣ ва махфӣ будан;<br>Мавҷуд намудани боварӣ;<br>Вобастагӣ доштан аз технология;<br>Хароҷотҳои хизматрасонии техникӣ;<br>Дараҷаи пасти сохторҳои рақамӣ;<br>Шиддат ёфтани рақобати нархӣ;<br>Шиддат ёфтани рақобати ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;<br>Дараҷаи пасти донишҳои техникии маркетологҳо, мавҷуд набудани фаҳмиши принсипҳои асосии кор дар муҳити рақамӣ;<br>Интихоби шабакаҳои трафик;<br>Мавҷуд набудани автоматикунонӣ;<br>Мавҷуд набудани ягонагӣ;<br>Суръати пасти Интернет;<br>Арзиши баланди Интернет. |

Чи гунае, ки аз ҷадвали 1. маълум мегардад афзалиятҳои интернет-маркетинг назар ба камбудиҳои он зиёд буда, истифодаи он ба рушди ҳар як ширкат саҳми арзандаи худро мегузорад.

Истеъмолкунандагони муосирро рекламаи муқаррарӣ дилгир кардааст, аз ин лиҳоз барои сазовор шудани боварии онҳо зарур аст, ки кори бошуур ва аслиро бо аудиторияи мақсадноки мушаххас ба роҳ монем. Маркетинги муосир воситаҳои зиёдеро дар даст дорад, ки қодиранд рушди ҷалби аудиторияи муосирро таъмин намояд. Он натанҳо имкон медиҳад, ки маҳсулот ва ё хизматрасониҳо фурӯхта шаванд, балки барои нигоҳ доштани тамоси ширкат ва истеъмолкунандагон тавассути технологияҳои нави рақамӣ мусоидат мекунад.

Интернет-маркетинг нисбатан камхарҷ, самаранок ва мавзун буда, он қодир аст, ки таъсири байниҳамдигарии тиҷорат ва ширкатҳои дилхоҳ миқёс ва соҳаҳоро таъмин намояд. Аммо зарур аст, ки бо ёрии мутахассисони соҳаи муайяни ин стратегия, ки дар сатҳи баланд

тарҳрезӣ шудааст, инчунин интихоби воситаҳои зарурӣ ва интихоби аудиторияи мақсаднок амалӣ карда шавад [1].

Баъди оне, ки Интернет рушд намуд, тағйиротҳои назаррас дар маркетинг ба миён омада, он мавқеи ҷаҳониро касб намуд. Ширкатҳое аз қабилӣ (Google, Facebook, Amazon, Alibaba ва ғайра, ки қаблан дар бораи онҳо маълумот кам буд, ба корпоратсияҳои байналхалқӣ табдил ёфтанд, ки бозингардони асосии иқтисодиёти муосир ба ҳисоб меравand [4].

Инноватсияҳои технологӣ дар асоси интернет-технология, нақлиёт, алоқа, дизайн, соҳаи замимаҳои рақамиро васеъ гардонида, дар ҳаёти одамон, ба иқтисодиёти истеҳсолот ва тақсимот васеъ гардонида, тиҷорати электронӣ имконият дод, ки хароҷотҳо коҳиш дода шуда, ба муомилот суръат бахшид [5].

Интернет – маркетинг ҳоло соҳаи ояндадори иқтисодиёти рақамӣ ба шумор меравад. Он ҳамзамон дастрас, ҷолиб ва мавзун буда, аммо аз баъзе ҷиҳат мураккаб буда, воситаҳои худро дорад. Дар давраи истифодаи фаъоли Интернет муоширот бо аудитория тавассути технология афзоиш ёфта, реклама нисбатан фардӣ кунонида шудааст. Аз ин лиҳоз, интернет – маркетинг айни замон хеле муҳим мебошад. Бояд қайд кард, ки маркетинги рақамӣ бо алоқаи мобилӣ ва шабакаи байналмилалии Интернет алоқамандии зич дорад.

Мумкин аст, се самти асосии интернет-маркетингро ҷудо намоем, ки тибқи он истифодабарии восита ва хусусиятҳои он мувофиқи мақсад аст:




**Расми 1. Самтҳои асосии интернет-маркетинг**

Яке аз самтҳои муҳими маркетинги электронӣ ин гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешбурд мебошад, ки аз қисмҳои муҳими таркибии фаъолияти тиҷоратии дилхоҳ ширкат аст. Чи гунае, ки таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда нишон медиҳад, истифодабарии Интернет бо мақсадҳои пешбурди молу хизматрасониҳо самараи бисёр медиҳад.

Технологияи аз ҳама машҳуре, ки дар маркетинги рақамӣ истифода бурда мешавад, айни замон веб-сомонаҳо, почтаи электронӣ, блогҳо, замимаҳо барои смартфонҳо, банерҳои рекламавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравand.

Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳама ширкату корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ дар фаъолияти тиҷоратии худ аз шабакаи байналмилалии Интернет васеъ истифода мебаранд. Ҳатто, баъзе аз онҳо дар шабакаи байналмилалии Интернет сомонаи расмии худро надоранд ва ё сомонаи онҳо мавҷуд аст, вале дар бораи фаъолияташон маълумот хеле кам буда, фаъол нестанд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷорат тавассути Интернет бештар дар корхонаҳои савдои чакана, аз қабили хариду фурӯши сару либос, маҳсулоти доруворӣ, консетикӣ, автомобил, телефонҳои мобилӣ, ҳамзамон як қатор ширкатҳои соҳаи хизматрасонӣ то андозае рушд намудааст. Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ аз ширкату корхонаҳои ватанӣ тақозо менамояд, ки тиҷорати электронӣ ва интернет-маркетингро дар фаъолияти худ ҷоннок намоянд.

Бояд қайд кард, ки суръати хизматрасониҳои Интернет низ дар кишвар хеле паст буда, арзиши баланд дорад, ки ин яке аз мушкилоти асосӣ барои ширкатҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои заруриро барои рақамикунонии иқтисодиёт дошта, вале мутаасифона дар рейтинги байналхалқӣ мавқеи қаноатбахш надорад.

Вобаста ба рушди соҳаи алоқа Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: "Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест" [6].

**Ҷадвали 2. Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021 [3]**

| № | Номи ширкат | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП "ТТ- Мобайл" | 1110071 | 1813300 | 1278356 | 1287010 | 1319690 |
| 2 | ҶДММ "Tcell" | 2672845 | 2778925 | 2732207 | 2632593 | 2706995 |
| 3 | ҶДММ "Вавилон – Мобайл" | 903486 | 1010658 | 1049068 | 1168923 | 1152452 |
| 4 | ҶДММ "Таком" | 1550717 | 1249630 | 1053793 | 981049 | 1045986 |
| 5 | Дигар ширкатҳо | - | - | - | - | 162416 |
| **Ҳамагӣ** | | **6237119** | **6852513** | **6113424** | **6069575** | **6387539** |

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори хизматрасонии алоқа барои истифодаи умум 490 ташкилот амал мекунанд. Аз ташкилотҳои номбурда дар деҳотҷойҳо 310 - тои он фаъолият мекунанд, ки 63,2%-ро ташкил медиҳанд. Айни замон мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба чор оператори алоқаи мобилӣ, ҶДММ "Тселл", ҶДММ "Вавилон-мобайл", ҶСП "ТТ мобайл", ҶДММ "Таком" дар гузаронидани чорабиниҳои инфиродӣ оид ба хизматрасонии мобилӣ 11 иҷозатнома дода шудааст.

Айни замон яке аз мавқеъҳои пешсафро дар байни операторони мобилӣ ҶДММ "Тселл" ишғол намуда, бо саҳми 40,6%-и бозорро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 3. Шумораи истифодабарандагони Интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2017-2021 [3]**

| Солҳо | Истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ | Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта, % | Шумораи аҳолӣ, одамон | Ҳиссаи истифодабарандагон шабакаҳои интернетӣ (бо % ба шумораи умумӣ аҳолӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 2017 | 2514763 | 34,5 | 8931200 | 28,2 |
| 2018 | 2947627 | 17,2 | 9126600 | 31,9 |
| 2019 | 3219255 | 9,2 | 9313800 | 34,6 |
| 2020 | 3346740 | 1,04 | 9506300 | 35,2 |
| 2021 | 3471890 | 3,7 | 9886800 | 35,1 |

Аз таҳлилҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавқеи пешсафро дар таъмини аҳолӣ бо интернет ҶДММ "Tcell" бо 42,4% шумораи умумии муштариён ишғол мекунад. Мавқеи дуюмро ширкати мобилии ТТ-"Mobile" бо 20,7% бозор ишғол мекунад. Мавқеи пешбарии ширкати ҶДММ "Вавилон Мобайл" ва ҶДММ "Таком" 17,2%-ро ташкил медиҳад.

Интернет-маркетинг соҳаи ояндадори иқтисодиёт буда, ҳангоми таҳияи стратегияи дуруст он метавонад бисёр афзалиятҳоро барои ширкатҳои бузург таъмин намояд.

Тиҷорати электронӣ ва интернет-маркетинг қисми ҷудонашавандаи дилхоҳ чорабиниҳои маркетингӣ ба ҳисоб мераванд. Сегменти интернет-маркетинг ва реклама ҳам дар бахши истеъмолӣ ва ҳам дар бозори B2B афзоиш ёфта истодааст. Мумкин аст, ки мушкилот ва афзалиятҳои рушди интернет-маркетингро муайян созем.

Айни замон ҳалли рақамӣ мавқеи асосиро дар модели идоракунии истеъмолот, маркетинг ва идоракунии тиҷорат ишғол менамояд. Ширкатҳо муҳиммияти ташкили муносибатҳои рақамиро бо истеъмолкунандагон дарк намуданд. Онлайн-маркетинг ва ё маркетинги рақамӣ вожае мебошанд, ки раванди истифодабарии технологияи рақамиро барои пешбурди брендҳо, ба даст овардани боварии истеъмолкунандгон ва ташаккули завқи онҳо, инчунин нигоҳ доштани аудиторияи мақсаднок ва афзоиши фурӯш мусоидат мекунад. Аз дигар паҳлу маркетинг ҳамчун фаъолият, равандҳое фаҳмида мешавад, ки ба технологияи рақамӣ баҳри ташкил ва қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва дигар тарафҳои манфиатдор равона карда шудааст [1].

**Омилҳои асосие, ки ба рушди интернет-маркетинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, инҳо дохил мешаванд:**

✓ Баланд бардоштани мавқеи маркетинг дар тафаккури ҷомеа;

✓ Ташкили шуъбаҳои таҳқиқоти маркетингӣ, тиҷорати электронӣ, интернет-маркетинг ва робита бо ҷомеа дар донишгоҳ ва ширкату корхонаҳо вобаста ба самти фаъолият;

✓ Тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи маркетинг, менеҷмент ва технологияҳои иттилоотӣ;

✓ Паст намудани нархҳо аз истифодабарии Интернет ва арзиши тарофаҳо;

✓ Афзоиши баробари рушди технологияҳои рақамӣ байни шаҳр ва деҳот;

✓ Беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ дар кишвар, ки ба тақозои аҳолӣ алоқамандии зич дорад;

✓ Мукаммал намудани донишҳои техникии кормандон ва баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии техника ва технолия, ки бо Интернет алоқамандӣ доранд;

✓ Баланд бардоштани донишҳои истеъмолгарон оид ба тиҷорати электронӣ ва интернет-маркетинг тавассути видиороликҳои рекламавӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ташкили вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, конференсия ва ғайра;

Бартараф намудани мушкилоти болозикр ба рушди интернет-маркетинг дар Ҷумҳури Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Рушди минбаъдаи интернет-маркетинг дар навбати аввал аз мукаммалгардонии IT-технология аз қабили: зеҳни сунъӣ, ки истифодаи он имконият медиҳад талаботҳои харидоронро идора намуда, контенти беназиирро мустақилона навишта, объектҳои муайянро дар расмҳо муайян кунем. Инчунин, интернет-маводҳо (LOT), арзи рақамӣ (LOP), Android, технологияи муайянсозии биометрӣ, блогчейнҳо ва ғайра.

Ҳамин тариқ, рушди технологӣ консепсияи иҷтимоӣ-ахлоқии маркетингро васеъ гардонида, ба табдил ёфтани амалияи маркетинги анъанавӣ ба муносибатҳои истеҳсолот, пешбурд ва паҳн намудан оварда, инчунин имконият медиҳад, ки стратегияи идоракунии брендҳо шакли нав гирифта, алоқаи баръакси бевосита аз аудиторияи мақсадноки молу хизматрасониҳоро интизор шавем.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46). – С. 176-182.

2. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Афзалиятҳо ва хусусиятҳои маркетингӣ рақамӣ дар шароити муосир // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир”. Душанбе, 2022.

3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022. саҳ. 307.

4. Ворошилов И.И., Гонсалес Д.Э. Преимущества и риски цифрового маркетинга. [Электронный ресурс]: Вести научных достижений. Экономика и право. 2020 год. №5. – С. 223–228. // [Электронный ресурс]: https://vestind.ru.
5. Киреева Н.А., Интернет-маркетинг как перспективная область развития современной цифровой экономики. [Электронный ресурс]: https://elibrary.ru.
6. Паёми Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 23.12.2022, ш. Душанбе. (Захираи электронӣ): https://mfa.tj/tg/main/view.

## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН*

*1. **Шамсов Файзулло Таварович** – старший преподователь кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского государственного университета коммерции. Тел.: (+992) 907807744. E-mail: Faizullo_1968@mail.ru*
*2. **Абдурахмон Хакимзода** - старший преподователь кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского государственного университета коммерции. Тел.: (+992)907704890. E-mail: hakimzod-90@mail.ru*

**АБДУРАҲИМОВ С.Қ.**

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ АЗ ҶОНИБИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ

*Яке аз субъектҳои фаъол ва намоёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши муҳим ва арзанда доранд, субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ мебошанд. Нақши муҳим ва арзанда доштани субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ пеш аз ҳама, дар тарбия ва ба камол расонидани насли наврас, инчунин тавассути таъмини тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо мутахассисони касбу кори гуногун ва умуман соҳибмаълумот намудани тамоми аъзои ҷомеа зоҳир меёбад.*

*Пас, ба хулоса омадан мумкин аст, ки рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар баробари дигар омилҳо, инчунин аз рушду инкишофи мукаммали субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, ки самти муҳим ва асосии амалисозии сиёсати давлатии соҳаи маориф дар мисоли соҳибмаълумот намудани ҷомеа ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, низ вобастагӣ дорад. Бояд қайд кард, ки ҳарчанд ҳоло ба фаъолияти таълимӣ на танҳо ташкилотҳои таълимӣ, балки соҳибкорони инфиродӣ низ ҳамчун шахси воқеӣ ба амалисозии фаъолияти таълимӣ машғул бошанд ҳам, вале нисбати охирин таҳқиқоти илмӣ камтар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур тасмим гирифта шуд, ки танҳо доир ба яке аз субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, хусусан соҳибкорони инфиродӣ то қадри имкон изҳори ақида намоем.*

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [1] аз 22 июли соли 2013, №1004 (минбаъд - қонун дар бораи маориф) ва қонунгузории марбут ба зинаҳои таҳсилот соҳибкорони инфиродиро дар баробари ташкилотҳои таълимӣ, хусусан муассисаҳо ҳамчун субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ муқаррар накардаанд, вале, баъзе муқаррароти қонун дар бораи маориф, ки нисбати фаъолияти омӯзгорӣ равона гардидаанд ба мавҷудият ва фаъолияти падидаи соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи маориф шаҳодат медиҳанд. Масалан, дар моддаи 1 қонун дар бораи маориф мафҳуми расмии «фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ» дода шудааст, ки мувофиқи он фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ чунин фаъолияти омӯзгорие, мебошад, ки он аз тарафи омӯзгор дар муассисаи таълимӣ берун аз вақти корӣ ва ё берун аз муассисаи таълимӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад.

Мувофиқи қонун дар бораи маориф фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ, ки ба гирифтани даромад равона шудааст, фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб мешавад ва он бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шавад(қисми 6, моддаи 48). Қонун дар бораи маориф дар моддаи 58 бошад ба тамоми омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти пулакии омӯзгориро, инчунин дигар намуди фаъолияти тиҷоратиро, ки барои машғул гардидан ба он қонунгузорӣ манъ накардааст, дар асоси шартнома кафолат додааст. Қонун дар бораи маориф дар моддаи 48 ба кадом сифат ба қайди давлатӣ гирифтани фаъолияти инфиродии омӯзгориро, ки ба гирифтани даромад равона шудааст, пешбинӣ накардааст, вале дар сарчашмаҳои расмии ватанӣ фаъолияти мазкур ҳамчун соҳибкори инфиродӣ, субъекти алоҳидаи хизматрасонии пулакии таълимӣ номбар гардидааст[2, с.458, 232]. Масалан, дар замимаи 5 ба Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2022, №151 тасдиқ гардидааст, яке аз номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалишаванда ва андозаи пардохт барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус, фаъолияти репетиторӣ ва таълимии инфиродӣ пешбинӣ шудааст[3]. Сарчашмаҳои расмии ватанӣ низ шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти таълимиро дар маҷмӯъ ду субъект яке соҳибкорони инфиродӣ ва дигаре ташкилотҳои таълимӣ, хусусан муассисаҳо ҳуқуқи амалӣ намудан доранд[4, с.9, 8].

Қонуни Федералӣ «Дар бораи маориф дар Федератсияи Россия» аз 29 декабри соли 2012, №273-ФЗ (минбаъд - қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия) бошад ба таври алоҳида ва мушаххас дар моддаи 21, ки он фаъолияти таълимӣ номгӯзорӣ шудааст, номгӯи субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимиро аз ташкилотҳои таълимӣ ва дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонуни мазкур аз ташкилотҳои амалисозандаи таълимӣ, инчунин соҳибкорони инфиродие, ки амалигардонии фаъолияти таълимиро ба зимма доранд, иборат донистааст[5]. Чунонки аз қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия маълум мешавад, фаъолияти таълимиро ғайр аз ташкилотҳо, инчунин соҳибкорони инфиродӣ низ ҳамчун шахсони воқеӣ ҳуқуқи амалӣ намудан доранд. Пешниҳод мешавад, ки бо истифода аз таҷрибаи моддаи 32 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия дар қонун дар бораи маориф моддаи алоҳида низ таҳти унвони «Соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда» пешбинӣ карда шавад.

Чун сухан оид ба амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз ҷониби шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ меравад, пас савол ба миён меояд, ки шахси воқеӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар кадом зинаҳои таҳсилот доранд? Чунки қонун дар бораи маориф соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи ниҳоят васеъ, мураккаб, аз ҷиҳати фарогирии шумораи аҳолӣ ниҳоят зиёд ва дар айни замон соҳаи афзалиятнок ва стратегӣ дар моддаи 1 ба зинаҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ), ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҷудо намуда, ҳамзамон дар моддаҳои 21, 22 ва 23 мутаносибан падидаҳои «таҳсилоти иловагӣ», «таҳсилоти махсус» ва «таҳсилоти калонсолон» - ро низ муқаррар кардааст. Ҳар як зинаҳои таҳсилот дар баробари дорои хусусиятҳои умумӣ, инчунин дорои хусусиятҳои ба худ хос ва дар айни замон аз ҳамдигар фарққунанда буда, ба назари мо онҳо бояд дар қонунгузории амалкунандаи кишварамон муқаррар карда шаванд.

Пас, саволи матраҳ аз он иборат аст, ки шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар кадом зинаҳои таҳсилот ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дорад? Мутаассифона, ба саволи мазкур қонун дар бораи маориф дар мафҳуми расмии фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ(моддаи 1), фаъолияти омӯзгорӣ(моддаи 48), фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимӣ(моддаи 58), ки дар муқаррароти онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ танзим гардидаанд ва посухи саволи мазкур низ ба мавзӯи танзими онҳо мансуб аст, посух муқаррар накардааст. Ғайр аз ин, дар моддаҳои 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22 ва 23 қонун дар бораи маориф, ки марбут ба зинаҳои таҳсилот ва падидаҳои таҳсилоти иловагӣ таҳсилоти махсус ва таҳсилоти калонсолон мебошанд аз ҷониби омӯзгорони алоҳида ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба истиснои муассисаҳои таълимӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Дар моддаи 32 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия бошад, омадааст, ки соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти таълимиро аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи асосӣ ва иловагӣ, инчунин барномаи таҳсилоти касбӣ амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки пас аз дар қонун дар бораи маориф ҷудо кардани моддаи алоҳида оид ба соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимии онҳо дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор низ муқаррар карда шавад.

***Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур муаллиф ба чунин хулоса омад:***

1.Ҳарчанд қонун дар бораи маориф падидаи соҳибкорони инфиродиро, ки фаъолияти таълимиро амалӣ менамоянд, муқаррар накардааст, вале таҷриба собит менамояд, ки ҳоло соҳибкорони инфиродӣ низ дар баробари ташкилотҳои таълимӣ фаъолияти таълимиро амалӣ менамоянд. Бино бар ин, пешниҳод мешавад, ки бо истифода аз таҷрибаи моддаи 32 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия дар қонун дар бораи маориф моддаи алоҳида таҳти унвони «Соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда» пешбинӣ карда шуда, вазъи ҳуқуқии ин субъектон ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ мушаххас карда шавад.

2.Мутаассифона, қонун дар бораи маориф то ҳол муқаррар накардааст, ки шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар кадом зинаҳои таҳсилот дорад. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мукаммал намудани холигии мазкур дар қонун дар бораи маориф пас аз ҷудо кардани моддаи алоҳида оид ба соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимии онҳо дар зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилоти дахлдор низ муқаррар карда шавад.

## АДАБИЁТ


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532; соли 2014, №3, мод.156; №7 қ.2, мод. 422; соли 2016, №3, мод.1148; соли 2016, №7, мод. 624; соли 2017, №7-9, мод.581; соли 2018, №5, мод.278.

2.Исматуллоева Н.А. Коммерциализация системы образования: достоинства и недостатки. // Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. Душанбе: 2016. – С.458. Исматуллоева Н.А. К вопросу об организационно-правовой форме образовательных организаций. // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. №11. – С.232.

3.Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2022, №151 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://andoz.tj/docs/postanovleniya-pravitelstvo/Qaror151_2022_Tj.pdf (санаи муроҷиат: 7.07.2023).

4.Инобат Садирова Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 25 августи соли 2022. №33 (1337) – С.9. Инобат Садирова Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 22 сентябри соли 2022. №37 (1341) – С.8.

5.Федеральный закон Российской Федерации «Об образовании в Российской Федерации» от 29. 12. 2012 №273-ФЗ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: // www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_140174/ (санаи муроҷиат: 7.07.2023).


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Абдураҳимов Сиёвуш Қудратуллоевич*** *- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Тел.: (+992)937678292; 00177829. E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru*

**АКИЛҶОНОВ Ф.Ш.**

## НАЗАРИЯҲОИ МУХТАЛИФ ДОИР БА УСУЛҲОИ ГУНОГУНИ ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ

Зарурати баланд намудани нақши давлатро дар таъмини талаботи самаранок, Ҷ. Кейнс бо норасогии механизми бозории худтанзимшаванда алоқаманд мекард. Ба ақдаи ӯ сатҳи шуғли аҳолӣ бо тағйирёбии музди меҳнат нею, балки бо тағйирёбии талаботи самаранок муайян карда мешавад, ки аз хароҷот барои истеъмолот ва инвеститсияҳо иборат мебошад. Айнан талаботи самаранок, набалки пешниҳоди захираҳо ва тағйирёбии нархи онҳо, ба ақидаи Кейнс сатҳи шуғли аҳолӣ ва даромади миллиро муайян мекунад. Талаботи самаранок низ аз рафтори соҳибкорон вобастагӣ дорад, ки барои таъмини фоидаи ҳадди аксар кӯшиш менамоянд. Ҷ. Кейнс ҳаҷми даромадро бо ҳаҷми истеҳсолот ва сатҳи шуғл алоқаманд мекард: “тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот ва сатҳи шуғл бояд ба тағйирёбии ҳаҷми даромад оварда расонад, ки дар воҳидҳои музди меҳнат ҳисоб карда шуда, тағйирёбии воҳиди музди меҳнат ба тағйироти маблағи умумии даромади пулӣ оварда мерасонад” [3, С.141].

Мобильные телекоммуникации приносят обществу как выгоды, так и проблемы. Например, Мобильные телекоммуникации способствуют социальному развитию и поощряют равенство и инклюзивность. Кроме того, эти технологии создают новое пространство - киберпространство. Это пространство отделено от физического или офлайн-пространства. Появление этого пространства привело к тому, что регулирующие органы столкнулись с трудностями при разработке подходящих нормативных актов. Речь идет о нормативных актах, которые понимают работу и динамику Мобильные телекоммуникации. В основном регулирующие органы принимают нормативную базу, которая подходит для контроля физической или офлайновой среды. В этих нормативных актах, в частности, признается, что источником регулирования является закон или правовые нормы. В основном регулирующие органы постоянно изобретают колесо регулирования мобильных телекоммуникаций в надежде на то, что случайно появятся или будут найдены подходящие нормы регулирования мобильных телекоммуникаций. Как следствие, нормативные акты в сфере телекоммуникаций зачастую усугубляют существующую дилемму регулирования телекоммуникационной отрасли.

Исходя из этого понимания, нормативные акты в сфере мобильных телекоммуникаций должны быть привязаны к технологиям и иметь возможность развиваться или эволюционировать вместе с ней. [2].

Регулирование мобильных телекоммуникаций в Таджикистане подразумевает многогранный подход, объединяющий практические, теоретические и унаследованные соображения. Данное исследование направлено на решение проблем, связанных с согласованием традиционных и новых рамок для эффективного регулирования мобильных телекоммуникаций и стимулирования цифрового прогресса в стране.

Опираясь на институциональную теорию, в анализе рассматриваются исторические и культурные основы, влияющие на развитие регулирования мобильных телекоммуникаций в Таджикистане. Кроме того, теория диффузии инноваций проливает свет на принятие и распространение мобильных технологий, особенно в сельских и отдаленных районах, и предлагает понимание проблем, связанных с унаследованными инфраструктурами и практиками.

В документе, включающем практические аспекты, рассматривается текущее состояние инфраструктуры мобильных сетей, нормативно-правовое регулирование и меры по защите прав потребителей. В нем также оценивается возможность разработки политики на основе фактических данных и передового международного опыта, которые могут способствовать

формированию и совершенствованию нормативно-правовой базы в области мобильных телекоммуникаций в Таджикистане.

В сфере мобильных телекоммуникаций существует несколько законодательных норм и правил, которые регулируют различные аспекты отрасли. Вот некоторые ключевые области, на которые следует обратить внимание:

1. Лицензирование и распределение спектра: Правительства регулируют распределение радиочастотного спектра, который необходим для мобильных телекоммуникаций. Они выдают лицензии операторам, обеспечивая честную конкуренцию и эффективное использование ограниченных ресурсов.

2. Защита потребителей: Нормативные акты направлены на защиту прав и интересов потребителей. Они могут включать правила прозрачного выставления счетов, защиты конфиденциальности, качества услуг и справедливых механизмов разрешения споров.

3. Сетевой нейтралитет: в некоторых странах действуют правила сетевого нейтралитета, обеспечивающие равное отношение операторов сетей ко всему интернет-трафику. Это предотвращает дискриминацию или преимущественное отношение к определенному контенту, приложениям или услугам.

4. Защита данных и конфиденциальность: Законы и нормативные акты регулируют сбор, хранение и обработку персональных данных операторами мобильной связи. Эти нормы обеспечивают безопасное обращение с информацией пользователей и их согласие.

5. Безопасность и наблюдение: Правительства могут принимать законы, обеспечивающие безопасность мобильных сетей и защиту от киберугроз. Однако существует тонкий баланс между мерами безопасности и защитой частной жизни пользователей.

6. Политика конкуренции: Власти часто контролируют и регулируют конкуренцию в секторе мобильных телекоммуникаций, чтобы предотвратить монополию или антиконкурентное поведение. Это способствует созданию справедливых рыночных условий.

7. Регулирование роуминга: во многих регионах существуют нормативные акты, обеспечивающие справедливое ценообразование и прозрачность для потребителей при использовании услуг мобильной связи за рубежом. Это предотвращает взимание чрезмерной платы за роуминг.

8. Службы экстренной помощи: Законодательство обычно обязывает операторов мобильной связи предоставлять доступ к службам экстренной помощи, что позволяет пользователям совершать экстренные звонки даже без активного тарифного плана.

Важно отметить, что конкретные законы и правила отличаются в зависимости от страны, поскольку в каждой юрисдикции существует своя нормативная база. Кроме того, отрасль мобильных телекоммуникаций динамична, и нормативные акты могут меняться в зависимости от появления новых технологий и проблем.

Таджикистан, как страна, переживающая цифровую трансформацию, сталкивается с уникальными нормативными и политическими аспектами в сфере мобильных телекоммуникаций. Подход правительства к распределению спектра, сетевому нейтралитету и законам о конфиденциальности существенно влияет на цифровой прогресс, доступ к мобильным сетям и общее развитие страны. Понимание динамики этих нормативных и политических рамок имеет решающее значение для оценки состояния мобильных телекоммуникаций и их последствий для цифрового будущего страны.

Выявление и решение политических проблем в сфере мобильных телекоммуникаций необходимо для устойчивого цифрового прогресса. В документе освещаются существующие проблемы, связанные с нормами сетевого нейтралитета и их соблюдением в Таджикистане. В нем также рассматриваются сложности обеспечения конфиденциальности и безопасности данных в контексте мобильной связи, подчеркивается необходимость разработки надежной политики, защищающей пользователей и одновременно способствующей инновациям и росту цифровой экосистемы.

Недавно в Европе была проведена реформа регулирования электронных коммуникаций. Одной из ярких особенностей реформы стало то, что большая часть экономического регулирования - так называемый режим значительной рыночной власти - основывается на антимонопольных принципах. В частности, регулируемые рынки должны быть определены в соответствии с методологией антимонопольного законодательства. [3].

Нормативно-правовая база, регулирующая распределение спектра в Таджикистане, является важнейшим компонентом сектора мобильных телекоммуникаций страны. Эффективное распределение и управление радиочастотами необходимо для развития конкуренции, обеспечения качества услуг и позиционирования страны для цифрового прогресса. Анализ распределения спектра может быть основан на теории промышленной организации, в частности, на последствиях рыночной структуры, конкуренции и регулятивных мер в телекоммуникационном секторе. Эмпирические исследования других стран могут дать сравнительный анализ эффективных подходов к управлению спектром.

Регулирование сетевого нейтралитета играет ключевую роль в обеспечении открытого и недискриминационного доступа к интернет-услугам. В контексте Таджикистана изучение теоретических основ сетевого нейтралитета, таких как принципы недискриминации, прозрачности и открытого доступа в интернет, является основополагающим аспектом данной работы. Кроме того, анализ может опираться на теорию регулирования, подчеркивая проблемы обеспечения соблюдения сетевого нейтралитета и потенциальные компромиссы между вмешательством регулятора и динамикой рынка, особенно в странах с развивающейся цифровой экономикой.

Законы о конфиденциальности, специфичные для мобильной связи в Таджикистане, требуют тщательного рассмотрения, особенно в свете растущей важности защиты персональных данных и конфиденциальности пользователей. Документ может опираться на правовые и этические основы, связанные с защитой данных, информированным согласием и правами пользователей, встраивая эти обсуждения в более широкий контекст международных стандартов и лучших практик в области защиты конфиденциальности и управления данными.

Изучение роли правительства в обеспечении справедливого доступа к мобильным сетям и содействии цифровому прогрессу требует междисциплинарного подхода. Опираясь на теории государственной политики и управления, анализ может быть направлен на изучение механизмов, с помощью которых разрабатывается, реализуется и контролируется государственная политика, направленная на достижение цифрового охвата и более широких целей социально-экономического развития. Теоретический анализ должен охватывать дискуссии о пересечении технологий, политики и общества, изучая, как политика в области мобильных телекоммуникаций может влиять на возможности образования, экономический рост и гражданскую активность.

Было принято постановление Правительства РТ №208 от 31 марта 2020 года об обязательной регистрации IMEI-кодов всех мобильных телефонов и других мобильных средств "О Порядке регистрации мобильных средств электрической связи и определение функций государственной системы идентификации мобильных средств электрической связи ", с 1 мая 2023 года внесение IMEI-кодов осуществлялось «бесплатно» с помощью единого портала оператора системы www.imei.tj.

В соответствии со статьей 6 Закона Республики Таджикистан "Об электрической связи" Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Утвердить Порядок регистрации мобильных средств электрической связи и определение функций государственной системы идентификации мобильных средств электрической связи (прилагается).

2. Регистрацию мобильных средств электрической связи производить по международным идентификаторам мобильных средств электрической связи в системе регистрации мобильных средств электрической связи (далее - система) в нижеследующие сроки:

- с момента внедрения системы в течение 3 месяцев на пилотной основе бесплатно в автоматическом режиме путем подключения (активизации) к сетям операторов мобильной связи;

- с момента окончания автоматической регистрации в течение 6 месяцев на пилотной основе бесплатно через единый портал или другими способами, указанными в прилагаемом Порядке;

- с момента окончания бесплатной регистрации на платной основе в порядке, установленном Законом Республики Таджикистан "Об электрической связи" и прилагаемым Порядком. [4].

В Таджикистане обязательная регистрация международного идентификатора мобильного оборудования (IMEI) - это государственная политика, направленная на борьбу с незаконным ввозом, оборотом и использованием мобильных устройств. Процесс регистрации требует от потребителей предоставить свою личную информацию и номера IMEI соответствующим органам. Основными причинами такой политики являются: Безопасность: Регистрация IMEI-номеров помогает отслеживать и контролировать использование мобильных устройств, облегчая правоохранительным органам поиск украденных или потерянных телефонов. Это также помогает бороться с неправомерным использованием устройств для незаконной деятельности, такой как мошенничество или терроризм.

Регистрация IMEI-номеров позволяет правительству контролировать импорт мобильных устройств и обеспечивать надлежащее налогообложение. Это помогает генерировать доходы для экономики страны.

Регистрация IMEI помогает телекоммуникационным компаниям более эффективно управлять своими сетями. Она позволяет выявлять и блокировать устройства, которые не соответствуют нормативным требованиям или были украдены. В целом, обязательная регистрация IMEI-номеров в Таджикистане направлена на повышение безопасности, регулирование импорта мобильных устройств и укрепление телекоммуникационной инфраструктуры страны.

На основе проведенного анализа в документе предлагаются рекомендации по принятию политических мер, направленных на устранение низких и других унаследованных ограничений. Они могут включать в себя целевые инвестиции в инфраструктуру, программы по наращиванию потенциала в области цифровой грамотности и переходные меры по приведению унаследованных систем в соответствие с современной нормативно-правовой базой. Исследование выступает за поэтапный подход к реформе системы регулирования, который признает и смягчает влияние низких и других унаследованных факторов на регулирование мобильных телекоммуникаций в Таджикистане.

В заключение следует отметить, что данная научная статья представляет собой углубленный анализ нормативно-правовых и политических аспектов, регулирующих мобильную связь в Таджикистане. Изучая распределение спектра, правила сетевого нейтралитета, законы о конфиденциальности и равный доступ к мобильным сетям, исследование предлагает ценные сведения о влиянии этих рамок на цифровой прогресс в стране. Результаты исследования призваны проинформировать политиков, представителей отрасли и исследователей о проблемах и возможностях формирования благоприятной нормативно-правовой среды для устойчивого развития цифровых технологий в Таджикистане.

Также, следует отметить, что данное исследование подчеркивает важность интеграции практических, теоретических и унаследованных соображений при регулировании мобильных телекоммуникаций в Таджикистане. Признавая и учитывая низкие и другие унаследованные аспекты, политики и заинтересованные стороны отрасли могут создать нормативно-правовую базу, способствующую равному доступу, цифровому прогрессу и устойчивому развитию сектора мобильных телекоммуникаций страны.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ҷурабоев Ғ., Тӯлиев М.С. Ҷанбаҳои назариявии масоили рушди иқтисодиёти рақамӣ/Тӯлиев М.С., Ҷурабоев//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2020. №3 (32). С. 124-133.
2. Alimova M. Organizational and economic foundation of improving the quality of mobile communication services in the conditions of digitalization of the economy of the republic of Tajikistan / M. Alimova//Journal of Data Acquisition and Processing Vol. 38 (2) 2023 4432 Journal of Data Acquisition and Processing Vol. 38 (2) 2023 4430 ISSN: 1004-9037 https://sjcjycl.cn/ DOI: 10.5281/zenodo.777479
3. Journal of Financial Regulation and Compliance Simplice A. Asongu African Governance and Development Institute,P. O. Box 8413, Yaoundé, Cameroon стр.2.
4. "Regulating the Global Information Society" by Brown, I. and Marsden, C.T. (2018).
5. Asongu, Simplice, Telecommunications Regulation, Mobile Money Innovations and Financial Inclusion (April 12, 2023). Journal of Financial Regulation and Compliance, 31(4), pp. 503-521 (2023)., Available at SSRN: https://ssrn.com/abstract=4416842 or http://dx.doi.org/10.2139/ssrn.4416842
6. Сомонаи расмии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https://khadamotialoqa.tj

***СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ***

***Алимова Муборак Алимджоновна*** - *старший преподаватель кафедры международных экономических отношений Таджикского государственного университета коммерции, Таджикистан, г. Душанбе. E-mail:malimova2084@gmail.com*

**АЛИМОВ К.К., АМОНОВ С.С.**

# НАҚШИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТАДБИҚИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ-САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

Бо ташаббус ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар рушд карда, омили муҳими рушди иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, соҳибкорӣ заҳмати зиёд, масъулият, маҳорат ва истеъдоди баландро талаб менамояд.

Боиси зикр аст, ки имруз соҳибкорӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардида, барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ ва пешрафти ҳаёти ҷомеа яке аз нақшҳои асосиро мебозад.

Бо ташкили корхонаҳои нав, таъсиси ҷойҳои корӣ, истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонии босифат, саҳми соҳибкорони кишвар дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва ободонии ватани азизамон назаррас мебошад.

Дар доираи дастгирии давлатии соҳибкорӣ, имрӯз аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор барнома ва воситаҳои гуногуни дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ гардида истодааст.

Баҳри рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мараторий қабул карда шуд, ки бевосита метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар замина гузорад. Давлат пайваста санадҳои меъёрию ҳуқуқиро баҳри рушди фаъолияти соҳибкорӣ такмил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон карда шавад ва то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 30 фоиз расонида шавад. [6. С.79].

«Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои соҳавӣ, амалӣ гардида истодаанд. Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок ва тақвият бахшидан ба истеҳсолот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар солҳои 2022-2026-ро “Солҳои рушди саноат” эълон намуданд, ки дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар аҳамияти бузург дорад. [1. С.13].

Аз ин рӯ, рӯз то рӯз дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои пешину бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти

рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ буда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз иқтисоди аграрӣ - саноатӣ ба индустриалӣ – аграрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри ниҳоӣ замина мегузоранд.

«Ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар бояд ба 30 фоиз расонида шуда, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад. Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонида, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки бо ба даст овардани соҳибистиқлолӣ Ҳукумати кишвар ҳамеша барои инкишоф ва рушди соҳаи саноат баҳри густариш бахшидан ба истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ба соҳаи саноат мавриди таваҷҷӯҳи махсуси қарор дода шудааст.

Хушбахтона солҳои охир аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ як қатор корхонаҳои саноатии пуриқтидор ба фаъолият шуруъ намуданд, ки дар рафти саноаткунонии кишварамон саҳми беандозаи худро гузоштаистоданд.

Захираю имкониятҳои Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёданд.

Аз ин лиҳоз, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб мераванд.

Аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардидани мораторийи дусола ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои рушди соҳаи саноат ва таъсири бевоситаи он ба бахшҳои дигари иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид мегузорад.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд.

Танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорони мамлакат ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ қариб 18 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд.

То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. [2. С.12].

Боварии комил дорам, ки бо дастгириҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар дар самти дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ташаббус ва кушишҳои соҳибкорон, шумораи соҳибкорони муввафақ зиёд гардида, бахши мазкур минбаъд низ рушд карда барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат замина бунёд намуда, кишварро ба давлати саноатӣ - аграрии пешрафта мубаддал мегардонад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе –22. 12. 2017.
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе –23. 12. 2022
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2002, № 4, қисми 1.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» аз 23 декабри соли 1992, № 451.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе аз 3 ноябри соли 2021 таҳти №549.
6. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023. Душанбе-2016.
7. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;www.president.tj.


***МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН***


*1. **Алимов Комилҷон Касирович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail: alimov-30-86@mail.ru*

*2. **Амонов Саҳбон Сарватҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. (+992) 935-77-92-00. E-mail: a_sahbon@mail.ru.*

**АМОНОВ С.С., АМИНОВ Ф.И.**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА

*Савдо яке аз соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронидашудаи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Қонеъгардонии эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба молу хизматрасонӣ заминаи мустаҳкам барои суботи иқтисодӣ ва сиёсиро фароҳам меорад, фазои мусоиди маънавӣ ва психологиро дар байни аҳолӣ таъмин менамояд. Он самти иҷтимоии фаъолияти савдо мебошад, ки танзими доимии давлатро тақозо менамояд.*

*Таҳияи стратегияи рушд дар соҳаи савдо бидуни таассуроти саҳеҳ дар бораи стратегияи рушди минтақа, бе барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди бозори истеъмолӣ ғайриимкон аст. Дарки дурусти усулҳои танзими давлатӣ барои сари вақт рафъи монеаҳо дар роҳи рушди корхонаю ташкилотҳо мусоидат хоҳад кард.*

*Ҳадафҳои стратегии танзими фаъолияти савдо, ба андешаи мо, фароҳам овардани шароити заруриро бояд эътироф кунанд, ки тавассути он назорати саривақтии бозори истеъмолӣ, бехатарии он ва риояи манфиатҳои харидорон имконпазир аст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *савдои чакана, субъектҳои савдо, бозори истеъмолӣ, сифати хизматрасонии савдо, ҳавасмандгардонии рушди савдои чакана, танзими давлатии рушди савдои чакана, ҳадафҳои стратегии танзими давлатии рушди савдо, дурнамои рушди шабакаҳои савдои чакана.*

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ хусусияти танзими савдоро ба куллӣ тағйир дод. Бекор кардани банақшагирӣ ва маблағгузории муттамарказ, ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии минбаъдаи корхонаҳо, барҳам додани сохтори амудии идоракунӣ, барҳам додани зуҳуроти монополия дар бахши яклухтфурӯшӣ боиси ба даст овардани мустақилияти пурраи ҳуқуқӣ ва иқтисодии субъектҳои фаъолияти савдо гардид. Озодии савдо, ислоҳоти нархҳо ба корхонаҳо имконият фароҳам овард, ки бо таъминкунандагон дар асоси тиҷорат ва бо салоҳдиди худ муносибатҳо ва сиёсати номгӯи молҳоро муайян карда, ба муҳити савдо ва дар ниҳоят ба истеъмолкунандагон фаъолияти худро равона намоянд.

Фурӯшанда ва харидор дар шароити иқтисоди бозорӣ ба яке аз субъектҳои афзалиятноки муносибатҳои тиҷоратӣ табдил меёбанд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки давлат бояд берун аз равандҳои дар соҳаи хизматрасонии савдо рухдода истода, бо нақши мушоҳидакунанда оид ба вазъи бозори истеъмолӣ маҳдуд бошад. Ташаббуси корхонаҳоро афзун намуда, танҳо пешниҳоди маҳсулот дар бозор, боло рафтани сатҳи хизматрасонии савдо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои харидорро кафолат дода наметавонад. Мушкилоти ҷиддӣ дар амният ва сифати молҳои фурӯхташаванда боқӣ мемонанд. Таваҷҷӯҳи ҳамешагӣ ба пешбурди рақобат ва пешгирии инҳисорот иақозо карда мешавад. Зарур аст, ки мувозинати байни эҳтиёҷоти соҳаи иҷтимоӣ ба захираҳо, имкониятҳои иқтисодии кишвар ва қонунҳои иқтисодиёти бозорӣ пайдо ва нигоҳ дошта шавад.

Дар робита ба ин, бисёр иқтисоддонҳои маъруф на танҳо дастрасӣ, балки зарурати танзими давлатии савдоро низ эътироф мекунанд. Чизи асосӣ дар ин ҷо кӯмак намудани субъектҳои савдо барои мустаҳкам кардани нуфузашон барои истеҳсоли бевоситаи молҳои истеъмолӣ, аз ҷумла дастрасӣ дар имтиёзҳои андозӣ барои рушди технологияҳои муосир ва шаклҳои савдо, навсозии заминаи ҳуқуқӣ-меъёрии савдо мебошад.

Дар бораи зарурияти танзими савдо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Фаронса, Испания, Олмон, Шветсия ва ғайра тасдиқ менамоянд, ки дар баробари мавҷуд будан ё набудани вазоратҳои соҳавӣ, инчунин хадамоти махсуси давлатӣ, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон нигаронида шудаанд, ки барои назорати риояи қоидаҳои савдо, таъсис ва дастгирии шароити рақобати озод дар бозор, таъмини бехатарии маҳсулот машғуланд.

Маънои танзими давлатии савдо дар шароити бозор, ба андешаи мо, муайян кардани "қоидаҳои бозӣ" дар бозори истеъмолӣ ва назорати истифодаи онҳо, бидуни дахолат ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо мебошад.

Вазъи имрӯза дар бозори истеъмолӣ қарорҳои сифатан дигарро дар соҳаи танзими давлатии савдо талаб менамояд. Ҳангоми амалисозии он, риояи чунин принсипҳои асосӣ, аз қабили даст кашидан аз идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ва самтгирӣ ба идоракунии равандҳои бозори истеъмолӣ ва инчунин коҳиш додани таъсири маъмурӣ ба танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ муҳим аст.

*Ҳадафҳои стратегии танзими фаъолияти савдо,* ба андешаи мо, фароҳам овардани шароити заруриро бояд эътироф кунанд, ки тавассути он назорати саривақтии бозори истеъмолӣ, бехатарии он ва риояи манфиатҳои харидорон имконпазир аст.

Бо дарназардошти воқеияти мавҷуда дар бозори истеъмолии Тоҷикистон, *вазифаҳои асосии танзими давлатӣ дар соҳаи савдо*ро метавон ба таври зайл муайян кард:

- таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи савдо;
- рушди муҳити рақобат ва пешгирии зуҳуроти имконпазири инҳисорот дар бозори истеъмолӣ;
- рушд ва такмил додани инфрасохтори савдо;
- назорати самараноки савдо дар робита ба сифат ва бехатарии молҳои фурӯхташуда, сатҳи хизматрасонӣ ва қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;
- ҳифзи бозори дохилӣ дар асоси дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ;
- нигоҳ доштани захираи зарурии мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ.

Маҷмӯи вазифаҳои зикршуда на танҳо дар дохили кишвар, балки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дорои афзалияти давлат мебошад ва вазифа, сохтор ва самти фаъолияти мақомоти иҷроияро дар соҳаи савдои ҳамаи сатҳҳои он, аз ҷумла мақомоти шаҳрӣ муайян мекунад.

Равандҳои танзими савдо маҷмӯи амалҳоеро дар бар мегиранд, ки паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақил буда, ба салоҳияти бисёр мақомоти давлатии дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ марбутанд.

Вақтҳои охир дар танзими давлатии савдо сертификатсияи хизматрасонӣ ва молҳо мавқеи хосаро ишғол мекунад, ки ҳамчун тартиби тасдиқи сифат ба талаботи муқарраршуда фаҳмида мешавад.

Шаклҳои номбаршудаи танзими савдои чакана ҳамчун танзимгарони умумии иқтисодии миқёси давлатӣ оварда мешаванд, ки ба вазъи бозори истеъмолӣ бевосита таъсир мерасонанд. Ба инҳо чораҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, махсусан камбизоатон дохил мешаванд, ки талабот ба пардохтпазирии молу хизматрасониро афзун мекунанд, низоми молиявӣ ва бонкиро беҳтар мекунанд; соддатар кардани андозҳо; барқарорсозии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; сиёсати оқилонаи гумрукӣ ва ғайра.

*Таҳияи стратегияи рушд дар соҳаи савдо* бидуни таассуроти саҳеҳ дар бораи стратегияи рушди минтақа, бе барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди бозори истеъмолӣ ғайриимкон аст. Дарки дурусти усулҳои танзими давлатӣ барои сари вақт рафъи монеаҳо дар роҳи рушди корхонаю ташкилотҳо мусоидат хоҳад кард.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро лозим мешуморем: омӯхтан ва муайян кардани сохторҳое, ки барои таҳияи сиёсат дар соҳаи танзими фаъолияти савдо дар сатҳҳои гуногун масъуланд; муайян намудани механизмҳои мавҷудаи танзими давлатӣ; таҳлили сохтори ташкилии мақомоти давлатӣ.

Барои фаҳмиши ҳамаҷониба ва омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти савдо бояд механизми мавҷудаи танзими давлатӣ баррасӣ карда шавад. Ба *механизми асосии танзими давлатии савдо* мансуб донистан мумкин аст:

- ташаккули заминаи ҳуқуқии фаъолияти савдо. Ин аз ҷониби давлат кафолати ҳуқуқи моликияти хусусӣ, танзими шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, танзими муносибатҳои шартномавӣ байни субъектҳои бозор, дар ҳалли баҳсҳои хоҷагидорӣ нақши доварро иҷро намудани давлат иборат мебошад;

- ҳимояи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ. Ин назорати мақомоти давлатиро аз болои фаъолияти инҳисории табиӣ тавассути танзими нархҳо, тарифҳо, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва андешидани чораҳои манъкунанда нисбат ба ҳама гуна амалҳои инҳисорӣ, ки ба маҳдуд кардани рақобат ё сӯйистифода аз мансаб равона карда шудаанд;

- ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон. Ин тавассути низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла литсензиякунонии намудҳои алоҳидаи фаъолият (масалан, нӯшокиҳои спиртӣ), ки талаботи ҳадди аққали заруриро барои савдо муайян мекунад, тартиби ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, масъулияти соҳибкорон, низоми ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии истеъмолкунандагон амалӣ карда мешавад;

- танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дастгирии шарики иҷтимоӣ. Ин ташаккули қонунгузории меҳнат, низоми шарики иҷтимоӣ байни намояндагони коргарон ва корфармоён, ҳифзи меҳнат ва низоми чораҳои ҳаллу фасли баҳсҳои меҳнатиро пешбинӣ менамояд;

- ташаккул додани низоми андоз. Ин тавассути банақшагирии буҷет, қабули меъёрҳои андоз аз даромад, андоз аз фоида ва дигар имтиёзҳои андоз, инчунин таъсиси низоми Бехатарии иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад;

- азнавтақсимкунии захираҳо. Ин бо мақсади маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, дастгирии мақомоти идоракунии давлатӣ ва таъмини Бехатарии дохилӣ ва хориҷии кишвар амалӣ карда мешавад;

- танзими нархҳо ва тарифҳо. Ин аз ҷониби давлат асосан вобаста ба маҳсулот ва хизматҳои монополистҳо амалӣ карда мешавад. Нархҳо ва тарифҳо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва роҳ надодан ба мавқеи монополия бо мақсади ба даст овардани фоидаи беасос танзим карда мешаванд;

- танзими давлатии савдои хориҷӣ. Ин тавассути низоми тарифҳои гумрукӣ ва низоми тадбирҳо оид ба мусоидат ва ҳавасмандгардонии савдои хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

Намояндагони ассотсиатсияҳои субъектҳои савдо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таҳияи механизмҳои танзими савдо дар сатҳи ҳудудҳои маъмурӣ низ иштирок мекунанд. Фаъолияти онҳо, ба фикри мо, метавонад дар ҳалли масъалаҳои зерин саҳмгузор бошад:

- беҳтар кардани сифати мол ва хизматрасонӣ вобаста ба талаботи қонунгузории амалкунанда;

-дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути қабули уҳдадориҳо оид ба фурӯши молҳои онҳо;

-расонидани пешниҳодҳо ба мақомоти дахлдор дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба беҳтар кардани фаъолияти субъектҳои савдо дар сатҳи минтақавӣ;

-ташкили ҷамъиятҳое, ки манфиатҳои субъектҳои савдоро ҳимоя мекунанд.

Бо мавҷуд будани механизмҳои гуногуни танзими давлатӣ, аз ҷумла фаъолияти савдо, дар амалия вазъ тамоман фарқ мекунад. Дар айни замон, дар кишварҳои пешрафта, давлат барои танзими бозор масъулияти муҳимро ба дӯш мегирад, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки хоҳиши соҳибкорон дар соҳаи савдо барои бой шудан равона шудааст, ҳатто агар ин ба оқибатҳои манфии иҷтимоӣ низ оварда расонад[7].

*Танзими давлатии фаъолияти савдо* ин таъсири давлат ба ҳама субъектҳои соҳибкорӣ бо ёрии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии танзими инфиродӣ мебошад. Дар ин раванд давлат риояи талаботи қонунии соҳибкорон ва истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва масъулиятро дар сурати вайрон кардани талабот назорат мекунад.

*Мақсади асосии танзими фаъолияти савдо,* ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад, фароҳам овардани шароитҳо барои фаъолияти муназзами иқтисодиёти ватанӣ ва ноил шудан ба иштироки пайвастаи соҳибкорон- резидентҳои давлат дар тақсимоти

---

[7]Прудников В.М. Государственное регулирование предпринимательской деятельности: 2-е изд. М.: РИОР, 2008. 241 с.

ҷаҳонии меҳнат мебошад. Фаъолият барои ба даст овардани фоидаҳои оптималӣ барои пешбурди соҳибкорӣ равона шудааст.

Ҳар як кишвар ба ташаккули ҳадафу вазифаҳои худ дар соҳаи танзими соҳибкорӣ машғул аст. Ҳамзамон, ҳар яке аз онҳо мекӯшанд, ки татбиқи ҳамаи усулҳо ва воситаҳои мавҷуда дар заминаи вазъи иқтисодии давлати мушаххас ташаккул ёбанд. Тағйироти бозорҳои байналмилалӣ метавонанд ба мушкилоти кишвар таъсир расонанд. Дар ин ҳолат, механизми танзимкунанда метавонад бетағйир боқӣ монад, зеро он вобаста ба хусусиятҳои ин ё он давлати мушаххас таҳия шудааст.

Дар шароити муосир савдои чакана, ҳамчун як соҳаи фаъолият дар рушди бозорҳои маҳаллӣ аҳамияти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Мушкилоти муҳими рушди соҳаи савдо номутаносибӣ дар ҷойгирсозии муассисаҳои савдои чакана дар қаламрави шаҳрҳо мебошад.

Дар шароите, ки соҳибкорон фаъолияти худро барои ба даст овардани фоидаи зиёд равона месозанд, онҳо кушиш мекунанд, ки мағозаҳои худро дар ҷойҳои сераҳолӣ ва зичии пиёдагардон ҷойгир кунанд.

Усулҳои интихоби маҳалли ҷойгиршавии корхонаи савдо, ки онро муаллифони ватанию хориҷӣ баррасӣ кардаанд, бештар ба манфиати соҳибкорон мебошад, ки мақсади асосии онҳо ба ҳадди баландтарин расонидани фоида ташкил медиҳад, равона карда шудааст. Аммо, бахши савдои чакана манфиатҳои давлат ва истеъмолкунандагон низ ба инобат мегирад. Аз ин рӯ, барои интихоби маҳалли ҷойгиршавии муассисаи савдои чакана муносибати асоснок талаб карда мешавад, ки ин имкон медиҳад тавозуни ҳадафҳои гурӯҳҳои манфиатдор дар савдои чакана таъмин карда шавад. Ҷойгирсозии оқилонаи шабакаи савдои чакана дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин имкон медиҳад, ки ду масъала ҳалли худро ёбад: дастрасии хизматрасонии савдои чакана барои аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити савдо барои фаъолияти фоидаовари онҳо. Дар баробари ин, мо масъалаи ҷойгирсозии дурустро барои субъектҳои савдои фурӯши молҳои истеъмолӣ муҳим мешуморем. Қайд кардан зарур аст, ки харидорон айни ҳол омода нестанд, ки вақти зиёди худро барои ҷустуҷӯ ва хариди молҳо сарф кунанд.

Дар айни замон, низоми савдои чаканаи шаҳр аз ҷиҳати сохтор ва андоза объекти мураккаб ва ба таври динамикӣ тағйирёбанда мебошад. Он инфрасохтори шабакаи савдо, низоми иерархии идоракунӣ, кормандони хизматрасон, расмиёти қабули қарорҳо ва як қатор ҷузъҳои сохториро дар бар мегирад, ки фаъолияти низом ва мутобиқати онро ба шароити муҳити атроф таъмин мекунанд. Ҳоло се намуди асосии низоми савдои чаканаи шаҳр мавҷуданд: шабакаҳои хурди чаканаи маҳаллӣ ва нуқтаҳои алоҳидаи савдо; шабакаҳои савдои рушдёфтаи универсалӣ (яклухт ва чакана); низоми савдои чаканаи шаҳрҳои махсусгардонидашуда ҳамчун як қисми ҳолдингҳои истеҳсоли мол.

Дар асоси таҳлил, мо тавсия медиҳем, ки усулҳои зерин барои ҳалли масъалаи ҷойгирсозии субъектҳои савдо истифода шаванд: усули рейтингӣ; муносибати шабеҳӣ (аналогӣ); таҳлилди регрессионӣ; моделҳои афзалиятноки ошкоршуда; усули вазнӣ; усули ҷойгирсозӣ бо назардошти ҳамаи хароҷот; усули гравитатсионӣ; усули барномавии хаттӣ.

Дар умум, усулҳои номбурда барои ҳалли масъалаи оқилона ҷойгир кардани субъектҳои савдо самаранок истифода мешаванд.

Бо мақсади таъсир расонидан ба қарорҳои соҳибкорон дар бораи ҷойгирсозии нуқтаҳои савдо ва рушди мутаносиби шабакаи савдои чаканаи шаҳр, дар ин усул чораҳои хусусиятҳои маъмурӣ дошта истифода бурда шуданд, ки ба рушди мутавозуни шабакаи савдои чакана дар шаҳр нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, тартиби интихоби ҷойгирсозии оқилонаи субъектҳои савдо марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. *Таҳлили рушди шабакаи савдои чакана ва интихоби ноҳияи шаҳр пешбинӣ менамояд:*

а) дарёфти зичии субъектҳои савдои чакана, ки молҳои истеъмолӣ дар қисматҳои гуногуни шаҳр мефурӯшанд;

б) муайян кардани қаноатмандии харидорони эҳтимолӣ аз хизматрасониҳои савдо ҳангоми хариди молҳои ҳаррӯза дар ноҳияҳои гуногуни шаҳр.

2. *Муайян кардани қитъа барои ҷойгирсозии корхонаи савдо бо истифодаи асбобҳои геомаркетингӣ дар ноҳияи интихобшудаи шаҳр.* Ҷойгирсозии оқилонаи мағозаи фурӯши молҳои ҳамарӯза ҳам барои соҳибкорон ва ҳам барои харидорон бо маълумоти мухталиф аз муҳити беруна бо истифода аз таҳқиқоти геомаркетингӣ муайян карда мешавад.

3. *Муқоисаи қитъаҳои муайяншуда аз рӯи хусусиятҳояшон.* Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти геомаркетингӣ, дар шаҳр қитъаҳое муайян карда мешаванд, ки бо хизматрасонии савдо фаро гирифта нашудаанд. Қитъаҳои ба даст овардашуда дар қисматҳои гуногуни ноҳияҳо ҷойгиранд ва хусусиятҳои гуногун доранд: онҳо аз рӯи масоҳат ва шакл, сатҳи меъёрҳои иҷора ва даромади аҳолии дар ин минтақа зиндагӣ дошта, аз роҳҳои автомобилгард ва истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ аз ҳамдигар дур қарор дошта, дараҷаҳои гуногуни рушди инфрасохтор ва ғайра доранд ва аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Сатҳи аҳамияти ҳар як нишондиҳанедаи алоҳида барои соҳибкорон гуногун буда, аз стратегияи интихобкардаи рушд ва навъи корхонаи савдои чакана вобаста аст. Барои интихоби макони мушаххас, таҳлили иловагии хусусиятҳои қитъаҳо зарур аст, то аз натиҷаҳои ба даст овардашуда он ҷойҳое муайян карда шаванд, ки соҳибкорон фаъолияти тиҷоратиро самаранок анҷом диҳанд. Дар робита ба ин, мо пешниҳод менамоем, ки барои муқоисаи қитъаҳо усули баҳодиҳии коршиносон истифода шавад.

4. *Интихоби қитъа барои ҷойгирсозии корхонаи савдои чакана.* Бо истифода аз усули баҳодиҳии коршиносон, соҳибкорон қитъаҳои афзалиятнокро барои ташкили фаъолияти савдо интихоб мекунанд, ки ба яке аз се минтақа мансуб аст: минтақаҳои барои соҳибкорон ҷолиб; минтақаҳои нисбатан ҷолиб; минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ноҷолиб.

5. *Муайян кардани марказ дар қитъаи интихобшуда ва дуруст аниқ намудани маҳалли ҷойгиршавии корхонаи савдои чакана.* Ин равиш имкон медиҳад, ки низоми рушд ва ҷойгирсозии субъектҳои савдои чакана дар шаҳр ташаккул ёфта, номутаносибӣ дар ҷойгирсозии иншоотҳои савдо бартараф карда шуда, шароити мусоиди савдои чакана дар шароити ноҳияҳои маъмурӣ фароҳам оварда шавад. Ин, дар навбати худ, имкон медиҳад, ки хизматрасонии савдои чакана барои ҳама харидорон- сокинони шаҳр дастрас бошад ва хароҷоти аҳолӣ вобаста ба хариди молҳои истеъмолӣ коҳиш дода шавад.

## АДАБИЁТ


1. Прудников В.М. Государственное регулирование предпринимательской деятельности: 2-е изд. М.: РИОР, 2008. 241 с.
2. Факеров Х.Н. Потребительский рынок: состояние и перспективы. Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2019. – 290 с.
3. Факеров Х.Н., Шаропов Ф.Р., Мариншоев М.М. Социально-экономический механизм развития розничной торговли: Монография / Под редакцией доктора экономических наук, профессора Хабибова С.Х. – Душанбе: “Ирфон”, 2018. – 150 с.
4. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: Монография / Ф.Р. Шаропов. Под. ред. д.э.н., профессора С.Х. Хабибова – Душанбе: “Ирфон”, 2018. – 280 с.


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН*


*1. **Амонов Саҳбон Сарватҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. (+992) 935-77-92-00. E-mail: a_sahbon@mail.ru.*

*2. **Аминов Фотеҳҷон Иномҷонович** - – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. (+992) 935-76-33-55. E-mail: aminov_f@mail.ru,*

**АСКАРОВА С.С.**

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИСТЕМАИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Дар ин замина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз «30» декабри соли 2019 таҳти №642 қабул карда шуда аст, ки тибқи он «Консепсия табодули соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриро пешбинӣ менамояд, ки рақамикунонии онҳо метавонад таъсири пайдарҳам ба тамоми иқтисодиёти кишвар расонад, ба монанди табодули бахши хизматрасонии давлатӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ, рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин соҳаҳои калидии истеҳсолот, ба монанди энергетика, саноати коркард, кишоварзӣ ва таъсиси бахшҳои нав, масалан технологияҳои молиявӣ (FinTech) қайд гардидааст».[2, с. 99] Дар маҷмуъ консепсияи мазкур аз худ нигоҳи умумии татбиқи технологияҳои рақамии муосирро дар назар дорад, ки барои рушди дарозмуддати соҳаҳои иқтисодиёти кишвар равона мегарданд. Ҳамчунин дар баробари зуҳуроти номбаргардида, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии кишвар, ноил гардидан ба мақсадҳои рушди иқтисодии кишвар, мустақилияти энергетикӣ, бехатарии иқтисодӣ ва ғизоӣ, баромадани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, шиддатбахшии саноатикунонӣ, афзоиши ҷойҳои корӣ, татбиқи ҳамҷонибаи технологияҳои рақамии пешсафе, ки битавонанд асоси таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиш ёфтани рақобатпазирии маҳсулотҳои дар кишвар истеҳсолшаванда гарданд, дар назар дошта шуда аст. Дар назар аст, ки заминаҳои дар Консепсия дарҷгардида, дар се марҳила – давраи аввал то соли 2025, давраи дуюм, то соли 2030 ва давраи сеюм то соли 2040 амалӣ мегарданд. Вобаста ба ин, афзоиш ёфтани шумораи муассисаҳову ташкилотҳое, ки ба иҷроиши корҳои илмиву техникӣ сарукор доранд, заминаи хуб хоҳад буд (ҷадвали 1.10).[3, с. 111].

**Ҷадвали 1.10. Муассисаю ташкилотҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд**

| **Минтақаҳо** | **2010** | **2012** | **2014** | **2016** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/2010, «-», «+»** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **56** | **60** | **63** | **74** | **82** | **82** | **82** | **82** | **+26** |
| Душанбе | 42 | 45 | 50 | 59 | 66 | 66 | 66 | 66 | +24 |
| Вилояти Суғд | 5 | 5 | 4 | 6 | 7 | 7 | 7 | 5 | = |
| Вилояти Хатлон | 5 | 5 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 6 | +1 |
| ВМКБ | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | = |
| НТҶ | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | -1 |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 111.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 111.

Чи хеле ки аз маълумотҳои омории ҷадвали 1.11 бармеояд, шумораи муассисаву ташкилотҳое, ки ба корҳои илмӣ- техникӣ машғуланд дар маҷмуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2021 ба миқдори 26 адад зиёд шуда, 82 муасиссаро ташкил медиҳанд, ки аз ин миқдор 24 муасисса дар ш. Душанбе буда, муассисаҳои ба корҳои илмӣ-техникӣ машғулбудаи Вилояти Хатлон якто зиёд шуда, муассисаҳои НТҶ якто кам шуда, дар ВМК ва Вилояти Суғд бошад, бетағйир боқӣ мондаанд.

Ин далолат ба он медиҳад, ки бештари корхонаҳои илмӣ-техникӣ дар марказ ҷойгир шудаанд ва, албатта, барои дар самти баланд бардоштани заминаҳои рушди

системаи саноатӣ таъсиргузор гардидани онҳо, месазад, ки онҳо, махсусан соҳаҳои тадқиқотии ба системаи саноатӣ мутааллиқ буда, аз лиҳози географӣ ба корхонаҳои саноатӣ наздик ҷойгир карда шаванд.

Аз як тараф, ҷойгиршавии наздики муассисаҳои таҳқиқотиву илмӣ-техникӣ ба камхарҷ гардидани равандҳои татбиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо мусоидат намояд ҳам, аз тарафи дигар, бо дарназардошти истифодаи технологияҳои рақамии муосир алоқамандиву ҳамкориҳои онҳо бо муассисаҳои на танҳо марказ, балки бо муассисаҳои тамоми минтақаҳои кишварро ба роҳ монда, корҳои илмиву тадқиқотӣ ва техникиро дар системаи саноати кишвар самаранок кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.11. Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар тамоми муассисаҳои илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон,** *ҳазор сомонӣ*

| **Нишондиҳандаҳо** | **2010** | **2014** | **2016** | **2018** | **2020** | **2021** | **2021/2010, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол | 22027,0 | 52275,5 | 58434,0 | 66788,4 | 75292,7 | 85625,6 | 3,9 мар. |
| аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ | 21887,3 | 52099,5 | 57937,7 | 64892,6 | 74907,1 | 85091,0 | 3,9 мар. |
| -корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ | 17987,3 | 51526,2 | 57547,2 | 56650,3 | 68295,8 | 77996,9 | 4,3 мар. |
| аз ҷумла бунёдӣ | 8508,7 | 15836,4 | 10465,9 | 12363,1 | 9157,2 | 11056,6 | 129,6 |
| -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ | 22,8 | 204,8 | 351,4 | 220,3 | 575,0 | 600,0 | 26,1 мар. |
| -корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон | 10,0 | 54,2 | - | 12,4 | 45,5 | 28,4 | 2,8 мар. |
| -хизмати илмӣ - техникӣ | 3867,2 | 314,3 | 39,1 | 5664,3 | 5990,8 | 6465,7 | 167,2 |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112-113. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 68.

Аз таҳлили маълумотҳои омории ҷадвали 2.12 чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд карда истода аст. Аз тамоми динамикаи ҳаҷми пурраи иҷрои корҳо, корҳои илмӣ-техникӣ 3,9 маротиба афзоиш ёфтаанд, корҳои илмӣ тадқиқотӣ бошанд 4,3 маротиба афзоиш ёфта, 77 млн. 996,9 ҳаз. сомониро ташкил додаанд. Корҳои бунёдӣ дар ин давра ҳамагӣ 29,6 % зиёд шудаанд. Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ афзоиши бениҳоят зиёд (26,1 маротиба) ёфта, дар соли 2020 нисбат ба соли 2010 ба маблағи 552,2 ҳаз. сомонӣ зиёд шуда дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба маблағи 474,9 ҳаз. Сомонӣ азоиш карда аст. Нишондиҳандаҳои корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон бошанд дар давраи таҳлилӣ 4,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳаҷмашон 2,4 ҳазор сомонӣ афзудааст. Хизматҳои илмӣ – техникӣ бошад дар давраи солҳои 2010-2021 67,2 % афзуда, ба 6465,7 ҳаз. сомонӣ расидаанд, ки акфзоиши он 2598,5 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр дар заминаи корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиши назаррас ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, ба туфайли татбиқи рақамикунонии системаи саноат он боз бештар инкишоф хоҳад ёфт.

Дар раванди татбиқи рақамикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ афзалияти асосӣ дар баланд бардоштани махсулнокии корхонаҳо тавассути кам гардидани вақти истеҳсолии барои коркарди маҳсулоти нав равонашаванда, баровардани маҳсулот ба бозор ва расонидан ба истеъмолкунанда, инчунин беҳтар гардонидани захираҳои корхона таҷассум мегардад, ки дар натиҷа ба самараноктар гардидани фаъолияти он меоварад.

Айни замон зарурати воқеии татбиқи рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ ба миён омада аст, зеро мушкилоти дар коркарди ҳаҷми калони иттилооти зарурӣ ба миён омадаро бидуни истифодаи мошинҳо ҳал кардан имконнопазир аст. Аммо бояд дар назар дошт, ки барои гузаштан ба рақамикунонии корхонаҳо бояд рақамикунонии умумӣ ва ҳамгирошавии равандҳои истеҳсолӣ бо дигар равандҳо, аз коркарди маҳсулот сар карда, то логистика, инфрасохтор, ба кор даровардани таҷҳизот ва ғ. амалӣ карда шаванд.

- социально-психологические и культурные.

Использование этих факторов целиком зависит от наличия механизма стимулирования разработки и внедрения инновационных достижений, которая должна охватить все три этапа продвижения инновационного продукта до конечного потребителя:

- разработка и получение инновационных достижений;
- формирование посреднической сети, для налаживания связи между разработчиками и пользователями инновационных достижений;
- использование инновационных достижений в производстве.

При этом стимулирование продвижения научной продукции должно основываться на использование результатов отечественных и зарубежных инновационных разработок, полученных интенсивным путем, но и полученных традиционными технологиями.

Устойчивое развитие сельскохозяйственных территорий тесно связано с инновационными процессами в растениеводстве и животноводстве. Инновационная политика в области растениеводства должна разрабатываться на основе совершенствования селекционных методов - создания новых сортов высокоурожайных культур, развития научно обоснованной системы землеустройства и семеноводства.

Для обеспечения устойчивости животноводства в сельскохозяйственных территориях необходимо использовать инновации биологического сектора, достижения отечественной и мировой селекции кормовых ресурсов, развитие экономически эффективных технологий и т.д.

Использование инновационных достижений в сельскохозяйственных территориях Таджикистана во многом зависит от уровня государственной поддержки субъектов – участников инновационной деятельности. Именно государственная поддержка и обеспечения взаимодействие организаций-участников инновационной деятельности, можно достигать воспроизводство сельскохозяйственных инноваций и освоение в массовой практике более совершенных форм организаций производства. Активизация роли государства в формирования ресурсных и институциональных блоков развития сельскохозяйственных территорий будет способствовать сосредоточению ресурсов и средств, для их вывода на новый уровень развития.

Государственная поддержка формирования финансовых, кадровых ресурсов и материально-техническое и информационное обеспечения отрасли будет способствовать активизацию инновационной деятельности. Важным является решения проблемы финансирования аграрной науки республики, которой имеет достаточным научным потенциалом. Государство может сыграть основную роль также в формирование институционального блока инновационного развития сельскохозяйственных территорий. Организационно-экономическое, инфраструктурное, нормативно-правовое обеспечения государством инновационного развития сельскохозяйственных территорий, а также содействие в освоение инновационной ориентированной форме хозяйствования субъектов, позволить своевременному формированию инновационной системы их развития.

Современными приоритетами развития инновационных процессов в сельскохозяйственных территориях Республики Таджикистан являются:

1. Технологическое перевооружение субъектов хозяйствования;
2. Внедрение энергосберегающих и ресурсосберегающих технологий при производстве, хранении и переработке сельхозпродукции;
3. Воспроизводство плодородия почв, предотвращение деградации, разработка адаптивных технологий для агроэкосистем и агроландшафтов;
4. Развитие органического сельскохозяйственного производства;
5. Создание современной системы информационного обеспечения и инфраструктуры инновационной деятельности;
6. Разработка государственной инновационной политики и стратегии на национальном и региональном уровнях, направленных на создание передовых технологических систем;

7. Разработка организационно-экономического механизма инновационной деятельности;

8. Усиление роли государства в стимулировании инноваций, разработка региональных и местных инновационных программ;

9. Совершенствование системы обучения в сфере инноваций, для коммерциализации результатов исследований.

Таким образом, необходимость обеспечения устойчивого развития сельских территорий требует формирования инновационной политики, охватывающей разработку региональных программ и проектов. Её основу должен составлять научно обоснованный механизм развития инновационных процессов.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Материалы Республиканской Конференции “Таджикистан на пути к устойчивому развитии”, Душанбе. 26-27.10.2001. 2002 г. стр.83.
2. Одинаев Х.А. Устойчивое развития сельского хозяйства. (Проблемы, теории и практики) // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. – Душанбе, 2000. - №1, - Стр. 88-96
3. Программа развития продуктов питания. ФАО (Продовольственная и сельскохозяйственная организация Объединенных Наций). 2014г./ 2015-2020 гг. 225 стр.
4. Шоинбекова К.З. Влияние социальной инфраструктуры на устойчивое развитие сельских территорий. М: 2010г., с. 145.

***СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ***

*1. **Джураев Ф.М**. - к.э.н., доцент кафедры экономики предприятия и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, Республика Таджикистан, г. Худжанд.*

*2. **Зиёев М.М.** - ассистент кафедры экономики предприятия и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, Республика Таджикистан, г. Худжанд.*

ИМОМНАЗАРОВ М.А., СУЛТОНБЕКОВА М.Р.

# ФРАНЧАЙЗИНГ ҲАМЧУН СТРАТЕГИЯИ ИНКИШОФИ СОҲИБКОРИИ ХУРД

***Шарҳи мухтасар**: Сол аз сол шуҳратмандии франчайзинг бештару бештар афзуда истодааст. Ин аз он сабаб аст, ки соҳибкоре, ки дар ин низоми бизнес-модел кору фаъолият намуда истодааст, набояд аз сифр бизнесро оғоз намояд, вай бо бренде кор мекунад, ки аллакай ба мизоҷон шинос мебошад ва аз талаботҳои устувор истифода мебарад. Имрӯз шумораи зиёди ташкилотҳои фоиданок бизнеси худро тавасути фурӯши франшизаҳо ҳамчун воситаи мусоидат ба диверсификатсия ва воридшавии стратегияҳои бозор афзоиш медиҳанд.*

***Вожаҳои калидӣ**; франчайзинг, консессияи тиҷоратӣ, франчайзер, франчайзинг, франчайзе.*

Бахши соҳибкории хурд як қисми ҷудонашавандаи объективии дилхоҳ низоми инкишофи хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта бидуни вай иқтисодиёт ва ҷамъият дар маҷмӯъ наметавонад вуҷуд дошта инкишоф ёбад. Соҳибкории хурд ҳамчун шакли паҳншудатарин, серҳаракаттарин ва тағйирпазири ҳаёти соҳибкорӣ асоси воқеии ҳаёт дар мамлакате мебошад, ки низоми иқтисоди бозорӣ дорад. Маҳз дар бахши соҳибкории хурд қисми зиёди захираҳои миллӣ ба вуҷуд оварда мешаванд ва ба муҳите табдил меёбанд, ки заминаи парвариши соҳибкории миёна ва калон ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкори хурд дар пешрафти хоҷагидорӣ нақши хеле муҳим мебозад. Имрӯз бизнеси хурд бахши васеъгардидаи бахши хусусии иқтисодиёт буда, баъзан барои аксарияти аҳолӣ ягона имконияти амалӣ намудани иқтидори соҳибкории худ боқӣ мемонад.

Суръати рушди иқтисодӣ, сифати маҳсулоти нохолиси миллӣ, инчунин сохтори онро субъектҳои соҳибкории хурд муайян мекунанд. Дар мамлакатҳои тараққикарда фаъолияти соҳибкории хурд 60-70% ММД-ро ташкил медиҳад, аз ин рӯ шумораи зиёди онҳо фаъолияти худро ҳавасманд намуда бо барномаҳои гуногуни давлатӣ дастгирӣ меёбанд.

Барои баланд бардоштани устувории тамоми системаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории хурд бояд пайваста инкишоф ёбад. Аммо имруз ба як қатор душвориҳои муайян дучор мешавад. Сабаби ин дар қонунгузории амалкунанда мавҷуд набудани шароити мусоид барои соҳибкории хурд ва дар он аст, ки соҳибкорони ба ин соҳа машғулбуда аксар вақт дониши баланди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ надоранд. Дар натиҷа ин аксар вақт корхонаҳои хурди навтаъсисро ба муфлисшавӣ оварда мерасонад.

Бинобар ин ба ақидаи мо франчайзингро метавон яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи устувории фаъолияти соҳибкории хурд баҳодиҳӣ кард.

Имруз франчайзинг усули самараноки пешбурди бизнес ба ҳисоб меравад. Барои франчайзерҳо-ин имконияти васеъ намудани бизнеис худ мебошад ва барои франчайзи бошад, ин як роҳи соҳибмулк шудан ба ҳисоб меравад. Тасдиқ намудан мумкин аст, ки франчайзинг дар айни замон яке аз воситаҳои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории хурд мебошад. Вай имконият медиҳад, ки муваффақиятҳои соҳибкории хурду калон якҷоя карда шавад. Корхонаҳое, ки технологияҳои пешрафта ва дастгириро ба воситаи франчайзинг ба даст меоранд нисбатан рақобатпазир мегарданд.

Дар қонунгузориҳои Ҷумлурии Тоҷикистон қариб, ки тамоман мафҳуми “франчайзинг” вуҷуд надорад. Ба ҷои он мафҳуми шартномаи консессияи тиҷоратӣ истифода карда мешавад. Мутобиқи моддаи 1132 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] таҳти № 1918 аз 24 декабри соли 2022 шартномаи консессияи тиҷоратӣ як тараф (ҳуқуқдор) ухдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) бо пардохти подош барои муҳлати муайян ё бе зикри муҳлат барои дар фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда истифода бурдани маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии ба

ҳуқуқдор тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқ ба нишонаи тиҷоратии ҳуқуқдор, ба иттилооти ҳифзшавандаи тиҷоратӣ, инчунин ба дигар объектҳои ҳуқуқи истисноии дар шартнома пешбинишуда - номи фирмавӣ, тамғаи молӣ, сирри истеҳсолӣ (ноу - ҳау) ва ғайраро диҳад.

Шартномаи консессияи тиҷоратӣ истифодаи маҷмуи ҳуқуқи истисноӣ, эътибори корӣ ва таҷрибаи тиҷоратии ҳуқуқдорро дар ҳаҷми пурра (аз ҷумла бо муқаррар намудани ҳаҷми ҳадди ақал ва (ё) ҳадди аксари истифода), бо зикр ё зикр накардани ҳудуди истифода вобаста ба соҳаи муайяни фаъолияти тиҷоратӣ (фурӯши моле, ки аз ҳуқуқдор гирифта шудааст ё истифодабаранда истеҳсол намудааст, анҷом додани фаъолияти дигари вобаста ба фурӯш, иҷрои кор, хизматрасонӣ) пешбинӣ менамояд. Аммо ин мафҳумҳо аз синонимӣ дуранд. Рушди франчайзинг аз сабаби мавҷуд набудани заминаи ҳуқуқӣ хеле маҳдуд мебошад. Дар Тоҷикистон франчайзинг дар соҳаи хизматрасонии хуроки омма, хизматрасонии таълимӣ, савдои чакана, сайёҳӣ, фитнесс ва ғайра васеъ паҳн шуда истодааст[2].

Асосан, дар адабиёти ватанӣ иқтисоддонҳо франчайзингро ҳамчун як шакли соҳибкорӣ дар асоси системаи муносибатҳои бо як қатор созишномаҳо таъминшуда муайян мекунанд, ки дар он як тараф (франчайзер) ҳуқуқи пулакӣ медиҳад, ки аз номи худ ба тарафи дигар фаъолият намояд (франчайзи).

Дар баробари ин, муаллифон Леонов А. ва Деев В. чунин мешуморанд, ки франчайзинг, пеш аз ҳама, ба васеъшавии бозори фурӯш мусоидат мекунад [3]. К.Фулоп диққатро ба он ҷалб мекунад, ки мафҳуми франчайзинг аксаран дар баробари истилоҳи иҷозатномадиҳӣ истифода мешавад [4]. Рыкова И.В. бошад ӯҳдадориҳои ҷониби интиқолдиҳандаро оид ба расонидани кӯмак дар барқарокунии бизнес, расонидани кӯмаки техникӣ ва машваратиро қайд менамояд [5]. Ба ақидаи муаллиф В.А.Рубе, хусусияти асосие, ки мафҳуми франчайзингро ташкил медиҳад, шакли шартномаи институтсионалии гибридӣ мебошад [6].

Аммо ба ақидаи мо, иқтисоддонҳо А.З.Майлер ва С.А.Куликов моҳияти франчайзингро пурратар ошкор мекунанд. Онҳо франчайзингро ҳамчун шакли интиқоли ҳуқуқ ба шахси дигар муайян мекунанд, ки тавассути он соҳиби мол ё хидмат ташкил ва васеъ намудани шабакаи фурӯши ин молҳо ва/ё хизматрасониро таъмин менамояд. Мол ва/ё хизматрасони бо номи (тамғаи молии) франчайзер муайян карда шуда, раванди фуруши он аз тарафи у назорат карда мешавад. Франчайзер ба франчайзи кӯмаки тахассусӣ дар омузиши кадрҳо, хариди ҷузъҳо, материалҳо, таҷҳизот ва ғайра, дар иҷораи бино ва таҷҳизот, тадқиқоти маркетингӣ ва ғайра мерасонад».[7].

Мувофиқи маълумоти Ассотсиатсияи Байналмилалии Франчайзинг [8], айни замон дар ҷаҳон 16,5 ҳазор франчайзерҳо мавҷуданд, ки зиёда аз 1,2 миллион франчайзи доранд, ҳаҷми фурӯши шабакаҳо 2,1 триллион доллари ШМА-ро ташкил медиҳад, ки тақрибан 18 миллион нафарро бо кор таъмин мекунанд.

Мисли ҳама гуна системаи бизнес, франчайзинг низ бартариҳо ва камбудиҳои худро дорад. Аммо дар ин маврид бояд тарафҳои мусбат ва манфиро алоҳида баррасӣ намудан зарур мебошад.

**Бартарӣ ва камбудиҳои франчайзинг**

| **Бартариҳо** | **Камбудиҳо** |
|---|---|
| **Барои франчайзер**: | |
| 1.Имконияти сарфа намудани сармоя ва захираҳои меҳнатӣ | 1. Зарурати кори бетанаффус бо франчайзиҳо. |
| 2. Таваҷҷуҳи франчайзи ба натиҷаҳои мусбӣ | 2. Таъмини назорати доимии франчайзиҳо |
| 3. Камшавии хавфҳои тиҷоратӣ | 3. Пешниҳоди ҳисоботҳои ғайриҳақиқӣ ба франчайзер |

| | |
|---|---|
| 4. Франчайзер бо масъалаҳои идоракунӣ, интихоб ва шмузиши кадрҳо дар ҳар як нуқтаи франчайзинг рӯ ба рӯ намешавад | 4. Паст шудани сифати махсулот дар тамоми системаи франчайзинг инъикос меёбад. |
| 5. Бизнес зуд инкишоф меёбад, зеро франчайзер аз идоракунӣ ва захираҳои молиявии дигарон истифода мебарад. | |
| **Барои франчайзӣ** | |
| 1. Франшизаи харидашуда имконияти на корманд, балки соҳибкор шуданро медиҳад. | 1. Мавҷуд будани сармояи ибтидоӣ зарур мебошад |
| 2.Ба даст овардани бизнеси тайёр | 2. Маҳдудияти озодии фаъолият |
| 3. Франчайзи тамғаи молӣ ё бренди машҳурро истифода мебарад | 3. Шартномаи франчайзингӣ, ки барои чанд сол баста шудааст, имконияти зуд баромадан аз ин бизнес система маҳдуд мебошад |
| 4. Мавҷудияти рекламаи васеъ | |
| 5. Кӯмак ва дастгирӣ аз тарафи франчайзер | |
| 6. Масъалахои маблаггузорӣ хал карда мешаванд. Франчайзер метавонад кафил барои гирифтани қарз бошад | |
| 7. Франчайзер бо таъминот кӯмак мекунад | |

Системаи франчайзинг таваҷҷуҳи бизнеси хурдро ҷалб мекунад, бешубҳа барои соҳибкороне, ки дар ин бахши иқтисод кору фаъолият мекунанд, фоиданок мебошад.

Франчайзи, ҳамчун соҳибмулк, бар хилофи роҳбари кироя ба натиҷаҳои мусбӣ ва кам кардани хароҷот манфиатдор хоҳад буд. Сармояи худдии франчайзер дар васеъ намудани бизнес қариб ки иштирок намекунад, бинобар ин, хавфи тиҷоратӣ кам мешавад. Франчайзи бизнеси тайёреро мехарад, ки аллакай дар бозор мавқеи муайянро ишғол мекунад, обрӯи мусбат дорад ва дар таҷриба санҷида шудааст. Яъне, ба франчайзи кафолат дода мешавад, ки бидуни сарфи вақт ва пул барои пешбурди маҳсулот ба бозор бизнеси боваринок харид менамояд.

Ҳангоми харидани франчайзинг, франчайзи барномаҳои рекламавӣ ва маркетингии тайёри франчайзерро истифода мебарад. Ҳамин тариқ, франчайзи маҳсулоти худро бо рекламаҳои миқёсан васеътар нисбат ба дигар бизнеси муқаррарӣ реклама мекунад.

Дар раванди кор, барои ҳарчи зудтар бизнеси худро оғоз намудани франчайзи, франчайзер кӯмак ва дастгирӣ менамояд, маводҳои таълимии зарурирро пешниҳод мекунад, оид ба мавод, таҷҳизот, таҳвилкунандагон, оиди технологияи пешбурди кор дастурҳои дақиқ медиҳад, омӯзиш мегузаронад, маслиҳат медиҳад ва масъалаҳои ба миён омадаро якҷоя ҳал мекунад.

Дар тамоми ҷаҳон чунин мешуморанд, ки бизнес дар формати франчайзинг нисбат ба соҳибкории озод бовариноктар мебошад. Франчайзер ба сифати шахси манфиатдор метавонад барои гирифтани карз ё лизинг ба сифати кафил баромад намояд.

Аз ин рӯ, бонкҳо ва ташкилотҳои лизингӣ нисбат ба дигар соҳибкорон омодагии бештар бо франчайзиро доранд.

Франчайзер имконияти харидани материалҳои масрафӣ, маснуотҳои комплектикунонӣ ва ашёи хомро ҳам аз худи ширкат ва ҳам аз таҳвилкунандагони доимӣ медиҳад. Ҳамин тариқ, системаи таъминот боэътимод ва қулай мегардад.

Сарфи назар аз бартариҳои ошкоро, франчайзиҳо метавонанд ба як қатор мушкилот дучор шаванд.

Дар франчайзинг озодии фаъолият нисбат ба соҳибкории оддӣ маҳдуд мебошад. Назорати фаъолияти франчайзи, тасдиқи намудҳои зиёди созишҳо, талабот ва дастурҳои франчайзер дар шартномаи франчайзингӣ пешбини шудааст.

Аксарияти одамон дар ин формат кор намекунанд, зеро онҳо мустақилона қарор қабул кардани худро афзалтар меҳисобанд. Аммо барои онҳое, ки оқилона бо франчайзер муносибати шарикӣ барқарор кардан мехоҳанд, маҳдуд кардани озодии амалҳо як камбудии ҷиддӣ шуда наметавонад. Бизнес-системаи франчайзингиро имруз оғоз намуда сипас онро бе ягон сабаб тарк кунем. Хусусияти хоси соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин диверсификатсияи бузурги фаъолият мебошад. Ҳолатҳои маъмулӣ дар он аст, ки як соҳибкор ҳамзамон бо якчанд намуди фаъолият машғул аст, вай имкон дорад, ки онҳоро "барои муваффақият санҷад". Он чизе, на он қадар хуб ба даст меояд, худ аз худ нест мешавад. Тавассути интихоби табиӣ махсусгардонии муайяни корхонахои хурд ба вучуд меояд. Шартномаи франчайзинг одатан ба мӯҳлати аз якчанд сол то якчанд даҳсолаҳо баста мешавад. Дар ин ҳолат, "кӯшиш кардан" ва тарк кардани бизнес агар бе талафоти зиёди моддӣ вай ба шумо маъқул набошад, ғайриимкон мебошад,. Аз тарафи дигар, ҳангоми банақшагирии франчайзи оянда як номуайянӣ вуҷуд дорад, ки бо мӯҳлати маҳдуди фаъолияти шартномаи франчайзинг алоқаманд мебошад.

Ҷузъи асосии манфии франчайзерҳо ин зарурати кори оқилона ва заҳматталаб бо франчайзиҳо мебошад, зеро дар маҷмӯъ муваффақияти бизнес аз онҳо вобаста мебошад. Таъмини назорати доимии самараноки франчайзиҳо барои кафолат додани сифати баланд ва самараноки пешбурди бизнесро метавон ба камбудии асосии ин бизнес-система барои франчайзер рабт дод.

Асоси муваффақияти иқтисодии франчайзер эътибори баланди системаи франчайзинг ба ҳисоб меравад. Нигоҳ доштан ва дастгири намудани эътибори бизнеси мазкур кори хеле муҳим мебошад.

Илова бар ин, барои ҳар як франчайзер хавфи рафтори ноодилонаи франчайзи вуҷуд дорад. Мисол кам нишон додани нишондиҳандаҳои молиявӣ бо мақсади кам кардани роялти - пардохтҳои давравӣ, ки франчайзи ба франчайзер пардохт мекунад, мебошад.

Инчунин иштирокчии сеюми франчайзинг - истеъмолкунанда мавҷуд аст.

Ба бартариҳои истеъмолкунандагон инҳо дохил кардан мумкин мебошад: зиёд намудани соати корӣ, сатҳи баланд ва иштироки шахсии франчайзи дар хизматрасонӣ, васеъ кардани нуқтаҳои франчайзинг, гуногунии интихоб, мувофиқати нархҳо, эҳтимолияти харидани маҳсулоти босифат.

Ҷанбаҳои манфии истеъмолкунанда дар рақобати маҳдуд зоҳир мешавад, ки боиси танг шудани интихоби истеъмолкунанда мегардад. Агар франчайзи хуб омӯзонида нашуда бошад, ин метавонад дар сифати маҳсулот ва сатҳи хизматрасонӣ ифода ёбад.

Бо таҳлили ҷанбаҳои асосии мусбӣ ва манфии ҳамаи тарафҳои дар бизнеси франчайзинг иштирокдошта, мо метавонем ба хулосае биёем, ки ин камбудиҳои нишондода шуда, танҳо пардохти табиии барои ба даст овардани бартариҳои дар боло зикршуда мебошад.

Барои иктисодиёти мамлакат умуман франчайзинг хусусиятҳои зиёди мусбӣ дорад.

Франчайзинг системаи самараноки таълимро барои соҳибкории хурд таъмин мекунад. Дар ягон донишгоҳ соҳибкор наметавонад аз муаллимони ботаҷрибае, ки ба муваффақияти “шогирдон”-и худ таваҷҷӯҳ доранд, мисли марказҳои таълимии франчайзерҳо чунин омӯзиши босифати таҷрибавӣ гирад.

Сарфи назар аз он, ки франчайзинг дар Тоҷикистон дар муқоиса бо мамлакатҳои ғарб суст рушд карда истода бошад, ҳам ба назари мо дурнамо ва инкишофи он аз ҳама мусоидтар мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Коекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 таҳти №1918 Душанбе-2023 саҳ.368-369.

2. Каталог франшиз: общественное питание, розничная торговля, услуги // Секрет фирмы. – 2008. - № 15. – с. 122-165

3. А. Леонов, В. Деев. Франчайзинг в России: перспективы развития // Журнал "Люди дела XXI", 2007.

4. Фулоп К. Франчайзинг. Маркетинг. – Санкт- Петербург: «Питер», 2002. – с. 13.
5. Рыкова И.В. Франчайзинг: новые технологии, методология, договоры. – М.:» Современная экономика и право», 2000. – с. 14.
6. Рубе В.А. Малый бизнес: история, теория, практика. – М.: ТЕИС, 2000. с. 116.
7. Майлер А.З., Куликов С.А. Пособие по франчайзингу. – М.: РАРФ, 2001. – с. 5.
8. Международная Ассоциация Франчайзинга – http://franchise.org

## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН*

1. ***Имомназаров Музаффар Аҳмадҷонович -*** *н.и.и. дотсенти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*
2. ***Султонбекова Моҳира Рустамбековна*** - *докторант (Phd) Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

**КОДИРОВ Ф.А., КЛИЧЕВ З.Р.**

# СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В КОНТЕКСТЕ ПОВЫШЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

*В статье рассмотрены основные теоретические и практические вопросы обоснования стратегии развития предпринимательской деятельности в условиях повышения конкурентоспособности национальной экономики Республики Таджикистан. Особое внимание уделено вопросом активизации инновационной деятельности и внедрение цифровых технологий как стратегические направления повышения конкурентоспособности предпринимательской деятельности.*

***Ключевые слова:*** *предпринимательства, конкурентоспособность, стратегии развития, инновации, эффективность, цифровизация, цифровые технологии.*

Одним из ключевых задач, требующих незамедлительного решения – это повышение конкурентоспособности национальной экономики Республики Таджикистан. Общеизвестно, что глобальная конкурентоспособность национальной экономики зависит от локальных факторов, среди которых ключевое место занимают вопросы повышения конкурентоспособности предпринимательской деятельности. Исходя из это, на современном этапе развития Республики Таджикистан вопросы повышения конкурентоспособности предпринимательской деятельности ставятся на порядок актуальнее.

В современных условиях динамичного развития наукоемких отраслей, искусственного интеллекта, автоматизации, роботизации подходы к организации и управления предпринимательской деятельности кардинально изменились. В этих условиях эффективное государственное регулирование, в частности создание благоприятных предпосылок, выступает важным направлением развития предпринимательской деятельности [3]. На сегодняшний день в Республике Таджикистан разработана нормативно-правовая база, созданы государственные органы поддержки предпринимательства, облегчаются административные процедуры, создаются условия и инструменты для получения доступного финансирования, а представители предпринимательства привлекаются к государственно -частного партнерству.

Однако, несмотря на положительные реформы, до сих пор отсутствует системное взаимодействие и координация в политике развитии предпринимательства, вопроси комплексного институционального развития предпринимательских экосистем остается нерешенным, имеет место неравномерность развития предпринимательства в регионах страны. Меры государства не являются достаточными для создания конкурентных преимуществ для субъектов предпринимательской деятельности.

Реалии и тенденции последних лет показывают, что быстрые неожиданные изменения конъюнктуры национального и мирового рынка, перманентные изменения технологий, особенно в направлении стратегического развития, часто действуют не в пользу субъектов предпринимательской деятельности. Современные стратегии обеспечения конкурентной способности предпринимательской деятельности призваны разрешать объективно существующее противоречие. Это – противоречие между достижением максимальной стабильности и эффективности использования ресурсов в текущем периоде, с одной стороны, и формированием предпосылок для изменений в будущем – с другой [1]. В данном контексте в первую очередь должна проявляться конкурентное преимущество предпринимательской деятельности.

В этой связи, на наш взгляд, цифровизация в обрабатывающей промышленности Республики Таджикистан может стать основой для повышения ее конкурентоспособности, так как позволяет:

- создать эффективную систему предвидения бизнеса, так как цифровые технологии, которые позволяют обработать большие данные, позволяют в реальном времени контролировать бизнес-процессы и разрабатывать различные сценарии ее развития;

- точно определить потребности клиентов, в том числе в персонализированных продуктах и услугах, так как современные технологические платформы делают это возможным;

- создать необходимую экосистему, в которой будут созданы условия для эффективного взаимодействия между участниками, в частности для производства новой и даже самой сложной продукции;

- использовать искусственный интеллект для прогнозирования масштаба бизнеса, комбинации различных типов искусственного интеллекта [2].

Как следует из анализа текста Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан, она не охватывает вес спектр перспективных направлений цифровизации промышленности и активного использования цифровых платформ для повышения конкурентоспособности промышленных предприятий [4]. Исходя из этого, на наш взгляд, на сегодняшний день на пути цифровизации промышленности, создания необходимой экосистемы и повышения роли цифровых технологий в обеспечении конкурентоспособности промышленности Республики Таджикистан встречаются следующие проблемы:

- неразвитость IT-инфраструктуры и промышленного интернета, а также отсутствие систем для анализа больших данных;

- несовершенство институционального обеспечения и системы государственного регулирования и поддержки применения и внедрения цифровых технологий в промышленности и других секторах экономики, особенно в части привязки технологий и инноваций к промышленному производству;

- зависимость от иностранных технологий в Республике Таджикистан составляет 100%, так как в стране не производится технологическое оборудование и программное обеспечение (зависимость в основном от китайских технологий и программного обеспечения для промышленности, все основные коды и разработки полностью зарубежные);

- малый и средний бизнес не имеет финансовых ресурсов и государственной поддержки в приобретении и использовании новых технологических платформ, а также стратегических корпоративных инноваций, которые в том числе создают цифровую экосистему;

- существующая система подготовки кадров для цифровизации экономики и развития цифровой экосистемы не отвечает требованиям, реформы в данном направлении фрагментарны и пока не оправдывают надежды в решении проблем кадрового обеспечения для перехода к цифровой экономике;

- проблемы также существуют в финансовом обеспечении и высокой стоимости цифровых стартапов, которые связаны с нехваткой финансовых средств и отсутствием бюджетного финансирования;

- на уровне промышленных предприятий ключевыми проблемами считаются низкий уровень автоматизации управленческих, производственных, маркетинговых и организационных процессов, отсутствие компетенций и низкий уровень ИТ-грамотности сотрудников;

- низкий уровень развития автоматизированных систем управления технологическими процессами, а также риски информационной безопасности, снижение количества рабочих мест и временное ухудшение управляемости на производстве.

Для решения проблем, которые сдерживают внедрение цифровых технологий в промышленности необходимо разработать отраслевые программы цифровизации и создавать условия для формирования совершенно новой экосистемы цифровой экономики. В данном контексте необходимо обратить внимание на следующие моменты:

- разработка промышленной политики, в которой будут определены направления и перспективы внедрения цифровых платформ в промышленное производство;

- создание государственной системы поддержки и поощрения частных информационных систем, в том числе на основе определения условий, стандартов и тенденций цифровизации промышленности;

- создание экосистемы развития цифровых технологий, в частности на основе расширения сотрудничества между участниками рынка, укрепление связи между наукой и производством, разработчиками и производственными предприятиями, а также формирование новой системы коммерциализации научно-исследовательских разработок и результатов интеллектуального труда;

- активизировать и поощрять использование интернет-технологий для управления производственными процессами, снабженческой и сбытовой деятельностью, маркетингом и коммуникациями, а также принятием управленческих решений;

- создание условий для развития технологий сбора, анализа и использования больших данных, которые позволяют решить многочисленные проблемы, в частности в организации и управлении промышленным производством;

- разработка рекомендаций по созданию систем генерирования современных софтов, который позволяет собирать, анализировать, выстраивать алгоритмы и использовать очень большие объемы данных;

- развитие практики автоматизации и роботизации промышленного производства, т.е. объединение мер и механизмов цифровизации промышленности, которые на основе взаимодействия позволяют создать эффективную систему автономного функционирования;

- оптимизация действий по использованию новейших технологий, которые позволяют определить приоритеты и направления для первостепенной цифровизации в системе промышленного производства.

-развитие предиктивной аналитики, которая направлена на мониторинг работоспособности и бесперебойного функционирования технологических платформ.

- подготовка кадров для цифровой экономики и с соответствующими компетенциями в области разработки программного обеспечения, искусственного интеллекта и технологических платформ, а также внедрение уже существующих на мировом рынке специальных промышленных софтов.

Таким образом, исследованные теоретических аспектов содержания конкурентоспособности предпринимательской деятельности формируют основу для представлений о связи между конкурентной способностью и стратегии ее развития. Анализируемые нами направления повышения конкурентоспособности предпринимательской деятельности способствуют формированию конкурентного преимущества и создают условиях для стратегического развития хозяйствующих субъектов.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Авдеева, И. Л. Цифровизация промышленных экономических систем: проблемы и последствия современных технологий / И. Л. Авдеева, А. В. Полянин, Т. А. Головина // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Экономика. Управление. Право. – 2019. – Т. 19, № 3. – С. 238-245. – DOI 10.18500/1994-2540-2019-19-3-238-245.

2. Варфоломеева, В. А. Цифровая трансформация промышленных предприятий в условиях инновационной экономики / В. А. Варфоломеева, Э. Х. Муслимова // Прогрессивная экономика. – 2022. – № 12. – С. 41-51. – DOI 10.54861/27131211_2022_12_41.

3. Жукова, Е. А. Внедрение инноваций как основа конкурентоспособности промышленности в условиях цифровой экономики / Е. А. Жукова, С. С. Мохова // Социально-экономическое развитие России: проблемы, тенденции, перспективы: сборник научных статей 19-й Международной научно-практической конференции, Курск, 25 июня

2020 года. Том 3. – Курск: Финансовый университет при Правительстве Российской Федерации, Курский филиал, 2020. – С. 164-166.
4. Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. Электронный ресурс:
5. Мелешко, Ю. В. Цифровизация бизнес моделей промышленных предприятий в контексте новой индустриализации: постановка проблемы / Ю. В. Мелешко // Санкт-Петербургский научный вестник. – 2019. – № 1(2). – С. 4-9.
6. Низомов, С. Ф. Стратегические направления цифровизации промышленности в Республике Таджикистан / С. Ф. Низомов, Ф. А. Джабборов // Актуальные вопросы экономической теории: развитие и применение в практике российских преобразований: Материалы IX Международной научно-практической конференции, Уфа, 22–23 мая 2020 года / Под общей редакцией И.В. Дегтяревой. – Уфа: Уфимский государственный авиационный технический университет, 2020. – С. 166-172.

## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ*

*1. **Кодиров Ф.А.** - Таджикский государственный финансово-экономический университет*
*2. **Кличев З.Р.** - Таджикский государственный финансово-экономический университет.*

ҚОДИРОВ А.В.

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАНЗИМ ВА ДАСТГИРИИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Чӣ хеле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, соҳибкории хурд ва миёна ба дастгирии доимӣ аз тарафи давлат ва идораҳои он эҳтиёҷ дорад. Дар навбати аввал бояд муҳити васеи ҳуқуқии кор кардани соҳибкории хурд ташкил карда шавад. Ин раванд бо қабул кардани санадҳои меъёрӣ ва қонунҳои фаъолияти корхонаро танзимкунанда оғоз гардид. Дар низоми дастгирии соҳибкории хурд ҷои асосиро масъалаҳои дастгирии молиявию қарзӣ, қабули имтиёзҳои андозсупорӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои муҳим, ки таъсири муҳимро ба рушди соҳибкории хурд мерасонад, ишғол мекунад.

Ташаккули муҳити ҳуқуқии соҳибкории хурд ин шарти ҳатмӣ ва муҳим буда, ба субъектҳои соҳибкории хурд озодии иқтисодӣ, ҳуқуқ, кафолат ва иҷозати дарки қонунҳои соҳибкориро таъмин менамояд. Дар айни замон бо санадҳои меъёрӣ ва қонунгузорӣ вазифа ва масъулияти субъектҳои соҳибкории хурдро дар пеши субъектҳои хоҷагидорӣ, шарикони онҳо, истеъмолкунандагон, буҷетҳои сатҳи гуногун бо иҷроиши муҳлатҳои муқаррааргардида ва ҳаҷми пурраи ӯҳдадорӣ муқаррар мегардад.

Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қабул кард, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна замина фароҳам меоварад. Ин ҳам бошад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Тоҷикистон, Кодексҳои андоз, гумрук, ва инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ”, “Барномаи дастгирии давлатии соҳибкории хурд” тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад.

Ташкили рушди инфрасохтори танзим ва дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд мақоми муҳимро дар таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда ишғол менамоянд. Масалан: дар ИМА соли 1953 Маъмурият оид ба соҳибкории хурд ташкил шуд, ки вазифаҳои он маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба танзими соҳибкории хурд ташкил менамуд (ёрии молиявӣ, хизматрасонии техникӣ ва машваратӣ ва ғайраҳо). Сохтори ин маъмурият аз 3 сатҳ иборат аст: штаб-квартира дар ИМА, 10-то иттиҳодияҳои минтақавӣ ва заёда аз 100 шӯъбаҳои маҳаллии дар тамоми кишвар ҷойгир ва дар ҳамкории зич бо ташкилотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ, колеҷҳо, донишгоҳҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Дастгирии соҳибкории хурд дар ИМА бо дигар идораҳои федералӣ низ ба вуҷуд меояд: Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати сохтмон ва тараққиёти шаҳр, Фондҳои олии миллӣ, Маъмурият оид ба хоҷагиҳои федералӣ, институтҳо ва маркази рушди соҳибкории хурд, палатаҳои саноатию тиҷоратӣ, ки аз 2700 зиёдтаранд ва ғайраҳо.

Дар Фаронса барои дастгирии соҳибкории хурду миёна воситаҳои чунин муассисаҳои махсусгардондашуда, ба монанди Кассаи депозитию қарзии миллӣ, Кассаи қарзию миллии меҳмонхонаҳо, корхонаҳои саноатӣ, қарзи соҳибкорӣ истифода мешаванд. Бо мақсади додани қарзҳои дарозмуддат ( аз 10 то18 сол) бо фоизҳои паст барои корхонаҳои хурду миёна шуъбаи қарзи миллӣ ташкил гардида буд. Соли 1970 бошад, Институти тараққиёти саноатӣ ташкил гардид, ки мақсадаш ташаккулёбии корхонахои хурду миёна ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба қонунгузории Фаронса аз соли 1982 сар карда ба корхонаҳои хурди таъсисшуда то 3 сол аз супоридани андоз озод мегарданд.

Ҳукумати Япония, идораҳои дахлдор, корхонахои азим ва ташкилотҳои худихтиёри корхонаҳои хурд сиёсати ҳавасмандӣ ва инкишофи соҳибкории хурд ва миёнаро муайян месозанд. Идораҳои марказӣ ва маҳалии ҳукумат барои соҳибкории хурд кумакҳоро дар шакли субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок, барномаҳои омузишӣ ва ғайра. пешниҳод менамоянд. Дар мамлакат дар сатҳи Вазоратҳо Маъмурияти махсусе бо номи Комиссия оид ба шартномаҳои адолатнок амал мекунад, ки иҷрои қонунгузории зиддимонополиро ба нафъи соҳибкории хурду миёна назорат мекунад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ меъёрҳои давлатии ҳавасмандкунии соҳибкории хурд ба манфиати давлат ва ҷамъият ҳисобида мешаванд. Барои ҳамин вазифаи давлат на фақат аз он иборат аст, ки ба корхонаҳои хурд захираҳои моливию техникӣ диҳад, балки аз он иборат аст, ки шароити иқтисодӣ ва ҳуқуқиро барои ба по хезондан, қобилияти шиддат гирифтан ва ташаккул ёфтанро дар шароити бозор таъмин намояд. Дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон - дар Аврупа, Ҷопон, ИМА, Осиё ва минтақаҳои Америкаи Лотинӣ тараққиёти пурқуввати танзими соҳибкории хурд рафта истодааст. Тамоми Аврупо, махсусан, мамлакатҳое, ки иқтисодиёти гузариш доранд (Аврупои Шарқӣ) хотирнишон кардаанд, ки барои васеъшавии худ дар танзими давлатии соҳибкории хурд иштирок менамоянд.

Дар мамлакатҳои Созмони Иқтисодии Ҳамкорӣ ва Рушд 99%- и тамоми фирмаҳоро корхонаҳои хурд ва миёна ташкил медиҳанд, ки манбаи асосии ҷои кор (аз 40% то 90% шуғли аҳолӣ) ба ҳисоб меравад ва 30-70%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Аз 1552 барномаи танзими давлатӣ (дар марҳалаи солҳои 1989-1993), 359-то барои танзими соҳибкории хурд ва миёна равона карда шудаанд. Дар 12 - мамлакати Иттиҳоди Аврупо соли 1990 ба миқдори 15,8 млн корхонаҳои хусусӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд. Аз онҳо 14,7 млн. микрокорхонаҳо, қариб 1-млн. корхонаҳои хурд, тақрибан 70 000 корхонаҳо аз 100 то 500 нафар коргар ва фақат 13000 корхона зиёда аз 500 коргар дорад. Ба ҳиссаи микрокорхонаҳо 31,8% - и миқдори умумии коргарони берун аз сектори хоҷагии қишлоқ, 24,9%-и корхонаҳои хурд ва 15,1%-и корхонаҳои миёна рост меояд.

Дар ҷумҳурии мо низ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.04.1996 № 459 «Дар бораи танзими соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал карда истодааст.

Барномаи танзими соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи чунин тадбирҳо амал мекунанд:

- амалкунии инфрасохтори соҳибкории хурд дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ.

- ба корхонаҳои хурд ҷалб намудани табақаи аҳолии камбизоат ва таъмини иҷтимоӣ надошта.

- ба соҳибкорони хурд супурдани объектҳои сохтмонҳои нотамом, корхонаҳои камдаромад ва бефоида,

- аз тарафи давлат тақсим кардани супориши давлатӣ барои корхонаҳои хурд.

Аммо афсус ки бештари ҳолатҳои ин барнома иҷро намешаванд. Барои ҳамин ба вуҷуд овардани механизми назоратии самаранок зарур аст, ки ин барои иқтисодиёти давраи гузариш қонуни хеле муҳим аст.

Бояд аз панҷ вазифаи асосии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шароити муосир истифода бурда шавад:

1. Таъмини қонуни амалкунандаи бозорро;
2. Ташаккул ва нигоҳдошти инфрасохтори ғайрибозорӣ;
3. Дастргирӣ соҳаҳои ояндадор ё ин, ки аҳамияти давлатӣ дошта;
4. Дурнамоӣ рушди бозори меҳнат;
5. Баробаркунии иқтисодиёти минтақавӣ

Дар марҳалаи аввали барқароршавӣ соҳибкорӣ ба дастгирии фаъоли давлат ва институтҳои молиявӣ эҳтиёҷ дорад. Иштироки институтҳои молиявӣ дар инкишофи соҳибкории хурд ва миёна аҳамияти калон дорад. Чӣ тавре ки дар боло қайд карда будем, дар хориҷа, махсусан, дар мамлакатҳои тараққикарда саҳми чунин муассисаҳои молиявӣ дар ташаккулебии соҳибкории хурду миёна хеле ҷолиби диққат аст [1. С. 33].

## АДАБИЁТ


1. Предпринимательство: учебное пособие / Н. Ю. Никитина, С. М. Корунов, А. А. Яшин, И. Д. Опарин; под общ. ред. Н. Ю. Никитиной; Министерство науки и высшего образования Российской Федерации, Уральский федеральный университет. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2020. – 256 с.

2. Боброва, О. С. Организация коммерческой деятельности: учебник и практикум для среднего профессионального образования / О. С. Боброва, С. И. Цыбуков, И. А. Бобров. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 332 с.
3. Боброва, О. С. Основы бизнеса: учебник и практикум для академического бакалавриата / О. С. Боброва, С. И. Цыбуков, И. А. Бобров. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 330 с.
4. Белый Е. М. Основы социального предпринимательства: учебное пособие для вузов / Е. М. Белый [и др.]; под редакцией Е. М. Белого. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 178 с.
5. Боброва, О. С. Настольная книга предпринимателя: практическое пособие / О. С. Боброва, С. И. Цыбуков, И. А. Бобров. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 330 с.
6. Горфинкель В. Я. Инновационное предпринимательство: учебник и практикум для среднего профессионального образования / В. Я. Горфинкель [и др.]; под редакцией В. Я. Горфинкеля, Т. Г. Попадюк. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 523 с.
7. Зараменских, Е. П. Основы бизнес-информатики: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / Е. П. Зараменских. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 407 с.
8. Круглова, Н.Ю. Основы бизнеса (предпринимательства): Учебник / Н.Ю. Круглова. - М.: КноРус, 20XX. - 440 с.
9. Кузьмина, Е. Е. Предпринимательская деятельность: учебное пособие для среднего профессионального образования / Е. Е. Кузьмина. — 3-е изд., перераб. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 20XX. — 417 с.

## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*

***Қодиров Абдуҳотиф Вудудович*** *- муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail Abduhotif@mail.ru*

ҚУРБОНОВА Ш.Х.

# АРЗЁБИИ ШАРОИТҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ ДАР МИНТАҚА

Фаъолнокии соҳибкорӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти минтақа ва умуман мамлакат ба ҳисоб меравад. Омори расмии солҳои охир шаҳодат медиҳад, ки дар минтақа шумораи субъектҳои соҳибкорӣ меафзоял. Зимнан, соли 2020 дар миқдори умумии симоҳои ҳуқуқии амалкунандаи вилояти Суғд корхонаҳои хусусии дорои то 30 ҷои корӣ – 80,7 %-ро ташкил карданд. Ба ибораи дигар, қисми асосии корхонаҳо ба субъектҳои хурд тааллуқ доранд. [**5,с. 354**].

Бахши соҳибкории хурду миёна қисми беш аз пеш зиёди аҳолии қобили меҳнати вилояти Суғдро дар бар гирифта, ҳиссаи назарраси маҷмуи маҳсулоти минтақавиро ба вуҷуд меорад. Ин бошад дар бораи аҳамияти фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ва мамлакат шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, ташаккули низоми мусоиду мувофиқи институтсионалӣ асоси инкишофи фаъолияти кории субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи минтақа мебошад.

Бо назардошти нақши муҳими соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёт давлат ба масъалаҳои тараққӣ ва дастгирии соҳибкорӣ диққати зиёд медиҳад. Дар даҳсолаи охир Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба такмили муҳити корӣ дар самтҳои зерин як қатор тадбирҳо андешид: агентии давлатӣ оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" аз 22 апрели соли 2003, № 9 (таҳрири охирони Қонун аз 02.01.2009, № 1580) ва ғайра қабул шуд; барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ қабул гардиданд, низоми содакардаи андозбандӣ ҷорӣ карда шуд, Фонди дастгирии молиявии соҳибкорӣ ташкил карда шуд ва ғайра.

Бо вуҷуди ин бисёр равандҳои маъмурӣ ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ мувофиқ нестанд, ки рушди иқтисодиёти минтақаро бозмедоранд.

Бинобар ин, чунин мешуморем, ки арзёбии омилҳои институтсионалӣ дар қаринаи таъсир ба фаъолнокии корӣ, ки ба пурсиши субъектҳои хоҷагидор асос ёфтааст, имкон медиҳад низоми маҳдудиятҳои ҷамъиятӣ ва мувозинаҳои дар вилояти Суғд ба миён омадаро омӯхта, масъалаҳои мавҷударо дар муҳити институтсионалии соҳибкорӣ аниқ карда, афзалиятҳоро муайян намояд. Ғайр аз ин, тадқиқоти даврӣ метавонанд воситаҳои арзёбии муҳити корӣ ва пайгирии самаранокии ташаббусҳои институтсионалӣ, ки мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ва мамлакат зоҳир мекунанд, гарданд.

Суолҳо барои пурсиши соҳибкорон дар асоси маҷмуи омилҳое, ки дар ҷадвали 1. мазкуранд, тартиб дода шудаанд. Дар рафти пурсиш соҳибкорон муносибаташонро ба масъалаҳое арзёбӣ карданд, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаашон бо он онҳо сарукор доранд. Ба қайдгирии фаъолият, гирифтани иҷозатномаю мувофиқаҳои зарурӣ барои оғози ё пешбурди ин ё он намуди фаъолият, литсензиягирӣ, гирифтани стандарту сертификатҳои ба хусусияти фаъолият мутобиқ, масъалаҳои андозбандӣ ва тафтишҳо; масъалаҳои маблағгузории берунӣ, муносибати соҳибкорон бо намояндагони мақомоти давлатӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ дар минтақа таъсир мерасонанд, аз он ҷумлаанд. Ҷавобҳо аз рӯи ҷадвали қиёсии чаҳорхола арзёбӣ шуданд: "мушкил" – як хол; "нисбатан мушкил" – ду хол "нисбатан мӯътадил" – се хол, "осон" – чаҳор хол. Дар пурсиш 300 соҳибкори шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, намояндагони тиҷорати хурд, соҳибкории инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ иштирок карданд.

Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки аксарияти мусоҳибон дар фаъолияти соҳибкорӣ мушкилӣ мекашанд, яъне муҳити кории минтақа барои фаъолияти бомуваффақият мураккаб маҳсуб мегардад ва суръати рушдро бозмедорад. Арзёбии

шароитҳои институтсионалии рушди муҳити кории минтақа аз ҷониби субъектони соҳибкорӣ дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Арзёбии шароитҳои институтсионалии рушди муҳити соҳибкорӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкории вилояти Суғд (ба %)**

| Омилҳои Институтсионалӣ | Ҷавобҳо | | | | Ҳамагӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|
| | мушкил | нисбатан мушкил | нисбатан муътадил | осон | |
| Таъмин бо захираҳои молиявӣ | 23 | 42 | 20 | 15 | 100 |
| Дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ | 54,7 | 24,5 | 15,4 | 5,4 | 100 |
| Хароҷоти трансаксионӣ | 29 | 33 | 21 | 17 | 100 |
| Муносибати мутақобилаи андозбандӣ | 52 | 25 | 11 | 12 | 100 |
| Таъмини иттилоотӣ | 31 | 37 | 17 | 15 | 100 |
| Мавҷудияти ангеза барои рушд (миқдори тафтишот) | 8,5 | 24,5 | 32 | 25 | 100 |
| Ҳифзи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо | 18,5 | 24,5 | 32 | 25 | 100 |

***Сарчашма: коркард ва ҳисоби муаллиф аз рӯи мавод ва натиҷаҳои пурсишнома.***

Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 1. бармеояд омили асосии институтсионалии боздорандаи рушди соҳибкорӣ дар вилояти Суғд таъмини захираҳои молиявӣ мебошад. Бештар аз 65% респондентҳо омили молиявиро "мушкил" арзёбӣ карданд. Зарур мешуморем институтҳои молиявиро муфассалтар баррасӣ кунем.

Қайд кардан ба мақсад мувофиқ аст, ки нишондиҳандаҳои ҳолати омилҳои институтсионалӣ аз таъсири мушаххаси ин ё он институтҳо ташаккул меёбанд. Арзёбии таъмини молиявии субъектҳои соҳибкорӣ аз маҷмуи арзёбиҳо ташаккул меёбад:

а) имконияти таъмини соҳибкорӣ бо захираҳои худӣ (мавҷудият/норасоӣ);

б) дастрасӣ ба сарчашмаҳои берунаи маблағгузорӣ: давлат, бонкҳои назоратӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, сармоягузорони хориҷӣ;

в) пардохтҳои гаронии андоз; тартиби умумии андозбандӣ ё тартиби содакардаи андозбандӣ; ҳаҷми гаронии андоз нисбат ба пули умумии фурӯш (ба %).

Натиҷаҳои пурсиши мусоҳибон нишон доданд, ки бештар аз 65 % мусоҳибон омили молиявиро "мушкил" арзёбӣ намуданд. Мавҷудият ё норасоии захираҳои молиявии худиро аз бисёр ҷиҳат шумораи гардиши воситаҳои пулии корхона муайян мекунад, ки дар суръати афзоиши пули фурӯши молу маҳсулот ё хизмат инъикос меёбад. Пурсиш нишон дод, ки соли 2020 нисбат ба соли 2019 ҳаҷми фурӯши солонаи бештар аз нисфи соҳибкорон аз 4 то 12% афзудааст. Зимнан соли 2020 сатҳи индекси нархҳои истеъмолӣ нисбат ба соли 2019 ҳамагӣ 108,6 %-ро ташкил кард. **[2, с. 226]** Аз ин ҷо бармеояд, ки суръати афзоиши гардиши воқеии пули аксарияти корхонаҳои хурду миёна манфӣ ё сифрӣ аст. Омори расмӣ шаҳодат медиҳад, ки соли 2020 нисбат ба соли 2018 шумораи корхонаҳои зараровар дар соҳаи саноат 2,13 баробар, кишоварзӣ бештар аз 1,44 баробар, дар сохтмон 2,1 баробар, дар нақлиёт ва алоқа 1,6 баробар, дар савдо бештар аз 2,05 баробар зиёд шудааст. [**1,с. 650**]

Вазъияти воқеии молиявии корхонаҳои соҳибкории хурду миёна зарурати ҷустуҷӯи институтҳои молиявии берунаро ба миён меорад, ки онҳоро ба расмӣ (дар асоси қонунгузорӣ амал мекунанд) ва ғайрирасмӣ (дар асоси аҳду паймон байни шахси воқеӣ ва соҳибкор амал мекунанд) ҷудо кардан мумкин аст.

Дар ҳудуди вилояти Суғд байни институтҳои молиявӣ институтҳои зерин пешво ба шумор мераванд: бахши Бонки давлатии амонатгузории ҶумҳурииТоҷикистон "Амонатбонк", бонкҳои тиҷоратии ҶПС "Спитамен Банк", ҶКС "Бонки Эсхата", ҶКС бонки "Арванд", ташкилоти депозитии микрокредитии "Имон Интернешнл" ва ғайра, ки ба симоҳои ҳуқуқию шахсони воқеӣ қариб 20 намуди хизмат мерасонанд.

Аз ҳама бештар хизматҳо оид ба додани қарз ва амалиёти асъорӣ серхаридор мебошанд. Ин нуктаро натиҷаҳои пурсиш тасдиқ мекунанд: аз 49% пурсидашудагон, ки ба манбаъҳои молиявии беруна эҳтиёҷ доштанд, 33% соҳибкорон ба хизматҳои институтҳои молиявӣ мурочиат карданд, 16% онҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ қарз гирифтанд, 7% аз такшилоти депозитии микроқарзӣ қарз гирифтанд. Айни замон 16% соҳибкорони ба воситаҳои молиявӣ мӯҳтоҷ талаботашонро бо методҳои ғайрирасмӣ қонеъ гардониданд (бо фоиз аз шахсони воқеӣ). Сабаби даст кашидан аз қарз фоизи баланди қарз, гарави амволӣ, пардохтҳои ғайрирасмӣ буд.

Маҳсулоти қарзӣ ба дастгирии рушду тавсеаи соҳибкории хурду миёна, ба афзоиши дороиҳо (активҳо) ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, рушди агробизнес, хариду таҷдиди воситаҳои асосӣ, васеъ кардани майдонҳои савдою бозтамвили ҷорӣ равона карда мешаванд. Аз рӯи мӯҳлат қарзҳо ба кӯтоҳмуддат (то 12 моҳ) ва миёнамуддат (то 60 моҳ) ҷудо мешаванд. Мизони фоиз аз 20% то 38% тағйир меёбад. Ҳамаи намудҳои маҳсулоти қарзӣ таъмини гаравӣ ва кафолати шахсони воқеӣ ё симоҳои ҳуқуқиро талаб мекунанд. Ба истисnoи ташкилоти депозитии микроқарзии “Имон Интернешнл”, ки дар он бо мизони солонаи фоизии аз 28 % то 32% бо асъори миллӣ бидуни таъмини гаравӣ ба мӯҳлати аз 12 то 14 моҳ қарз гирифтан мумкин аст. Дар “Спитамен бонк” барои ба расмият даровардани амволи манқул ва ғайриманқул ба сифати гарав харидани суғурта дар ширкати суғуртавии Spitamen Insurance, ки муассиси ягонаи “Спитамен бонк” мебошад, тавсия карда мешавад. Дар ҳамин бонк функсияи давраи имтиёзнок мавҷуд аст: то се моҳи як сикли солонаи қарз.

Шартҳои пешниҳоди воситаҳои қарзӣ барои аксари соҳибкорон ҷаззоб нестанд, ки дар ин бора ҷавоби мусоҳибон шаҳодат медиҳад: 50% мусоҳибоне, ки қарз гирифтаанд, ба сабаби баланд будани мизони фоиз дар рӯпӯш кардани он мушкилӣ кашиданд; 16% соҳибкорон мизони фоизии баланд, гарави амволӣ ва пардохтҳои ғайрирасмиро чун сабаби аз қарз даст кашидан номбар карданд; 13% соҳибкорони қарз гирифта дар ҳаҷми 8-10% аз қарз ба кормандони институтҳои молиявӣ пардохтҳои ғайрирасмӣ кардаанд.

Ҳамин тариқ, вазъи ҳозираи институтҳои молиявии минтақа барои рушди соҳибкорӣ шароити мусоид ба вуҷуд намеорад.

Ба меъёрҳои таъмини молиявӣ муносибатҳое ворид карда шудаанд, ки бо андозбандӣ марбутанд ва онҳоро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунад. Аз рӯи натиҷаҳои пурсиш муайян карда шудааст, ки зиёда аз 52%мусоҳибонон пардохтҳои андозиро вазнин арзёбӣ карданд, 37% на он қадар вазнин, 11% қобили қабул арзёбӣ намуданд. Дар қонун ду намуди реҷаи андозӣ пешбинӣ шудааст: реҷаи махсуси андозӣ ва реҷаи умумии андозӣ. Ба реҷаи махсуси андозӣ дохил мешавад: низоми патентии андозбандӣ; низоми содакардашудаи андозбандӣ; андози ягона барои хоҷагиҳои деҳқонӣ; реҷаи махсуси андозбандӣ барои субъектҳои тиҷорати бозӣ **[3, с. 4]**.

Аз рӯи натиҷаҳои пурсиш муайян карда шудааст, ки 23% мусоҳибон пардохтҳои андозиро аз рӯи реҷаи умумии андозбандӣ амалӣ мегардонанд; 77 фоиз андозро аз рӯи реҷаи махсус, аз ҷумла 48% аз рӯи низоми патентӣ, 17% аз рӯи низоми содакарда, 12% аз рӯи андози ягона барои хоҷагиҳои деҳқонӣ пардохт мекунанд. Муносибати мусоҳибон ба реҷаи махсуси андозбандӣ мухталиф аст. Намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷорӣ намудани андози ягонаро ба маҳсулоти кишоварзӣ манфиатовар мешуморанд, зеро он, вақт ва нерӯро барои ҳисобкунӣ ихтисор менамояд. Фикру ақидаи намояндагони соҳибкории хурдро ба низоми содакардаи андозбандӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: манфиатовар нест – чунин мешуморанд намояндагони соҳибкории хурд, ки бо истеҳсолот алоқаманданд; манфиатовар аст – чунин мешуморанд намояндагони соҳаи савдою хизматрасонӣ.

Ба ақидаи баъзи олимони ватанӣ **[2, с. 27**]. корхонаҳои хурд бо сабабҳои зерин ба реҷаи махсуси андозбандӣ мегузаранд:

- озод кардани истеҳсолкунандагон – андозсупорандагони низоми содакардаи андозбандӣ аз андози арзиши илова, ки пойгоҳи мизоҷии онҳо – супорандагони ААИ-ро ба сабаби болоравии гаронии андоз назаррас маҳдуд мекунад;
- имкони зиёд кардани маблағи андоз бар фоида, зеро заминаи андозӣ ҳангоми низоми содакарда даромади умумӣ ба ҳисоб меравад;
- ба заминаи андозии супорандагони андоз аз рӯи низоми содакарда ворид сохтани маблағи қарз ва инвеститсияҳои ҷалбшуда.

Барои рушд ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон мақоми давлатии Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис карда шудааст. Қонун ба Хадамоти зиддиинҳисорӣ оид ба масъалаҳои марбут ба танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ваколатҳои калон додааст. Дар сомонаи расмии Хадамоти зиддиинҳисорӣ "хатти алоқаи таъҷилӣ - 2121" сабт гардидааст.

## АДАБИЁТ


1.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳияи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2023 с., №1956)., Реҷаи дастрасӣ: https://andoz.tj/ - ( Санаи муроҷиат: 05.11.2023).

2. Мирпочоев Д.А. Некоторые вопросы совершенствования упрошенной системы налогообложения в Республике Таджикистан (на примере Согдийской области) // Налоги и налогообложение. – 2018. – № 7. – С. 27 – 37.

3. Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 226.

4. Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 650.

5. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 354.


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна** - сармуаллимаи кафедраи "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит" – и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". E mail: shohista_1989@inbox.ru*

**ЛУТФУЛЛОЕВ М.Д., АМОНОВ С.С.**

# САВДОИ ЧАКАНА ВА САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

*Аз ҷониби муаллифон самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст. Мубрамияти рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана қайд гардидааст. Зарурати технологияҳои рақамӣ дар савдо асоснок карда шуда, ҳамалоқамандӣ ва мутобиқшавии онҳо дар савдои чакана ва зарурати ҳамгироии онҳо нишон дода шудааст. Диққати махсус ба рушди савдои мобилӣ, мутобиқат ба шабакаҳои иҷтимоӣ, технологияҳои биометрӣ, технологияҳои ҳақиқияти виртуалӣ, тафаккурӣ сунъӣ ва интернет-ашёҳо дода шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ**: савдои чакана, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, савдои мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, технологияҳои биометрӣ, ҳақиқияти виртуалӣ, интернеташёҳо.*

Интернет ба наздикшавии харидор ва фурӯшанда, оптимизатсияи хароҷот, зиёдшавии гардиши мол мусоидат менамояд, аммо вай тасвири пурраи онро, ки харидорон ба чи гуна молҳо ва дар кадом вақт талаботашонро пешниҳод менамоянд, намедиҳад.

Интернет ба мизоҷ имконият медиҳад, ки афзалиятҳои худро ба фурӯшанда пешниҳод намояд, аммо дар аксар ҳолат ин амал харҷи вақт ва кӯшишҳои иловагиро талаб менамояд. Аз ҳисоби чунин холигии иттилоотӣ фурӯшандагони чакана ба он равона карда шудаанд, ки ба мизоҷон ҳадди максималии имконпазири молҳоро бо нархи паст пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, дар шароити рақамикунонӣ тарзи нави соҳибшавӣ ба баробарвазнии бозорӣ дар савдои чакана имконияти пешниҳод намудани ҳам имкони васеи интихоб ва ҳам пешниҳоди ба мизоҷнигаронидашуда ва ё инфиродӣ ба ҳисоб меравад.

Бо пайдоиши Интернеташёҳо объектҳои рӯзмарра метавонанд оид ба ҳолати худашон маълумотро интиқол намоянд ва аз сабаби он, ки ин иттилоот бо дигар манбаҳои иттилоотӣ алоқаманд аст, ширкатҳо метавонанд фаҳмиши пурратари занҷири таъминот ва рағбатҳои мизоҷонашонро ба даст оранд.

Бешубҳа, дар шароити имрӯза Интернеташёҳо бахши маркази гузариши савдои чакана ба ҳисоб мераванд. Ба ақидаи мо дар шароити имрӯза асосан чунин самтҳои рушд дар савдои чаканаи рақамӣ ба назар мерасад:

### 1. *Фурӯши омниканалӣ ва мултиканалӣ*

Яке аз хусусиятҳои модели рақамии савдои чакана дар он зухур меёбад, ки мағозаҳои муқаррарӣ мисли пешина нақши махсусро дар раванди савдо мебозанд [1]. Аммо дар шароити имрӯза, фурӯшандагон аз нуқтаи алоҳидаи фурӯш (мағоза) ба васеъкунии шабакаи фурӯш бо мақсади ҷалб ва нигоҳдории мизоҷони потенсиалии худ, гузашта истодаанд, яъне ба стратегияи нисбатан васеи чакана.

Солҳои охир тамоили муҳимтарин дар савдои чакана омниканалӣ ба ҳисоб рафта истодааст ва он дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки чаканафурӯшон мавҷудияти (зуҳурияти) ҳам рақамӣ ва ҳам физикиро нишон диҳанд. Савдои чаканаи мултиканалӣ мефаҳмонад, ки фурӯш тавассути онлайн-шабакаҳои гуногун (дар интернет-мағозаҳо, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва мағозаҳои муқаррарӣ) ба амал омада истодааст.

Дар ИМА аз рӯи маълумотҳои Вазорати савдо гардиши моли чакана аз соли 2000 то 2018 чор маротиба афзудааст. Дар ҳамин марҳила фурӯши мағозаҳо қариб 50% паст шудааст.

Тибқи маълумотҳои Survata (ширкате, ки дар байни истеъмолкунандагон пурсиш гузаронида, бо таҳқиқоти брендҳо машғул аст) тақрибан 49%-и ҷустуҷӯи аввали мол дар Amazon оғоз меёбад. Агар кофтукови дар низоми ҷустуҷӯии Google гузаронидашавандаро ҳам ба инобат гирем, онгоҳ ин нишондиҳанда то ба 85% расиданаш мумкин аст [2].

Вақте, ки истеъмолкунандагон чи хариданашонро медонад, онҳо чун қоида ба Amazon ё Google муроҷиат мекунанд. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки онҳо бевосита ба сомонаи фурӯшандагони чакана фақат дар 15%-и ҳолат муроҷиат мекунанд (ва ин нишондиҳанда сол то сол паст шуда истодааст).

Ҳарчанд харидорон ҳеҷ гоҳ аз харид намудан дар мағозаи муқаррарӣ даст накашанд ҳам, онҳо мунтазиранд, ки чаканафурӯшон ба онҳо алтернативаи нисбатан беҳтарро дар Интернет пешниҳод менамоянд. Дар ин ҷо нақши бузургро нафақат майдонҳои савдо ба монани Google ва Amazon, балки шабакаҳои иҷтимоӣ низ мебозанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Facebook ва Instagram медонанд, ки истеъмолкунанда чиро мехоҳад. Онҳо метавонанд муайян намоянд, ки ба истеъмолкунанда чи маъкул аст, ба кадом намуди мол лайк мемонанд, чи гуна шарххоро менависанд ва хатто дар саҳифаҳои муайян то чи қадар меистанд. Дар натиҷа имконияти муайянкунии пешакии дархости истеъмолкунанда пайдо мешавад. Маҳз ба ҳамин тарз майдонҳои савдо ва шабакаҳои иҷтимоӣ манфиатҳои тарафайнро аз ҳамкорӣ соҳиб мешаванд. Масалан, Amazon Spark муносибатҳои ҳамкориро бо Snapchat ташкил намудааст. Amazon Spark ин майдон барои тамоси одамоне, ки манфиатҳои умумиро доранд, мебошад. Spark имконият медиҳад, ки моли лозима тез дарёфт карда шавад, масалан маҳсулотҳо барои ороиши хона ва ё гирифтани маслиҳат барои харидории пойафзол барои машғул шудан бо варзиш ва дарҳол дар Amazon харид иҷро карда шавад.

Муттаҳидкунии муҳити воқеӣ ва рақамӣ барои ҷалбкунии харидор ва нигоҳдории он нақши бузургро дорад.

### *2. Нақши баландшудаистодаи смартфонҳо*

Смартфонҳо ба яке аз ҷузъҳои асосии харид, ки дар моғозаҳо ба амал меояд, табдил ёфта истодаанд. Истеъмолкунандагон онҳоро барои муқоисаи нархҳо дар мағозаҳои гуногун истифода мебаранд. Шумораи назаррасси харидорон барои иҷро намудани пардохтҳо дар мағозаҳо ва истифодабарии купонҳои электронӣ смартфонҳоро истифода мебаранд.

Аз рӯи маълумотҳои IMRG (асосиатсияи Британиягии савдои чаканаи онлайн) миқдори онлайнфрӯшҳо рӯз то рӯз тавассути таҷҳизотҳои мобилӣ зиёд шуда истода, нақши компютерҳои муқаррарӣ ва ноутбукҳо паст шуда истодааст [3].

Смартфонҳо барои истифодабарии имкониятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ ва бекортӣ нақши муҳимтаринро мебозанд. Пардохтҳои мобилӣ ба мизоҷон имконият медиҳад, ки маблағҳоро бо воситаи таҷҳизотҳои мобилӣ ирсол, қабул ва нигоҳдорӣ намоянд. Платформаҳои бузургтарини онлайн-пардохтҳо дар тамоми ҷаҳон WeChat Pay ва AliPay-и хитоӣ бо 900 ва 500 миллион истифодабарандагони фаъол дар як моҳ мебошанд. Дигар бозингарони пешсаф дар ин самт ин PayPal, ApplePay ва SamsungPay маҳсуб меёбанд.

Дар соли 2019 арзиши транзаксияҳо дар сегменти POS-маблағҳои мобилӣ дар тамоми ҷаҳон 744522 миллион долларро ташкил додааст. Интизор меравад, ки суръати солонаи тараққиёти онҳо дар солҳои наздик 29,7%-ро ташкил медиҳад, ки дар натиҷа дар соли 2023 суммаи умумии чунин транзаксияҳо то 2108 миллиард доллар хоҳад расид.

Дар соли 2018 арзиши миёнаи транзаксия барои як нафрар истифодабаранда 677,9 долларро ташкил додааст. Барои муқоиса қайд менамоем, ки арзиши амалиётҳои бо ёрии пардохтҳои маблағӣ дар Хитой иҷрошаванда зиёда аз 586 миллион долларро дар давоми сол ташкил додааст. Аммо аз нуқтаи назари афзалияти умумии истеъмолкунандагон пардохтҳои мобилӣ то ҳол аз дигар намудҳои пардохткунӣ ақиб мемонанд.

### *3. Дастраскунӣ ва зеҳни сунъӣ*

Таҳқиқоти чанд вақт пеш гузаронидаи Alix Partners (ширкати консалтингие, ки бо фаъолияти худ дар соҳаи хизматрасонӣ машҳур аст) нишон дод, ки миқдори вақте, ки одамон барои дастрасшавии бепули мол барои он интизор шудан розӣ ҳастанд аз 5,5 рӯз дар соли 2012 то 4,5 рӯз дар соли 2018 кам шудааст [5]. Дар савдои рақамӣ барои нигоҳдории рақобатпазирӣ кам кардани вақти дастраскунии мол хеле зарур аст.

Amazon, ки яке аз гигантҳои тиҷорати электронӣ ба ҳисоб меравад функсияи “дастраскунӣ дар рӯзи дигар”-ро пешниҳод менамояд, ки он барои ширкатҳое, ки бо ӯ рақобат кардан мехоҳанд мушкилиҳоро ба пеш меорад.

Қайд кардан зарур аст, ки нақши муҳимро ҳангоми дастраскунии мол зеҳни сунъӣ (AI) мебозад. Ширкати Amazon вайро барои қабули қарор ва иҷроиши вазифаҳое, ки одатан тафаккури инсониро талаб мекунад, истифода мебарад.

Пешгӯикунӣ барои ширкатҳое, ки дастраскунии тези маҳсулотро пешниҳод менамоянд, хеле муҳим аст. Amazon суръати баландтарини дастраскуниро ба шарофати AI таъмин намудааст. Бидуни суръати дастраскуни AI ба Amazon имконият дод муайян намояд, ки интернет-харидорон ба инкор намудани харидории он молҳое майл менамоянд, ки агар моли дар сабати онҳо мавҷуд буда, дар анбори ширкат набошад. Зеҳни сунъӣ кори биноҳои анбориро содда мекунад. Роботҳо бе иштироки одам фармоишро қабул ва банду баст менамоянд. Низомҳои AI ҳамчунин ҳамаи унсурҳоро дар анборҳо пайгирӣ менамояд [5].

### *4. Модели обунашавӣ*

Сектори савдои чакана аз рӯи обунашавӣ рушди ҷаҳандаро аз сар гузаронида истодааст, андозаи фурӯш аз 57 миллион доллар дар соли 2010 то 2,6 миллиард доллар дар соли 2016 зиёд шудааст. Мувофиқи ҳисоботи McKinsey & Company (ширкати байналхалқии консалтингие, ки барои қабули қарорҳое, ки бо идоракунии стратегӣ алоқамандбуда машғул аст) дар соли 2017 15%-и онлайн-истеъмолкунандагони ИМА ба як ё якчанд обуна, барои мунтазам гирифтани мол обуна шудаанд [6].

Модели обунашавӣ барои стартапҳое, ки онро барои сатҳи васеъ ҷорӣ намудаанд, истифода бурда мешавад, аз ҷумла барои молҳои бачагона, алкогол, линзаҳои оптикӣ, косметика, хӯрокворӣ, хӯрок барои чорво, ришгиракҳо, видеобозиҳо, витаминҳо ва ғайраҳо. Ин муваффақият брендҳои бузург ва савдои чаканаро ба худ ҷалб намуд, ки онҳо низ дар натиҷа модели обунаи худро ҷорӣ намуданд, масалан P&G (Gillete On Demand), Sephora (Play!) ва Walmart (Beauty Box).

Ин хизмат дар қатори пешниҳодоти инфиродикунонидашуда имтиёзҳоро таъмин намуда, тарзи нави босуръат рушд ёбандаи харид дар интернет ба ҳисоб меравад.

Муаммои калидии обуна дар тиҷорати электронӣ ин мувофиқат байни талабот ва пешниҳод ба ҳисоб меравад. Истеъмолкунандагон бо эҳтимолияти зиёд фармоишро дар ҳолатҳое, инкор менамоянд, ки агар молҳо аз фармоишоти пешина ғун шуда монад ва ё дар ҳолати имконнопазирии дигаргунии ҳаҷми фармоиш вобаста аз талабот (масалан, агар онҳо ба рухсатӣ рафтани шаванд ва ё ба миқдори ками мол дар давоми ҳафтаи (моҳи) ҷорӣ ниёз доранд). Дар ин ҳолат обунашавандагон мегӯянд, ки молро харидорӣ намудан, нисбат ба обуна шудан беҳтар аст.

### *5. Checkout-free retail - савдои чаканаи худхизматрасон*

Савдои чаканаи худхизматрасон имконияти аз тарафи истеъмолкунандагон сканернамоии штрих-код ҳангоми воридшавӣ ба мағоза ва гирифтани молҳои зарурӣ аз рафро мефаҳмонад. Мавҷуд набудани фурӯшандагон, таҷҳизотҳои кассавӣ ва навбат имконият медиҳад, ки харид тезтар иҷро карда шавад, дар ин ҳолат фақат истифодабарии замима дар смартфон бо аккаунти корти бонкии бо он пайвасткардашуда лозим асту халос.

Ин консепсияи инноватсионӣ дар савдои чакана ба шарофати ширкатҳои Amazon Go, Alibaba Hema, GH Lab, BingoBox, Zippin, Standart Cognition, Trigo, AVA retail ва ғайраҳо фаъолона ворид карда шуда истодааст.

Бартарии Checkout-free retail барои ритейлерҳо сарфа дар фонди музди маош, камкунии захираҳо, пастшавии сатҳи дуздиро мефаҳмонад. Иҷроиши чунин намуди харид барои харидорон қулай аст, чунки онҳо нисбат ба усулҳои муқаррарии савдо вақти камтарро сарф мекунанд.

Дар соли 2016 дар ИМА зиёда аз 3,8 миллион мағозаҳои чакана вуҷуд дошт, ки зиёда аз 42 миллион ҷои кориро таъмин менамуданд. Дар онҳо қариб 3,5 миллион кассирҳо бо музди маоши миёнаи 13,574 доллар кор мекарданд. Даромади потенсиалии бозори Checkout-free-и ИМА қариб 50 миллард долларо ташкил медод[6]. Ин маълумотҳо

имконияти сухан ронданро доир ба воридшавии саноати бузург дар раванди гузариши глобалӣ, ки миқдори зиёди имкониятҳоро барои савдои чакана пешниҳод менамояд, медиҳад.

Дурнамои рушди савдои чакана иҷро намудани чорабиниҳое, ки барои татбиқ намудани самтҳои қайдшуда равона карда шудааст, дар назар дорад. Ин имконият медиҳад, ки аз як тараф ба мизоҷон имконияти интихоби васеи мол таъмин карда шавад, аз тарафи дигардархостҳои инфиродии онҳо қонеъ карда шавад[7].

Дар хулоса қайд менамоем, ки ритейлерҳоро зарур аст, ки технологияҳои рақамикунониро амалӣ намоянд, аммо дар баробари ин иқтисодиёти эматияро ба инобат гиранд. Ҳарчанд автоматикунонӣ ба ташкилкунии таҷрибаи (маҳорати) дифференсиронидашудаи мизоҷӣ қодир бошад ҳам, аксар вақт мизоҷон барои муносибат намудан бо одам майл доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Андреев, В. К. Внедрение цифровых технологий в экономику государств — членов ЕАЭС / В. К. Андреев, Л. В. Андреева // Международное сотрудничество евразийских государств: политика, экономика, право. – 2018. - № 2. – С. 38-47.
2. Арсенина В.Н. Исследование роли электронных денег в современной рыночной экономике / В. Н. Арсенина, М. В. Горшков // Актуальные вопросы современной экономики. – 2018. - № 5. – С. 374-382.
3. Асадуллина А. В. Цифровая экономика в России: текущий статус и проблемы развития / А. В. Асадуллина // Российский внешнеэкономический вестник. – 2018. - № 6. – С. 98-112.
4. Богомолов, А. И. Виртуальная экономика против цифровой / А. И. Богомолов, В. П. Невежин // Экономика и управление: теория и практика. – 2018. - № 1. – С. 92-97.
5. Быков, А. Право цифровой экономики. Некоторые народно-хозяйственные и политические риски /А. Быков. - М.: Проспект, 2018. - 24 с.
6. Введение в «Цифровую» экономику / А. В. Кешелава В. Г. Буданов, В. Ю. Румянцев и др.; под общ. ред. А.В. Кешелава; гл. «цифр.» конс. И.А. Зимненко. – ВНИИГеосистем, 2017. – 28 с. (На пороге «цифрового будущего». Книга первая)
7. Рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ: Монография/ М.Д. Лутфулоев. Зери таҳрири доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шаропов Ф.Р. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2023. 184 саҳ.
8. Ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана / Ф.Р. Шаропов, М.Д. Лутфулоев, Қ.М. Кабутов, С.С. Амонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2021. 1 (35) – С. 112 – 123.


***МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН***


1. ***Лутфуллоев М.Д.*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДҲБСТ*
2. ***Амонов Саҳбон Сарватҷонович*** *– н.и.и., и.в., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. (+992) 935-77-92-00, E-mail: a_sahbon@mail.ru*

**МАМАДОВ С.В., МИРБОБОЕВА М.И.**

# РАЗВИТИЕ КРАУДФАНДИНГОВЫХ ПЛАТФОРМ – ФАКТОР УСПЕШНОЙ ДИГИТАЛИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Инновации и технический прогресс нарушили прежний порядок вещей. Передовые технологии открывают новые возможности, создавая условия для появления новых и преобразованных рабочих мест, наращивая производительность и повышая эффективность предоставления общественных услуг. Статья посвящена рассмотрению места благотворительной деятельности в рамках цифровой экономики свободного заработка, экономическим аспектам интернет технологий в реализации благотворительности на краудфандинговых платформах. Роли и значения применения интернет технологий в благотворительной деятельности.

В условиях «экономики свободного заработка» работникам на протяжении их трудовой жизни придется заниматься самыми разными «подработками», а это значит, что в течение всей жизни им придется учиться. Темпы внедрения инноваций будут и далее нарастать, и развивающимся странам для обеспечения своей конкурентоспособности в экономике будущего необходимо будет действовать быстро. Чтобы использовать преимущества новых технологий и смягчать наиболее острые из порождаемых ими проблем, им придется «с ощущением совершенной неотложности» осуществлять инвестиции в своих граждан – прежде всего, в образование и здравоохранение, которые являются краеугольным камнем человеческого капитала. Инновации коренным образом изменили качество жизни. Растет продолжительность жизни, широкое распространение получают базовые услуги здравоохранения и образования, увеличиваются доходы большинства людей.

По данным последнего обследования три четверти граждан Европейского Союза уверены, что для их рабочих мест новые технологии являются благом. Две трети утверждают, что новые технологии благотворно влияют на общество и еще больше улучшают качество жизни.

Современные технологии открывают возможности для создания новых рабочих мест, повышения производительности и оказания эффективных общественных услуг. Благодаря передовым технологиям в процессе внедрения инноваций возникают новые отрасли и новые специальности. Однако лишь некоторые из них верны применительно к странам с формирующейся рыночной экономикой. Новые технологии размывают границы компаний, подтверждением чему служит быстрое развитие торговых платформ. Используя цифровые технологии, предприниматели создают глобальные платформенные компании, производственные процессы в которых отличаются от традиционных, предполагающих ввод ресурсов «на входе» и получение готовой продукции «на выходе». Платформенные компании часто генерируют стоимость за счет создания эффекта сети, соединяющей между собой клиентов, производителей и поставщиков, а также упрощения взаимодействия в рамках модели с множеством граней. Цифровые платформы расширяют масштабы своей деятельности быстрее и с меньшими затратами, чем традиционные компании. IKEA – шведская компания, созданная в 1943 году, – на протяжении первых 30 лет работала исключительно на отечественном рынке и лишь затем начала свое продвижение в Европу. Более 70 лет спустя ее общемировая годовая выручка достигла 42 млрд. долл. США. А китайскому конгломерату Alibaba удалось, опираясь на цифровые технологии, за два года довести количество своих клиентов до 1 миллиона, а за 15 лет – объединить на своей платформе свыше 9 млн. торговцев, ведущих бизнес через Интернет, и довести годовой оборот до 700 млрд. долл. США. Между тем «платформенные» компании, такие, как FLIPKART в Индии и JUMIA в Нигерии, находятся на подъеме во всех странах. Однако с развитием интегрированных виртуальных торговых платформ возникают вопросы

стратегического характера глобального масштаба, касающиеся конфиденциальности, конкуренции и налогообложения.

Новые технологии преобразуют набор навыков, необходимых для работы. Снижается спрос на менее квалифицированных работников, функции которых можно перепоручить машинам. Растет спрос на развитые когнитивные навыки, социально-поведенческие навыки, а также на сочетания навыков, предопределяющие способность к адаптации. Эта тенденция, уже очевидная в развитых странах, начинает проявляться и в некоторых развивающихся странах. Об этих изменениях свидетельствует не только замещение старых рабочих мест новыми, но и появление новых требований к профессиональной квалификации для работы по существующим специальностям. Вместе с тем, угроза, которую новые технологии представляют для рабочих мест, преувеличена – история уже не раз преподносила этот урок. Количество рабочих мест в промышленности в развитых странах сократилось. Сокращение в последние два десятилетия занятости в промышленности во многих странах с высоким уровнем дохода – это тщательно изученная тенденция. К числу стран, в которых уровень занятости в промышленности снизился по сравнению с 1991 годом на 10 и более процентов, относятся Испания, Португалия и Сингапур. Это изменение отражает переход от занятости в промышленности к занятости в сфере услуг. В странах с уровнем дохода ниже среднего наблюдался рост доли экономически активного населения, занятого в промышленности, – с 16 % в 1991 году до 19 % в 2017 году. Этот рост может быть связан с одновременным воздействием двух факторов – открытой торговли и повышения доходов, благодаря которым увеличивается спрос на товары, услуги и технологии.

Технологии и социальные сети влияют во многих странах на восприятие усиливающегося неравенства. Люди всегда стремились повышать качество своей жизни и участвовать в экономическом росте, свидетелями которого они являются. Возможность соприкоснуться благодаря социальным сетям и другим цифровым средствам связи с разными, зачастую принципиально различными стилями жизни и возможностями только усиливает это чувство. Там, где устремления сочетаются с возможностями, налицо благоприятные условия для устойчивого экономического роста в интересах всех слоев населения. Но в условиях неравенства возможностей или несоответствия существующих рабочих мест приобретенным навыкам следствием разочарования могут стать миграция или фрагментация общества.

Медведев Д.А. отмечает, что «цифровая экономика сегодня уже является данностью, причём не по распоряжению властей или по инициативе отдельных предпринимателей. Это то, что нас окружает в прямом и переносном смысле: смартфоны, мобильный интернет, общение в социальных сетях, E-commerce и Fulfillment, электронные платежи – всё это часть современного образа жизни».

Цифровой сектор в Республике Таджикистан также находится на стадии зарождения. Это тоже связано с практическим отсутствием доступа предпринимателей к широкополосной связи, что тормозит развитие процесса инноваций в стране. Менее 1% существующих предприятий предлагают цифровые услуги. По тем же причинам практически не существует предприятий, производящих продукты цифрового контента и медиа.

Реализация дигитализации предусматривает запуск ряда инициатив по созданию экосистемы цифровой трансформации с привлечением представителей частного сектора информационно-коммуникационные технологии, некоммерческих организаций, научного сообщества, студенчества и предпринимателей, потенциальных инвесторов, а также представителей международных организаций по развитию и потенциальных спонсоров. Создание эффективной экосистемы дигитализации на начальном этапе важно для обеспечения максимальной вовлеченности всех участников и потенциальных бенефициаров реализации процесса дигитализации. Успех дигитализации во многом

зависит от степени вовлеченности всех игроков экосистемы, что позволит со временем определить пути создания государственно-частного партнерства.

К 2040 году планируется получение существенных цифровых дивидендов от реализации среднесрочной программы развития цифровой экономики Республики Таджикистан, в том числе дополнительный рост ВВП на 1,5-2 %, создание до 0,5 млн. новых рабочих мест и рост качества жизни населения за счет существенной трансформации сферы услуг.

Благотворительность в цифровой экономике имеет множество способов реализации, например, реализуется с помощью перечисления денег с электронных кошельков. Вывести средства возможно на банковскую карту или получить наличными. Распространенным способом пожертвования – оплата через терминалы экспресс-оплаты, выбирая благотворительный раздел, присутствующий в терминале. Пользователь выбирает нужный раздел, вводит необходимую сумму и личный номер телефона и переводит желаемую сумму деньги. Пожертвования через смс–сообщение – очередной способ для помощи нуждающимся людям. Для перечисления средств (пожертвования), необходимо отправить смс–сообщение на короткий номер. Сбор online – пожертвований – быстрорастущий способов привлечения частных пожертвований во многих странах Европы и США. Создание виртуальных благотворительных порталов позволит сфокусировать внимание всех участников страны на оказание благотворительных услуг нуждающимся, а также оказания благотворительной помощи таким социальным сферам, как здравоохранение, образование, культура и т.п.

Дигитализация общества приводит к возникновению новых бизнес- моделей на основе данных. Ключевым направлением для трансформации подходов оказания услуг и взаимодействия государства с гражданами и бизнесом станет переход к принципам открытой структуры (Open API), при котором будет выстраиваться качественно новый уровень кооперации с коммерческим сектором. Это позволит эффективно использовать ресурсы, концентрируясь на цифровой инфраструктуре, отдавая «последний метр» по оказанию благотворительных услуг обществу и частному сектору. При этом негосударственные информационные ресурсы будут являться фронт-эндом, интегрируя государственные услуги в собственные экосистемы, где граждане и предприниматели смогут инициировать и получать благотворительные услуги. Намечена реализация модели (G2C), когда услуги будут оказываться без необходимости физического посещения учреждений. Первоочередным ключевым принципом для совершенствования всех процессов (G2C, G2B, G2G) станет реализация взаимодействия по формату Paper-Free — исключение бумажного документооборота. Дигитализация взаимодействия государства и бизнеса (G2B) направлена на снижение трансакционных издержек предпринимателей. Данная инициатива станет ключевой в обеспечение прозрачности оказания благотворительных услуг. Реализация принципа Digital by Default, предусматривающего планирование и последующее оказание услуг исключительно в цифровой форме, с расширением возможности самообслуживания, могут расширить возможности и потенциал благотворительной деятельности. Будут созданы условия и цифровая платформа для заключения трудовых отношений с фиксацией выплат по социальным пособиям и пенсионным отчислениям и т.п.

Внедрение цифрового идентификационного механизма станет основополагающей инфраструктурой. Он позволит построить универсальную цифровую среду для взаимодействия и коммуникаций между финансовыми институтами, клиентами, государственными органами и другими организациями, и ведомствами. Это качественно повысит уровень и эффективность оказания благотворительных услуг.

Дигитализация благотворительной деятельности предоставит инструменты для ее развития и создания благотворительной экосистемы, которая обеспечивает быстро, просто и надежно проводить платежи, проверять контрагентов, получать доступ к финансовым инструментам.

На сегодня один из ярких примеров в этой области – краудфандинг. Краудфандинг – коллективное сотрудничество частных лиц, которые добровольно помогают (деньгами или иными ресурсами) другим людям или организациям, реализующим проекты в социальной сфере, в области культуры или бизнеса. Необходимо отметить, что взаимодействие инициаторов проектов и аудитории краудфандинговых платформ происходит напрямую, без посредников: общение с реальным человеком повышает уровень доверия и обеспечивает прозрачность всего процесса.

В 2020 году на фоне разрастания пандемии COVID-19 в Республике Таджикистан возросло количество интернет-пользователей готовых активно участвовать в благотворительности. На цифровых платформах «Alif», «Dushanbe city», «Eskhata», «Qiwi», «Шулаи умед», «Хаёт», «Лона», «Пешрафт», «tajikmama», «Даст ба даст», «Помощь», «Ормон», «Дунёи мехр», «Ҳилоли аҳмар», «Дилсӯзӣ» были созданы благотворительные приложения по оказанию услуг и помощи нуждающимся, которые эффективно взаимодействовали с органами государственного самоуправления, гражданским обществом и системой здравоохранения страны на пике распространения короновирусной инфекции COVID-19.

Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан разработана в соответствии с постановлением Республики Таджикистан №39 от 31 января 2019 года «Об итогах социально-экономического развития Республики Таджикистан и задачах на 2019 год». Концепция основывается на Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и представляет собой общее видение использования современных цифровых технологий в целях достижения высшей цели долгосрочного развития Таджикистана, а именно повышения уровня жизни населения страны, скорейшего выхода на уровень жизни стран среднего достатка и значительного снижения бедности, достижение приоритетных целей экономического развития республики. Повсеместное внедрение цифровых технологий, в том числе «прорывных» технологий должно стать основой обеспечения устойчивого экономического развития и роста международной конкурентоспособности страны. Дигитализация экономики позволит создать новую модель экономического роста, привлечь международные инвестиции, дать толчок развитию новых цифровых платформ, качественному увеличению объёмов совокупного внутреннего спроса. Концепция направлена на получение цифровых дивидендов в таких критически важных для национального развития вопросах, как создание новых рабочих мест, рост валового внутреннего продукта, трансформация сферы услуг и повышение качества жизни населения.

## ЛИТЕРАТУРА

1. «Борьба с неравенством». Фискальный монитор. Обзоры мировой экономики и финансов. МВФ. Вашингтон. 2018.
2. Бриньольфссон, Эрик, Эндрю Макафи, Майкл Сорелл и Фэн Чжу. «Масштаб без массы: тиражирование бизнес-процессов и отраслевая динамика». Исследовательский документ Гарвардской школы бизнеса и управления операциями № 07-016. Кембридж. Массачусетс. 2016.
3. Джанков, Симеон, Рафаэль Ла Порта, Флоренсио Лопес-де-Силанес и Андрей Шлейфер. «Влияние изменения прибыли на корпоративную налоговую базу в США и за ее пределами». Ежеквартальный экономический журнал 118 (1): 2002. 1–37.
4. Ким, Джим Юн. «Разрыв в человеческом капитале: заставить правительства инвестировать в людей». 2018.
5. Филмер, Деон, Холси Роджерс, Ноам Ангрист и Шветлена Сабарвал. «Скорректированные на учебу годы обучения в школе (LAYS): определение нового макроразмера образования». Рабочий документ по исследованию политики 8591. Всемирный банк, Вашингтон. 2018.

## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ*

*1.* ***Мамадов Сайидмуродхон Валиевич -*** *к.э.н., зав. кафедрой финансов и налогов ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова»* *mamadov-sv@mail.ru*
*2.* ***Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна -*** *докторант PhD ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова»* *lubamirboboeva25@mail.ru*

МАМАДОВ С.В.

# ПРОБЛЕМЫ ТРАНСФЕРТНОГО НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ В НАЛОГОВОМ УЧЁТЕ

Сегодняшний мир сталкивается со множеством критических глобальных угроз. Ни один из этих вопросов не может быть решен странами, действующими в одиночку, какими бы могущественными они ни были. Для решения всех этих проблем требуется многостороннее сотрудничество.

Мультилатерализм объясняется необходимостью того, чтобы страны с различными точками зрения вели переговоры и достигали компромисса при поиске общей позиции. Несмотря на важность особенностей международных правил, соглашений и институтов, в конечном итоге они являются вспомогательными по отношению к всеобъемлющей необходимости иметь форумы для диалога и согласования международных норм и правил, в которых заинтересованы самые влиятельные страны и которые они согласны соблюдать. Такие соглашения делают мир более устойчивым, предсказуемым и процветающим.

Основы мультилатерализма сегодня находится под серьезной угрозой. В последнее десятилетие наблюдалось резкое снижение уверенности в эффективности международных институтов, отчасти из-за влияния глобального финансового кризиса 2007-2008 годов, что многостороннее сотрудничество в состоянии решать современные задачи на фоне растущего желания некоторых правительств активно подрывать международные институты. Несомненно, мировой финансовый кризис 2008 года и его негативные последствия сыграли свою роль в подрыве доверия общественности к экономической глобализации, особенно в промышленно развитых странах, где значимые группы среднего класса почувствовали себя стесненными в средствах. В некоторых случаях в общественном мнении возникли представления о том, что этот кризис связан с мультилатерализмом в широком смысле, поскольку некоторые лидеры предлагали упрощенные решения и рассказывали о восстановлении национального превосходства, а не занимались поиском и устранением сложных и взаимосвязанных причин современных социальных и экономических проблем.

Значительные усилия были предприняты для сокращения отмывания денег через многосторонние механизмы, такие как Группа разработки финансовых мер борьбы с отмыванием денег. Однако нужны более активные многосторонние усилия для решения проблемы уклонения от уплаты налогов, поскольку растущие высокодоходные и высокотехнологичные компании могут легко перемещать свою прибыль и избегать налогообложения. Такая практика ослабляет социальную структуру и разрушает финансовые нормы. Эти проблемы можно решить только путем более тесного сотрудничества между государствами, например, в рамках Инклюзивной структуры ОЭСР по BEPS (размывание налоговой базы и вывод прибыли из-под налогообложения) для борьбы с уклонением от уплаты налогов и согласования международных налоговых правил.

Очевидный вывод заключается в том, что для поддержания устойчивости мировой экономики многостороннее сотрудничество должно расширяться, а не сокращаться. Когда некоторые международные компании, особенно в сфере высоких технологий, имеют больше экономической мощи и очевидного политического влияния, чем некоторые национальные государства, не удивительно, что они лоббируют минимальную нормативную базу. Плохое управление глобальной экономикой приведет к худшим результатам в долгосрочной перспективе, какой бы ни была краткосрочная прибыль, и она будет гораздо более уязвимой для будущих экономических кризисов и политической нестабильности.

Обследование предприятий (Business Pulse Survey), проведённое недавно Всемирным банком в Кыргызской Республике, Таджикистане и Узбекистане, даёт очень важные новые данные, которые позволяют оценить вероятное воздействие войны на деятельность предприятий, в том числе в контексте каждой страны.

65% предприятий в трёх обследованных странах Центральной Азии отмечают, что с февраля 2022 года они сталкиваются с растущими производственными издержками. В большей степени увеличение таких затрат характерно для предприятий из Кыргызской Республики в связи с тем, что они закупают больше продукции и материалов из России. В целом, 43% опрошенных предприятий сообщили о сокращении импорта из России и Украины или полном прекращении закупок из этих стран. Из-за растущих производственных издержек предприятия повышают цены на продукцию или вынуждены справляться со снижением прибыльности.

Более того, предприятия, которые реализуют свою продукцию экспортёрам или транснациональным корпорациям из России или Украины, отмечают сокращение продаж в среднем на 5%, с существенными вариациями — от роста продаж примерно на 3% до снижения приблизительно на 13%, тогда как продажи предприятий, не реализующих продукцию в Россию или Украину, увеличились в среднем на 5%.

**Рисунок 1. С февраля 2022 года предприятия в Центральной Азии сталкиваются с растущими производственными издержками и реагируют на это повышением цен на продукцию либо вынуждены справляться со снижением прибыльности.**




Источник: Обследование предприятий «Пульс бизнеса» в Кыргызской Республике, Таджикистане, Узбекистане (2022).

С февраля 2022 года предприятия в Кыргызской Республике, Таджикистане и Узбекистане сталкиваются с растущими финансовыми трудностями, что может быть связано со снижением прибыльности и осложнением доступа к новому кредитному финансированию. Такие затруднения испытывают около четверти опрошенных предприятий, в связи с чем они нуждаются в корректировке своих кредитов и снижении долгового бремени. Неудивительно, что необходимость в корректировке кредитов наиболее остро ощущается предприятиями из Кыргызской Республики — наиболее интегрированной с Россией с точки зрения торговых связей из трёх стран.

Интересно, что с растущими трудностями в получении кредитов сталкиваются все предприятия независимо от финансового состояния (степени нестабильности). Перечень основных трудностей в доступе к кредитованию возглавляют высокие процентные ставки.

На втором месте — наличие залога и гарантий, которые могли бы помочь предприятиям справиться с растущим кредитным риском и потенциально снизить ставки по кредитам.

А на третьем — нежелание банков выдавать кредиты, возможно, в связи с ужесточением правил кредитования и неприятием риска в условиях повышенной глобальной неопределённости.

В целом, предприятия в Кыргызской Республике, Таджикистане и Узбекистане испытывают давление из-за роста производственных издержек и сужения доступа к кредитованию.

В результате, вероятно, пострадают производительность и конкурентоспособность этих предприятий, что приведет к закрытию бизнеса, потере рабочих мест и замедлению экономического роста. В ответ на эти вызовы органам, определяющим политику в этих трёх странах, следует подумать о прозрачной помощи предприятиям, которая:

во-первых, даст им возможность перенаправить и диверсифицировать торговые потоки, на которые повлияли санкции в отношении России для определения альтернативных рынков закупок и экспорта;

во-вторых, позволит решать транспортные и логистические проблемы, а также проблемы с торговыми платежами, в том числе связанные со сбоями в работе банков-корреспондентов ввиду введённых санкций в отношении России;

в-третьих, будет повышать адресность финансовой и нефинансовой поддержки предприятиям, с тем чтобы такую поддержку получали только те предприятия, которые в ней действительно нуждаются, и чтобы предотвратить истощение бюджетных ресурсов без необходимости;

в-четвертых, обеспечит ограниченность во времени и прозрачность процедур, связанных с отказом от применения принудительных мер в отношении несостоятельных должников и их защитой от кредиторов согласно законам о банкротстве, не позволит предприятиям экономически нежизнеспособным предприятиям с низкой производительностью получить ещё один шанс на продолжение деятельности и одновременно будет облегчать выход на рынок новых предприятий.

**Рисунок 2. С февраля 2022 года среди предприятий Центральной Азии возросла потребность в корректировке кредитов — главным образом, из-за высоких ставок кредитования, отсутствия залога/гарантий и неприятия риска со стороны банков.**




Источник: Обследование предприятий «Пульс бизнеса» в Кыргызской Республике, Таджикистане, Узбекистане (2022).

Альтернатива многостороннему взаимодействию – «действовать в одиночку» – означает усугубление кризисов в сфере безопасности, неадекватность регулирования глобализации, усиление глобального неравенства. Ни одна страна, даже самая большая, не сможет добиться успеха в одиночку. Многосторонние действия способны принести пользу всем, если все страны будет в них участвовать. Именно это демонстрирует новое глобальное соглашение о налогах.

Соглашение, одобренное в июле министрами финансов стран «Большой двадцатки» и поддержанное 132 странами, вводит глобальную минимальную налоговую ставку на уровне 15% для транснациональных корпораций. Оно также гарантирует, что эти корпорации уплачивают налоги в тех странах, где они зарабатывают свои прибыли. Это исторический шаг вперёд на пути к более справедливой глобализации и эпохальное достижение эффективного мультилатерализма.

В последние годы правительства предприняли ряд важных шагов для борьбы с уклонением от налогов частных лиц. По данным ОЭСР, в период с 2009 по 2019 годы автоматический обмен налоговой информацией между государствами принёс 95 млрд евро дополнительных налоговых доходов странам «Большой двадцатки», а размер депозитов в налоговых офшорах сократился на 34%.

Однако борьба с уклонением транснациональных компаний от налогов оказалась более трудной задачей. По оценкам ОЭСР, уклонение транснациональных корпораций от налогов приводит к потере доходов правительств стран мира в размере $100-200 млрд ежегодно, что составляет 4-10% от суммы всех собранных корпоративных налогов. Кроме того, нынешняя система корпоративных налогов была разработана более ста лет назад, она всё меньше соответствует современной глобализированной и дигитализированной экономике.

Страны, которые на сегодня поддержали новое соглашение о корпоративном налогообложении, представляют 90% мирового ВВП. Хотя это соглашение не решит проблемы уклонения транснациональных фирм от налогов, оно стало решительным шагом вперёд. Оно знаменует начало конца глобальной гонки за самые низкие ставки корпоративных налогов – соревнования, в котором было несколько очень богатых победителей и миллиарды проигравших; теперь они смогут вновь поверить в силу правил.

Это соглашение приведёт к увеличению и стабилизации доходов правительств в период, когда всем странам приходится нести издержки борьбы с пандемией и мобилизовать инвестиции, необходимые для борьбы климатическим кризисом. И оно обеспечит больше справедливости в тот момент, когда неравенство между развитым и развивающимся миром растёт.

Но прежде всего, новое налоговое соглашение показывает, что многосторонние действия способны создать более справедливую форму глобализации. Будущие поколения не простят нас, если мы проигнорируем главный урок пандемии: мы здесь все вместе. Нам нужна мудрая стратегия и смелая тактика, чтобы обеспечить подлинно многостороннюю повестку для всех.

Эффективное решение этих проблем и выработка нового консенсуса в отношении многостороннего сотрудничества будет медленным, трудным и иногда удручающим процессом для сторонников мультилатерализма. Мультилатерализм может быть эффективным только с согласия простых граждан и их правительств во всем мире, и только благодаря эффективному мультилатерализму мир сможет противостоять масштабным вызовам, с которыми мы столкнемся в течение XXI века.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Bouchard C., Peterson J. Conceptualising Multilateteralism. Can we all just get Alone? [Electronic resource] // Mercury: Multilateralism and the EU in the Contenporary Global OrderMode of access.
2. Caporaso J. A. International Relations Theory and Multilateralism: The Search for Foundations // International Organization. — 1992.— Vol. 4, № 3. — P. 599—632.
3. https://blogs.worldbank.org/ru/europeandcentralasia/taking-pulse-business-central-asia-following-russian-invasion-ukraine. Дата обращения: 18.11.2022.
4. Keohane R. O., Nue Jr. J. S. The Club Model of Multilateral Cooperation and the World Trade Organization: Problems of Democratic Legitimacy: The John F. Kennedy School of Government. Visions of governance in the 21st century: Working Paper № 4 [Electronic resource] // Harvard Kennedy School. — Mode of access: <http://www.hks.harvard.edu/visions/publication/keohane_nye.pdf>.
5. Meyer E. Multilateral Cooperation, Integration and Regimes: the Case of International Labor Mobility by Hebrew University of Jerusalem: Working Paper 61, November 2002 [Electronic resource] // The Center for Comparative Immigration Studies of the University of California. — Mode of access: <http://ccis.ucsd.edu/wp-content/uploads/2012/07/ wrkg61.pdf>.
6. Rapnouil M. L. A European View on the Future of Multilateralism // Washington Quarterly. — 2009. — Vol. 3, № 3. — P. 181—196.


## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*


***Мамадов Сайидмуродхон Валиевич*** *- к.э.н., зав. кафедрой финансов и налогов ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова»* mamadov-sv@mail.ru

**МАХКАМОВА И.И.**

## ПЕШРАФТИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ВА ЗИДДИИНҲИСОРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт кишваре ширкаткунандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ шуда метавонад, ки бо молҳои худ дар бозори ҷаҳонӣ қобилияти рақобат дошта бошад. Ба мо маълум аст, ки ҷаҳони муосир дар назди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа хусусан иқтисодиёт талаботи қатъӣ мегузорад. Аз ин рӯ, мо бояд ба ҳамаи дастовардҳои гузаштаву имрузаи худ қаноатманд нагашта, барои рушди имрӯзавуояндаи кишвари худ тамоми тадбирҳои заруриро андешем.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Сиёсати зиддиинҳисории давлат яке аз масъалаҳои баҳсталаби иқтисоди бозорӣ фаҳмида мешавад. Барои ноил гаштан ба рақобатпазирии иқтисоди миллии мамлакат, соҳаҳо, корхонаҳо, молҳои гуногуни он дар бозорҳои дохилӣ ва беруна зарур аст, ки моҳияти рақобат, мавқеи он дар шароити бозор, моҳияти инҳисорот (монополизм), сиёсати давлатии дастгирии рақобат ва чораҷӯиҳои зиддиинҳисорӣ дар мамлакат омӯхта шаванд. Барои рақобатпазир гаштан хусусиятҳои рақобатро донистан зарур аст. Дар айни ҳол рақобату инҳисоротро, ки муқобили ҳамдигаранд, тасаввур намудан лозим аст: дар он ҷое инҳисорот ҳукмрон аст, рақобат коҳиш меёбад, равнақи рақобат бошад инҳисоротро суст мегардонад.

Инҳисорот дар иқтисодиёт маънои аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ дар бозори молҳои муайян ишғол намудани мавқеи ҳукмфармоиро мефаҳмонад. Бо ин роҳ вай метавонад ба рақобат таъсир расонида, барои субъектҳои дигари хоҷагидорие, ки ба бозор ворид гаштаниаанд, душвориҳо ба миён орад.

*Ҳадафҳои асосии фаъолияти зиддиинҳисории давлат чунинанд:*

- Ғанӣ намудани бозори молҳо ва хизматрасонӣ ва ҳадди имкон бартараф намудани камчинии онҳо;
-Ривоҷу равнақи рақобат, пешгирии рақобати бевиҷдонона ва мусоидат барои ташаккули муносибатҳои мутараққии бозорӣ;
- Маҳдудсозии фаъолияти монополистҳои мавҷуда, роҳ надодан барои пайдо шудани монополистҳои нав;
- Мубориза бар зидди қонуншиканиҳое, ки барои ташаккули бозори бамеъёр халал мерасонанд, аз ҷумла алайҳи коррупсия;
- Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

Дастгирии сохторҳои наве, ки ба хотири инкишофи бозор таъсис дода мешаванд. Ин гунна дастгирӣ бо роҳи расонидани ёрии молиявӣ ба сохторҳои нави иқтисодӣ, ки нахустин бор иштирокчии бозор гаштаанд.

Сиёсати зиддиинҳисории давлат дар ҷаҳон таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳадафи асосии ингуна сиёсат – ташкили шароити мусоид барои инкишофи бозор мебошад. Дар давлатҳои хориҷӣ шаклҳои босамараи муқобилият алайҳи амали инҳисории корхонаҳо ва маҳдудкунии рақобат истифода мешаванд.

Дастгирии давлат дар он ифода меёбад, ки аз ҷониби давлат шароити ҳокимияти инҳисорӣ маҳдуд гардонида мешаванд.

Чораҳои давлатӣ доир ба пешгирии амалиётҳои инҳисорӣ ба тариқи қонунгузориҳои дахлдор сурат мегирад. Таърихан ду намуди танзими зиддиинҳисориро мекунанд – низоми амрикоӣ ва низоми аврупоӣ.

Мувофи низоми амрикоӣ ҳамаи намудҳои инҳисорот ғайриқонунӣ ҳисобида мешуданд, аз рӯйи низоми аврупоӣ бошад ғайриқонунӣ танҳо амалиёте ҳисобида мешуданд, ки дар он суистеъмолкунии инҳисор ҷой дошта бошад. Дар бисёри давлатҳо фирмае, ки аз 40 то 70 % - и ҳиссаи бозорро ишғол мекунад, монополия ҳисобида мешавад.

Низоми сахти зиддиинҳисории амрикоӣ дар охири асри XI ба амал омад, ки бо қабул намудани қонун «Дар бораи ҳимояи савдо ва саноат аз маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ва инҳисорӣ» ном дошта, бо унвони муаллифи он чун «Қонуни Шерман» машҳур аст. Қонуни мазкур ҳар гунна амалиёти инҳисориро қтъиян манъ намуда, барои қонуншиканӣ ҷаримабандиро (ба маблағи то 5 ҳазор доллар) пешбинӣ менамуд. Дар ҳолатҳои махсус роҳбарони корхонаҳои инҳисорӣ ба мӯҳлати то 5 сол аз озоди маҳрум карда мешуданд[1-15с].

Қонуни Шерман аз ҷониби Конгрессияи ИМА 2 июли соли 1890 қабул гашта буд. Унвони расмии ин санад – «Қонуни ҳимояи савдо ва саноат аз маҳдудиятҳо ва монополияҳои ғайриқонунӣ» ном дошт. Ин нахустин қонуни федералие буд, ки бар зидди трестҳо равона шуда буд. Дар лаҳзаи қабули ин қонун дар 14 иёлоти (штати) мамлакат аллакай қонунҳои зидди монополияҳои саноатӣ амал мекарданд[55-61с].

Ҳоло дар ИМА барои қонуншикании зиддиинҳисорӣ масъулияти ҷиноятӣ ва шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст, ки аз корпоратсияҳо ба қадри то 10 млн. доллар ва аз шахсони мансабдор то 350 ҳазор доллар ҷарима [1]Шеремет А.Д., Негашев Е.В. Методика финансового анализа. - М.: ИНФРА – М, 2002. – 208с.
ситонида шуда, ба мӯҳлати то 3 сол онҳо аз озодӣ маҳрум карда мешаванд.

*Қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.* Ташаккули муҳити рақобат яке аз арзишҳои иқтисоди бозор буда, давлатро водор месозад, ки ин вазифаи нави давраи ислоҳотро ба ӯҳда гирифта анҷом диҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди асосҳои ташкиливу ҳуқуқии маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона кори пайгирона бурда мешавад. Қонунҳои зиддинҳисорӣ дар мамлакат мунтазам такмил меёбанд. Дар давоми солҳои 1993 – 2006 ба хотири барпо намудан ва самарабахш амали намудани бозорҳои мол ин қонунҳо 3 маротиба аз нав таҳия гаштанд: нахустин Қонуни ҶТ дар ин самт «Дар бораи маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ ва равнақи рақобат» 27 декабри соли 1993 таҳти № 871 қабул шуда буд. Қонуни дуюм, ки 29 ноябри соли 2000 таҳти № 11 қабул гардид, «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» маротибаи сеюм 28 июли соли 2006 таҳти № 198 қабул гардида, қонунҳои пешина аз эътибор соқит дониста шуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» №523 13 декабри соли 1997 қабул шуда, қонуни нави ҶТ дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи монополияҳои табиӣ» аз 12 майи соли 2001 № 5 қабул гардид.

Ҷиҳати татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ, танзими фаъолияти инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2018 корҳои муайянеро дар самти ҳимоя ва рушди рақобат анҷом дод.

Ташкил ва пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд» ҳар сол Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфарморо доро мебошанд, дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда мешавад. Дар асоси маълумотҳои дастрасгардида лоиҳаи "Феҳристи субъектҳое, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд" таҳия ва бо фармоиши Хадамот аз 14 майи соли 2018, №56 тасдиқ гардонида шуд. Айни замон ба Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфарморо доро мебошанд, 80 субъекти хоҷагидор шомил карда шудааст. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои ба уҳдааш вогузоргардида мониторинги бозори молиро амалӣ намуда, вазъи муҳити рақобатро дар бозори мол баҳогузорӣ менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ, дар асоси маълумоти дастраснамуда аз Агентии омори назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бозорҳои моли муайяни ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд. [15-40с]

Маълумот оид ба бозорҳои мол дар нӯҳ моҳи соли 2018 чунин аст:

Бозори ғалла ва орд. Тибқи маълумоти оморӣ - гумрукӣ ба ҷумҳурӣ ғалла ва орд асосан аз Ҷумҳурии Қазоқистон ворид карда мешавад. Дар нӯҳ моҳи соли 2018 ба ҷумҳурӣ 720 925,1 тонна гандум бо нархи миёнаи 167 доллари ИМА барои 1 тонна ворид карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 68,2 ҳазор тонна (720,9-652,7) ё 9,46 фоиз зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар нӯҳ моҳи соли 2018, бозори воридоти гандум рақобатпазир буда, иштирокчиёни бозори молӣ 75 субъекти хоҷагидорро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 субъекти хоҷагидор зиёд мебошад. Ҳиссаи субъектҳои хоҷагидори иштирокчиён аз рӯи воридот 15,94 фоиз ба ҶДММ "Роҳи Сомон", 8,63 фоиз ба ҶДММ "Шаҳроми Хуросон", 6,49 фоиз ба ҶДММ "А-Баракат", 7,28 фоиз ба ҶДММ "Навзар 1" ва 61,66 фоиз ба 71 субъекти хоҷагидор рост меояд. Дар ин давра, ба ҷумҳурӣ 25,07 ҳазор тонна орд бо нархи миёнаи 214 доллари ИМА барои 1 тонна ворид карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,73 ҳазор тонна (25,07-39,8) ва ё 37,01 фоиз кам гардидааст. Истеҳсоли орд дар корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ дар нӯҳ моҳи соли 2018 – 498,7 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,3 ҳазор тонна (498,7-511,0) ва ё 2,4 фоиз коҳиш ёфтааст. Иштирокчиёни бозори воридоти орд бошад, 27 субъекти хоҷагидорро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 - 7 субъекти хоҷагидор кам мебошад. Ҳиссаи субъектҳои хоҷагидори иштирокчиён аз рӯи воридот орд 21,1 фоиз ба ҶДММ "Давронӣ", 9,26 фоиз ба ҶДММ "Сомон замин", 23,3 фоиз ба ҶДММ "Шодӣ", 9,96 фоиз ба ҶДММ "Назириён", 12,51 фоиз ба ҶДММ "Ориё таъминот" ва 23,87 фоиз ба 22 субъекти хоҷагидори дигар рост меояд. Воридоти бештари орд ва гандум аз рӯи минтақаҳо дар ин давра ба вилояти Суғд рост меояд. Аз ин лиҳоз, нархи орд дар бозорҳои вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фарқият дорад, арзиши як халта орди истеҳсоли дохили кишвар бо гандуми воридотии Ҷумҳурии Казоқистон дар корхонаҳои истеҳсолии вилояти Суғд навъи якум то 107,0 ва навъи дуюм 145,00 сомониро ташкил медиҳад. Аз рӯи нишондодҳои омории гумрукӣ арзиши воридотии 1 тонна орд ба 214 доллари ИМА баробар буда, ба ҳар як халтаи 50 кг 10,7 доллари ИМА рост меояд. Бар замми ин хароҷоти нақлиётӣ, боркунӣ, борфарорӣ ва даромади субъекти хоҷагидор ба ҳисоб гирифта мешавад. Бо назардошти қайдҳои зикргардида, дар анборҳои фурӯши яклухти шаҳри Душанбе нархи як халта орди истеҳсоли ватанӣ бо иловаи хароҷоти ҷорӣ то 10 сомонӣ, ки ба як халта орд зам мегардад, нархи як халта орди 50 кг навъи якум ба ҳисоби миёна аз 167,5 сомонӣ ба фурӯш бароварда шудааст.

Бозори шакар ва равғани растанӣ**.** Мувофиқи маълумоти оморӣ - гумрукӣ дар нӯҳ моҳи соли 2018 ба ҷумҳурӣ ба миқдори 99,4 ҳазор тонна шакар ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 18,6 ҳазор тонна (99,4-80,8) ва ё 23,0 фоиз афзоиш ёфтааст. Аслан воридоти шакар дар бозори молӣ 74 фоиз ба Ҷумҳурии Покистон ва 15,4 фоиз аз Ҷумҳурии Беллорусия рост меояд. Воридоти шакар дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 18,64 фоиз ба вилояти Суғд, 74 фоиз ба вилояти Хатлон ва 7,2 фоиз ба шаҳри Душанбе рост меояд. Нархи миёнаи фуруши 1кг шакар дар бозорҳои ҷумҳурӣ дар соли ҷорӣ аз 6,30 то 7,50 сомониро ташкил медиҳад. Воридоти равғани растанӣ дар нӯҳ моҳи соли 2018, 52,8 ҳазор тонна буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21,3 ҳазор тонна (52,8-74,1) ва ё 28,7 фоиз кам гардидааст. Воридоти бештари равғани растанӣ 47,4 фоиз аз Федератсияи Россия, 28,8 фоиз аз Ҷумҳурии Қазоқистон, аз 13,0 фоиз Ҷумҳурии Туркманистон ва 10,8 фоиз аз дигар давлатҳо ворид гаштааст. Воридот дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 77,8 фоиз ба вилояти Суғд, 8,88 фоиз ба шаҳри Турсунзода, 13,06 фоиз ба шаҳри Душанбе рост меояд. Нархи миёнаи фурӯши равғани

пахта (истеҳсоли ватанӣ) дар миқёси ҷумҳурӣ дар нӯҳ моҳи соли 2018 аз 11,30 то 13 сомониро ташкил медиҳад. Дар ин давра, бозори молии шакар ва равғани растанӣ рақобатпазир буда, субъектҳои хоҷагидори ба феҳристи субъекти хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доро мебошанд, шомил карда нашудаанд.

Бозори сӯзишворӣ тибқи маълумоти омории гумрукӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродӣ дар нӯҳ моҳи соли 2018 ба ҷумҳурӣ ба миқдори 327,0 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ, аз ҷумла 149,3 ҳазор тонна сӯзишвории дизелӣ (45,7 фоиз), 128,9 ҳазор тонна бензин (39,4 фоиз), 21,9 ҳазор тонна сӯзишвории реактивӣ (6,7 фоиз), 13,1 ҳазор тонна равғанҳои молиданӣ 4 фоиз) ва 13,7 ҳазор тонна мазут (4,2 фоиз) ворид гардидааст. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти нафтии воридгардида ба корхонаҳои коркарди нафти Федератсияи Россия 75,8 фоиз, ба Ҷумҳурии Туркманистон 10,8 фоиз, ба Ҷумҳурии Қирғизистон 10,4 фоиз ва боқимонда 3 фоиз ба дигар давлатҳо рост меояд. Дар ин давра, ба феҳристи субъекти хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доро мебошанд, дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯи воридоти бензин ва сӯзишвории дизелӣ 3 субъекти хоҷагидор шомил карда шудааст. Аз ҷумла:

- ҶДММ «Газпромнефть - Тоҷикистон»;
- ҶДММ «Сеганҷ»;
- Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фаъолияти субъектҳои мазкур таҳти танзими зиддиинҳисорӣ қарор доранд. Тибқи динамикаи нархи маҳсулоти сӯзишворӣ нархи фурӯши миёнаи 1 литр бензини Аи - 92 ба ҳолати 30 сентябри соли 2018 дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ аз 7,60 то 7,90 сомониро ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки дар нух моҳи соли 2018 ба ҷумҳурӣ 280 346,8 тонна гази моеъ ворид гардидааст. Воридоти маҳсулоти гази моеъ асосан аз Ҷумҳурии Қазокистон сурат гирифта, 77,2 фоизро аз ҳаҷми умумии воридот, яъне 216 546,9 тоннаро ташкил додааст. Боқимонда 48 487,2 тонна аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 14 851,0 аз Федератсияи Россия, 377,0 тонна аз Ҷумҳурии Турманистон ва 84,2 тонна аз Ҷумҳурии Қирғизистон ворид гаштааст, ки аз рӯи субъектҳои хоҷагидори воридоткунандаи гази моеъ чунин мебошад дар ҷадвал оварда шудаанд:

**Ҷадвали 1. Субъектҳои хоҷагидори воридоткунанда**

| № т/р | Номгӯи субъектҳои хоҷагидор | Воҳиди ченак | Миқдор | Арзиши миёнаи гумрукӣ бо долари ИМА | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Ғайрат 82» | тонна | 42 366,0 | 467 | 15,11 |
| 2 | ҶДММ «Октан-Сервис» | тонна | 38 841,9 | 463 | 13,85 |
| 3 | ҶДММ «Аллат» | тонна | 51 179,9 | 454 | 18,25 |
| 4 | ҶДММ «Темур Ойл» | тонна | 31 333,8 | 465 | 11,17 |
| 5 | ҶДММ «Гули Сурх Континент» | тонна | 22 237,4 | 456 | 7,93 |
| 6 | ҶДММ «Газпромнефт Тоҷикистон» | тонна | 22 693,1 | 535 | 7,93 |
| 7 | ҶДММ «Эмом Импорт Экспорт» | тонна | 15 597,2 | 465 | 5,56 |
| 8 | ҶДММ «Газнафт» | тонна | 14 377,0 | 481 | 5,12 |
| 9 | ҶДММ «Каёнуш Таъминот» | тонна | 17 977,2 | 485 | 6,41 |
| 10 | ҶДММ «Баҳор» | тонна | 12 271,4 | 458 | 4,37 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 11 | ҶДММ «Мабдаи Нур» | тонна | 11 451,8 | 429 | 4,08 |
| 12 | Тоҷиев Мирзохон | тонна | 19 600 | 450 | 00 |
| | Ҳамагӣ (Иштирокчиёни бозор 11 с/х ва 1 соҳибкори инфиродӣ) | тонна | 280 346,8 | 466 | 100 |

Айни замон дар бозори мазкур 11 субъекти хоҷагидор ва 1 соҳибкори инфиродӣ фаъолият менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар нуҳ моҳи соли 2018 ба ҷумҳурӣ 280 346,8 тонна гази моеъ ворид гаштааст. Воридот нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба миқдори 18 227,0 тонна зиёд мебошад. Ба санаи 30 сентябри соли 2018 дар нуқтаҳои фурӯш нархи 1 литр гази моеъ аз 3,90 то 4,20 сомониро ташкил медиҳад.

Бозори истеҳсоли ангишт. Дар ҷумҳурӣ 14 кони ангишт фаъолият дошта, дар он 18 субъекти хоҷагидор ба истихроҷи ангишт машғул мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор дар моҳҳои январ - сентябри соли 2018 1254596,3 тонна ангишт истихроҷ карда шудааст, ки дар ҷадвали зерин оварда мешаванд.

**Ҷадвали 2. Давраи ҳисоботӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор.**

| *№* | *Номгӯи корхонаҳо* | *Воҳиди ченак (тонна)* | *Ҳисса бо%* |
|---|---|---|---|
| 1 | КФ «Шахтаи «Фон Яғноб» | 694664,9 | 55,4 |
| 2 | ҶДММ «Комбинати металлургии Тоҷик» | 253713,0 | 20,2 |
| 3 | ҶДММ «Талко-Ресурс» | 179614,4 | 14,3 |
| 4 | ҶСШК АнгиштиШӯроб ш. Исфара | 43845,0 | 3,5 |
| 5 | КФ Кони ангишти Зиддӣ»-Варзоб | 66768,0 | 5,32 |
| 6 | Дигар с/х | 15991,0 | 1,28 |
| | Ҳамагӣ: | 1254596,3 | 100 |

Ангишти истихроҷшуда нисбат ба соли гузашта 22478,0 тонна ё 1,82 фоиз афзоиш ёфтааст. Айни замон, ба Феҳристи субъекти хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доро мебошанд, дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯи истихроҷи ангишт се субъекти хоҷагидор шомил карда шудааст. Аз ҷумла:

- КФ «Шахтаи «Фон-Яғноб»;
- ҶДММ «Талко Ресурс»;
- ҶДММ «Комбинати металлургии Тоҷик».

Фаъолияти субъектҳои хоҷагидори мазкур таҳти танзими зиддиинҳисорӣ қарор доранд.

Бозори истеҳсоли семент, тибқи маълумоти оморӣ дар нӯҳ моҳи соли 2018 дар ҷумҳурӣ 2885503,0 тонна семент истеҳсол гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 640472,7 тонна зиёд мебошад. Айни ҳол, ба Феҳристи субъекти хоҷагидоре, ки дар бозори молии семент ҳамчун мавқеи ҳукмфармоиро доро мебошанд, 3 субъекти хоҷагидор ворид карда шудааст:

- ҶДММ “Хуаксин Ғаюр семент” ноҳияи Ёвон;
- ҶДММ “Хуаксин Ғаюр - Суғд семент” ноҳияи Б. Ғафуров;
- ҶДММ “Ҷунтай моҳир семент”- и ноҳияи Ёвон;

Дар маҷмуъ ҳиссаи субъектҳои мазкур дар бозори моли муайян зиёда аз 90 фоизро ташкил медиҳад.

Бозори алоқаи barқӣ, асосҳои ҳуқуқии танзим ва идоракунии фаъолияти соҳаи алоқаи barқӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи алоқаи barқӣ” амалӣ гардида, хизматрасонии алоқа бошад тавассути ҶСК “Тоҷиктелеком” ба роҳ монда

шуда, фаъолияти он дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи инҳисороти табиӣ” танзим карда мешавад. Айни замон, тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ба “Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доро мебошанд” операторони алоқаи барқии ҶСП «Индиго Тоҷикистон», ҶСП «ТТ - Мобайл» ва ҶСП «Вавилон Мобайл» шомил мебошанд. Аз рӯи хизматрасонии алоқаи мобилӣ GSM 900/1800 бо дарназардошти муштариёни фаъол дар бозори моли муайян ҶСП “Индиго Тоҷикистон” 42,51 фоиз, ҶСП «ТТ Мобайл» 20,11 фоиз, ва ҶСП «Вавилон Мобайл» 21,63 фоизро ишғол менамоянд. Аз рӯи хизматрасонии интернети мобилии ҳамин намуди хизматрасонӣ бошад бо дарназардошти муштариёни фаъол дар бозори моли муайян ҶСП “Индиго Тоҷикистон” 38,22 фоиз, ҶСП «ТТ Мобайл» 26,42 фоиз ва ҶСП «Вавилон Мобайл» 22,61 фоизро ишғол менамояд. [15-50c].

## АДАБИЁТ

**1.**Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 № 9 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҷумҳурият», 2 декабри соли 2006.
**2.**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006, № 198 «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», «Ҷумҳурият», 10 августи соли 2006.
3.Шеремет А.Д., Негашев Е.В. Методика финансового анализа. - М.: ИНФРА – М, 2002. – 208с.
**4.**Иқтисоди миллӣ; асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Душанбе «Ирфон», 2007, 488 саҳ.
**5.**Исмоилов Ш. М, Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. Душанбе; «Шуҷоиён», 2010 – 466 саҳ.
**7.**Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – соли 2020

## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*

***Махкамова Ишкинисо Иномовна*** - *унвонҷӯ, омӯзгори калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ, факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

**МАШОКИРОВ Ҷ.Н.**

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЪМИНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ САБЗ

*Мақолаи мазкур ба масоили мубрами самтҳои афзалиятноки таъмини сифати хизматрасонӣ дар шароити иқтисоди сабз бахшида шудааст. Ҳангоми таҳияи мақола тасмим гирифтем зиёдтар такя ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 намоем. Дар маҷмӯъ, СМР-2030 механизми аввал ва мувваффақи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад ва як нақшаи иқдомоти роҳнамо барои тамоми сатҳи мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи амали индикативӣ барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад ва барномаҳои кумакҳои техникӣ ва молиявии кишвар дар асоси он таҳия карда мешаванд.*

***Калид вожаҳо:*** *сифати рушд, рушди иқтисод, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои инкишоф, тамсилаи рушди иқтисод, тамсилаи Р.Солоу, рушди экстенсивӣ, рушди интенсивӣ, рушди воқеӣ, сармояи инсонӣ, иқтисоди «сабз», рушди устувор, ҳадафҳои рушди устувор, рушди ҷисмӣ, рушди арзишӣ, бехатарии иқтисодӣ, сифати рушди иқтисод, омилҳои тақозо, омилҳои арза, омилҳои мустақим, соҳаи хизматрасонӣ, хизматрасонӣ, савдо, сифати хизматрасони, хизматрасонии пулакӣ, идоракунии сифат.*

Ҳангоми таҳияи боби мазкур тасмим гирифтем зиёдтар такя ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 намоем. Чун, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки рушд, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия карда шудааст фарогир мебошад [10].

Дар маҷмӯъ, СМР-2030 механизми аввал ва мувваффақи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад ва як нақшаи иқдомоти роҳнамо барои тамоми сатҳи мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи амали индикативӣ барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад ва барномаҳои кумакҳои техникӣ ва молиявии кишвар дар асоси он таҳия карда мешаванд [12,3].

Рушди иқтисодӣ ҳамчун таъминкунандаи даромади умумии миллӣ арзёби гардида, маҳсулоти воқеии дохилӣ ҳамчун манбаи конеъ гардонидани талаботи ҷомеа зиёд мешавад. Ба ибораи дигар, рушди иқтисодӣ афзоишест, ки дар ММД ё даромади миллӣ ба сари ҳар як кишвар дар як давраи муайян рух медиҳад (одатан як сол). Афзоиши иқтисодиро одатан на ҳамчун болоравии кӯтоҳмуддати ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ, балки тамоюлҳои дарозмуддати афзоиш ва такмили сифатии маҳсулоти миллӣ ва омилҳои истеҳсолоти он мефаҳманд.

Рушди иқтисодӣ ҳамчун консепсия пешрафти иқтисодиро нисбат ба рушди иқтисодӣ пурратар инъикос мекунад. Ин маънои на танҳо афзун гардондани натиҷаҳои истеҳсолот, балки дар хоҷагии халқ ташаккул додани таносуби нави прогрессивиро низ дорад. Онҳо, дар навбати худ, барои рушди минбаъда заминаҳои заруриро ташкил медиҳанд. Афзоиши иктисодиёт пеш аз хама бо афзоиши микдори махсулоти истехсолшуда алокаманд аст. Вай чунин соҳаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёт, монанди нав кардани истеҳсолот ва хелҳои мол, фароҳам овардани шароит барои нигоҳ доштани муҳити муътадили экологӣ ва гайраро ба эътибор гирифта метавонад, Маҳз ин равандҳо душвор будани тараққиёти иқтисодиёт ва гузаштани онро нишон медиҳанд.

Рушди иқтисод (чӣ аз нишондиҳандаи микро ва чӣ макроиқтисодӣ) нишондиҳандаи нисбатан мураккаб буда, ҷанбаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоиро дар бар мегирад.

Моҳият ва мазмуни **рушди иқтисоди воқеӣ** дар: омӯзиш, дарк ва аз нигоҳи тоза ҳаллу фасл ва маънидоду таҷдид намудани **зиддияти асосии иқтисоди бозорӣ** – зиддияти байни захираҳои маҳдуди истеҳсолӣ (иқтисодӣ) ва тақозои беинтиҳои ҷамъият зуҳур мегардад. Он дар асоси харҷӣ бештар афзун гардонидани имконияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии он ва ҳамаҷониба густариш додани талаботи ҷамъиятӣ халлу фасл карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ

1. Суръати афзоиши ММД (МММ):

$$\text{Суръати афзоиши ММД дар соли ҷорӣ} = \frac{\text{ММД дар соли ҷорӣ}}{\text{ММД дар соли гузашта}} \times 100$$

2. Суръати афзоиши солонаи ММД (МММ) дар маҷмӯъ ба ҳар сари аҳолӣ:

$$g = \text{афзоиши ММД} = \frac{\text{ММД соли ҷорӣ} - \text{ММД соли гузашта}}{\text{ММД дар соли гузашта}} \times 100$$

Аз ин нигоҳ, рушди иқтисодӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии кулли иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ дар як давраи муайян сурат мегирад. Бо ибораи дигар, рушди иқтисодӣ ҳамчун раванди муозин ва ботафсили ташкил ва ташаккули даромади воқеӣ дар иқтисод (ҳаҷми умумии маҳсулоти соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, даромади аҳолӣ, маҳсулоти умумии миллӣ, маҳсулоти умумии дохилӣ даромади миллӣ...) тасаввур карда мешавад.

**Дар таҷриба ду усули муайянкунии рушди иқтисодӣ вуҷуд дорад:**

| | |
|---|---|
| Рушди иқтисодӣ зиёдшавии воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар давраи вақти алоҳида мебошад. | Рушди иқтисодӣ зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар давраи вақти алоҳида ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. |

Дар амалия ду тарзи ҳисобу китоби рушди иқтисодӣ истифода мешавад. Аз нигоҳи аввал рушди иқтисод ҳамчун натиҷаи ниҳоии тавсифи иқтисоди миллӣ дар як давраи муайян (моҳ, квартал, нимсол, сол, панҷ - даҳ сол) тибқи меъёрҳои суръати афзоиши МУД, МУМ ва даромади миллии воқеӣ ва сониян, суръати афзоиши онҳо (МУМ, МУД, ДМ) ба ҳар нафар аҳолӣ тасниф карда мешавад.

Тарзи аввали ҳисобу китоб асосан, барои муайян кардани нерӯ ва қудрати иқтисодии мамлакат, суръатафзоии он дар давраҳои наздик ва оянда тарзи дуввум – таҳлили ботадриҷ тағйирёбии сатҳ ва дараҷаи некӯаҳволии шахс, аҳолии ноҳия, мамлакат ва ғайра истифода карда мешавад. Усули дуввум бештар дар назарияи рушди иқтисод афзалият дорад.

Агар сухан оид ба масъалаи сатҳи қиёсии зиндагии аҳолӣ дар кишварҳои алоҳида равад, он гоҳ усули дуюм истифода бурда мешавад.

Дар омори иқтисодӣ барои омӯзиши рушди иқтисодӣ одатан сатҳи рушд ва дараҷаи афзоиш истифода карда мешавад. Тарзи муайяннамоӣ рушди иқтисодӣ аз рӯйи сатҳи солона бо фоиз (%) ҳисоб карда мешавад. Агар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 79109,8 млрд. сомонӣ ва дар соли 2020 82543,0 млрд. сомонӣ бошад, он гоҳ сатҳи рушд (t) чунин рақамҳоро ташкил медиҳад:

$t = 82543{,}0 : 79109{,}8 = 1{,}04$ ё ин ки 4,16%

Сатҳи афзоиш бошад бо чунин тарз ифода карда мешавад:

$$T = t \cdot 100 - 100$$

Ба ҳисоби мо он 6%-ро ташкил медиҳад. Инчунин, бояд қайд намоем, ки сатҳи афзоиши солонаи ММД- ҷаҳонӣ дар соли 2021 2,1%-ро ташкил додааст. Дар саросари ҷаҳон, интизор меравад, ки рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври назаррас коҳиш ёбад, аз 5,5 фоиз дар соли 2021 то 4,1 фоиз дар соли 2022 ва 3,2 фоиз дар соли 2023 ташкил намояд.

Умуман, дар ҷаҳон дар солҳои охир тамоюли умумии болоравӣ мушоҳида мешавад. Тибқи омор, дар соли 2017 иқтисоди ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ 3,2%, соли 2018 афзоиш 3,0% ва дар охири соли 2019 дар саросари ҷаҳон 2,3% афзоиш ёфтааст. Дар соли 2020, бар асари бӯҳрони ҷаҳонии марбут ба коронавирус, суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳон рекордӣ -3,3% -ро ташкил дод. Дар охири соли 2021, афзоиш 5,5% буд.

Аз ин ҷиҳат тахти рушди иқтисод ҳамон вазъ ва ҳолати иқтисоде, ки қодир бошад суръати афзоиши даромади миллиро нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ таъмин намояд мефаҳманд.

Суръати афзоиш (рушд)-и иқтисодӣ, одатан бо воситаи суръати афзоиши МУД – и иқтисодӣ, одатан бо воситаи суръати афзоиши МУД – и воқеӣ дар ифодаи фоиз муайян карда мешавад.

Суръати афзоиши МУД ҳамчун таносуби фарқи МУД – и воқеии соли ҳозира ва МУД – и соли гузашта (пештара) муайян карда мешавад:

$$Y = \frac{y_t - y_{t-1}}{y_{t-1}} \cdot 100 = \frac{\Delta y_t}{y_{t-1}} \cdot 100\% .$$

Дар ин ҷо:

$y_t$ – ҳаҷми МУДи воқеӣ дар соли ҳозира;

$y_{t-1}$ – ҳаҷми МУД-и воқеӣ дар соли гузашта;

$\Delta y_t$ – ҳаҷми афзоиш (рушд) дар давраи таҳлил кардашаванда.

Ин тарз ва услуби ҳисобу китоб имкон медиҳад, ки суръати афзоиши иқтисодӣ дар ҳамаи ҳалқаҳову (звеноҳо) сарҳалқаҳои (соҳа, иттиҳодияҳо, вазорат, ноҳия, вилоят...) иқтисодӣ муайян карда шавад.

Иқтисоди сабз яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, тайи ду даҳсолаи охир ба арсаи илм ворид гардидааст ва дар доираи он бахшҳои дигари иқтисод, ки аз ҷузъҳои табиати муҳити атроф вобастагӣ доранд, баррасӣ мешаванд.

Аз ин рӯ, солҳои охир ибораи иқтисоди сабз аз ҷониби олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, энергетика, иқтисод ва ғайра мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дорад.

Консепсияи иқтисоди сабз ғояҳои мухталифи илми иқтисод ва фалсафа, аз ҷумла иқтисоди феминистӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, постмодернистӣ, зиддиистеъмолот, муқобил ба ҷаҳонишавӣ, анархияи сабз, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро дарбар мегирад.

Ҳамин аст, ки барои амиқан ифода кардани иқтисоди сабз то ҳанӯз фаҳмиши ягонаю умумӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, илми назарияи иқтисодӣ мафҳум ва ибораи иқтисодиёти “сабз”-ро ба се аксиома ҷудо намудааст:

- Васеъ намудани майдони таъсир дар фазои маҳдуд ғайриимкон аст;
- Афзоиши бемеъёри талаботҳои қонеъкунанда дар шароити маҳдуди захиравӣ ногузир аст;
- Ҳама чизҳо дар сатҳи замин бо ҳам алоқаманданд, асос ёфтааст.

Баробари рушди иқтисоди сабз тарафдорони он низ сол аз сол зиёд мегарданд. Ҷонибдорони иқтисоди сабз аз соли 2006 ин ҷониб маҷаллаи International Journal of Green Economics нашр мекунанд ва ҳамзамон, Институти иқтисоди сабзро таъсис додаанд.

Назарияи иқтисоди "сабз" аз инҳо бармеояд [6,3].:

- Баланд бардоштани маҳдудияти фазо ва захираҳо;
- Зарурати ташаккули эҳтиёҷоти «сабз»;
- Вобастагӣ ва ба ҳамдигар - алоқаманд будани тамоми мавҷудоти зинда ва гайризиндаи рӯи замин ва дар ҳамин асос ташаккул ёфтани рафтори тағйирпазири инсон.

Иқтисоди сабз ба се нишондиҳандаи болозикр асос ёфта, устувор аст. Инчунин, барои таъмини назарияи иқтисоди “сабз” омилҳои самаранокии иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва амнияти экологӣ таъсири бузург мерасонанд.

Аломатҳои асосии иқтисоди сабз инҳоянд:

- Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ;
- Ҳифз ва афзун намудани сармояи табиӣ, аз ҷумла экологӣ;
- Кам кардани ифлосшавӣ;
- Партовҳои ками карбон;
- Пешгирии талафоти гуногунии биологӣ ва экосистемаҳо. хизматрасонӣ;
- Афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ.

Тоҷикистон дорои неруи бузурги гидроэнергетикӣ буда, ояндаи рушди он аз бисёр ҷиҳат аз истифодабарии самаранок ва оқилонаи ин намуди энергия вобаста аст. Неруи гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахминан 527 млрд. кВт/соат дар як солро ташкил дода, ба 4% захираҳои ҷаҳонии сарватҳои гидроэнергетикӣ баробар аст. Ин нишондиҳанда аз талаботи муосири кишварҳои Осиёи Марказӣ ба энергияи барқ бештар аз се маротиба зиёдтар аст. Дар ин кишварҳо одатан неруи неругоҳҳои барқию олавӣ бештар истифода бурда мешаванд. Дар айни ҳол тақрибан 3,2-3,5 фоиз аз ин неру аз худ карда шудаасту халос. Ҳиссаи гидроэнергетика дар тавозуни энергетикии Тоҷикистон тақрибан ба 98 фоиз баробар аст. Дар «Рӯзномаи аср то соли 2030», ки аз ҷониби СММ соли 2015 қабул шуд, баробари афзалиятҳои меросии рушди устувор, ки дар Эъломияи ҳазорсола (Ҳадафҳои рушди ҳазорсола) тарҳрезӣ гардиданд (ба мисли маҳви қашшоқӣ, ҳифзи саломатӣ, таҳсилот, амнияти озуқаворӣ ва хӯрока), ҳадафҳои афзалиятноки характери иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологидошта низ ворид карда шуданд.

**Ҷадвали 2. Мақсади Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути стратегияи рушди миллӣ то давраи солҳои 2030**

| № | Нишондиҳандаҳо | Мақсад/дурнамо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **2015** | **2020** | **2030** |
| 1 | Шумораи аҳолӣ (млн.) | 8,5 | 9,5 | 11,6 |
| 2 | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ), | 5,663 | 8,400 | 23,131 |
| 3 | Интизории миёнаи давомнокии умр аз давраи таваллуд | 73,5 сол | 75,9 сол | 80 сол |
| 4 | Сатҳи камбизоатӣ | 31% | 20% | 15% |
| 5 | Сатҳи аксари камбизоатӣ | 15% | 10% | 0% |
| 6 | Вазни қиёсии қишри миёна | 22,4% | 30% | 50% |
| 7 | Сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқа | 55% | 65% | 70% |
| 8 | Вазни қиёсии маълумоти касбидошта дар байни аҳолии бо кор таъмин буда | 26% | 30% | 60% |
| | аз он ҷумла дар байни занон | 20% | 24% | 50% |
| 9 | Фарогирии кудакони синни аз 3 то 6 сола бо таҳсилот дар муассисаҳои томактабӣ | 12% | 30% | 50% |
| 10 | Ҳисоби миёнаи солҳои таҳсил дар мактаб | 9,6 сол | 10 сол | 12 сол |

Дар Ҳадафҳои рушди устувор, ки 169 вазифаро дар бар мегирад, диққати асосӣ ба ҳавасмандгардонии фаъолият дар соҳаҳои фавкулода муҳим: инсонҳо, сайёра, пешрафт, сулҳ ва ҳамкориҳо нигаронида шудааст. Самти умумии стратегӣ майлу кӯшишҳо аз сӯи решакан кардани қашшоқӣ дар ҳама шакли он ва мубориза бо нобаробарӣ ба самти ҳалли мушкилоте, ки ба тағйирёбии иқлим ва таъмини дастрасӣ ба оби тоза алоқамананд, ба ҳисоб меравад.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми декабри соли 2016 таҳти № 636 тасдиқ шудааст, ба ҳалли афзалиятноки мушкилоти зерини умумӣ ва рӯзмарраи рушди иқтисоди миллӣ бартарият дода шудааст:

- идоракунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, ки дар афзоиши табиатталабии истеҳсолот, ифлосшавии қисматҳои муҳити табиӣ ва сатҳи баланди талафоти ғайриистеҳсолиии маҳсулот, пеш аз ҳама, энергияи барқ зоҳир меёбад;
- тамоили афзоиши ҳаҷми андӯхташудаи партовҳои саноатӣ ва ифлосшавии захираҳои замину об дар навоҳии саноатӣ, таъсири ногувор ба муҳити атроф, ки аз ҷониби корхонаҳои саноати иктишофи кӯҳӣ идома меёбад;
- набудани баҳисобгирии дурнамои тағйирёбии иқлим дар давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва таъсири он ба рушди устувори мамлакат ва соҳаҳои иқтисодиёт дар оянда ва ғайра.

Алҳол дар мамлакат ташаккулёбии низоми ченкунии рушди устувор давом дорад. Танзими умумии масъала бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ухдаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Дар он Маркази ҷумҳуриявии координатсияи иҷрои Стратегияи рушди устувор фаъолият мекунад. Дар аксар вазорату муассисаҳо низ гурӯҳҳои корӣ оид ба координатсияи иҷрои стратегияи рушди устувор мунтазам фаъолият менамоянд.

Дар “Стратегияи миллии рушд Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030” афзалиятан чунин самтҳои муҳимтарини сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ инъикос ёфтаанд: маориф, тандурустӣ, шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бехатарии озуқаворӣ, мубориза бо коррупсия, пешгирии низоҳои имконпазир, энергетикаи боэъдимод, муҳити зист, идораи оқилонаи раванди ҳиҷрат (ҳаракат)-и аҳолӣ ва ғайра.

Самтҳои афзалиятнокӣ фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақсади стратегияи миллӣ то давраи солҳои 2030 оид ба сармоягузорӣ ба сармояи инсониро тавассути нишондиҳандаҳои зер мушоҳида кардан мумкин аст.

Стратегияи милли рушд афзалиятан рушди ҳавзаи маориф, тандурустӣ ва соҳаи иҷтимоиро дар асоси сармоягузорӣ ба инсони иқтисодӣ тақозо мекунад. Дар самти маориф барои ҳама табақаҳои аҳолӣ, аз рӯи таваллуд то охири умр таъмини низоми сифатан нав дастрасии маълумот пешбинӣ мегардад. Маориф ҳамчун соҳаи калидии мамлакат бояд иқтисодиёти мамлакатро бо кормандони баландихтисос ва бо технологияи инноватсионии муосир таъмин намояд. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандарти ҷаҳонии низоми таҳсилот ва низоми сифати баҳодиҳии байналмилалӣ ҷавобгӯй бошад.

## АДАБИЁТ

1. Digital Economy Compass [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://static2 .statista.com/download/pdf/Digital_Economy_Compass_2018_print.pdf (санаи вуруд: 25.04.23)

2. Власов Михаил Александрович Модели социальной политики // Вестник Сыктывкарского университета. Серия гуманитарных наук. 2013. №2. URL: https://cyberleninka.ru/ article/n/modeli-sotsialnoy-politiki (санаи вуруд: 25.03.2023).

3. Д.И. Розенберг. Комментарии к “Капиталу” К.Маркса. М., 1984. с. 77.

4. Доклад о мировых инвестициях 2022// Международные налоговые реформы и устойчивые инвестиции. // Организация Объединенных Наций. Женева 2022.

5. Коневщинская Н.Н. Особенности использования модели AD-AS в условиях трансформационной экономики // Актуальные вопросы экономических наук. 2014. №39. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-ispolzovaniya-mode -ad-as-v-usloviyah-transformatsionnoy-ekonomiki (дата обращения: 14.11.2023).

6. Машокиров Ҷ. Н. Низоми менеҷменти сифат: моҳият, сохтор, хусусиятҳои татбиқи он дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ / Ҷ. Н. Машокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No 1(35). – P. 67-72. – EDN XDVBGB.

7. Машокиров Ҷ.Н., Эшов М.А., Абдувалиев М.Ҳ. Таҳлилҳои микдорӣ. Васоити таълимию методӣ. - 1. - Душанбе: ҶДММ «АРШАМ», 2022. - 150 с.

8. Машокиров, Ҷ. Н. Тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар рушди иқтисоди рақамӣ / Ҷ. Н. Машокиров, З. С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No 2(31). – P. 22-29. – EDN CPOQTD.

9. Назарияи иқтисодӣ. Қисми микроиқтисод / Бобокалони Исомат, Маҳбубаи М., Машокиров Ҷ., Туйчиқулов З. - ISBN 978-99975-666-8-3. -Душанбе: ИРФОН, 2022. -321 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 23.12.2022. [Захираи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ, URL: http://prezident.tj/node/29823, кушода, санаи муроҷиат 28.12.2022.
11. Роберт Мёрфи. Дарсҳо барои иқтисодшиносони ҷавон. Тарҷума бо забони тоҷикӣ. - Нашри 1. - Душанбе: Нашри Камол, 2023. - 272 с.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Текст: электронный // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: [сайт]. - URL: http://mmk.tj. (дата обращения: 23.12.2022).
13. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314. // Сомонаи расмии Бонки миллӣ. // https://nbt.tj/files/prog ram/national rategy_tj.pdf.
14. Тоҷикистон 30 –соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. Саҳ -335.
15. Холматов, М. М. Некоторые особенности организации цифровой экономики Таджикистана / М. М. Холматов // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. – № 2. – С. 76-83. – EDN UQNNHW.
16. Шарифзода М.М., Муҳадбердиев Ҳ., Машокиров Ҷ.Н. Микроиқтисод. - Китоби дарсӣ. Зери таҳрири профессор Фақеров Ҳ.Н. - Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 348 с.

## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*
## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*

***Машокиров Джамшед Неъматуллоевич-*** *кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке и международным связям Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: +992934313131. Email: jamshed.tguk@gmail.com*

**МАШОКИРОВ Ҷ.Н.**

# РУШДИ ЗАМИНАҲОИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баъди ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон низоми сустинкишофёфтаи соҳаи сайёҳиро ба мерос гирифт, ки он ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯй набуд. Маълум аст, ки аз байн бурдани ин мушкилот ва беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонӣ ва ҷалби бештари сайёҳон ба болоравии иқтисодӣ ва сатҳи некӯаҳволии мардум такони ҷиддӣ мебахшад.

Ҷиҳати пайдо намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум мегардад, ки барои ҷалб намудани сармоя ба соҳаи сайёҳӣ давлат аввалан самтҳои афзалиятноки онро муайян карда, ба он имтиёзҳо ҷудо менамояд.

Зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2017 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид, ки “Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидаанд”.

Бинобар ин, бо мақсади рушд додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод гардид, ки соли 2018 дар кишвар “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шавад.

Ин иқдомҳои сиёсӣ боис гардиданд, ки дар Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ заминаҳои устувор гузошта шавад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ" ба танзим дароварда шудааст.

Бо мақсади тақвияти корҳо дар ин самт аввалин маротиба ҳуҷҷати муҳимми банақшагирии стратегӣ - Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 1 августи соли 2018, № 372 қабул гардид.

Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадаф, вазифа ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳии кишварро барои давраи то соли 2030 муайян намуда, омили ташаккули нақшаҳо ва роҳнамои ташаббусҳои соҳибкории шаҳрвандон дар соҳаи сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад.

Аллакай Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 ва Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 бомуваффақият амалӣ шуданд.

Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, таваҷҷуҳ ба соҳаи мазкур зиёд гардид. Бинобар ин, бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот аз ҷониби Сарвари давлат 26 декабри соли 2018 пешниҳод гардид, ки солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд. Маҳз ба туфайли иқдомҳои созандаи Пешвои миллат имконият пайдо шуд, ки новобаста ба вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, пандемияи COVID-19 ва дигар мушкилот дар як муддати кӯтоҳ пешравиҳои назаррас дар соҳаи мазкур ба даст оварда

шуда, иқтидорҳои нуҳуфтаи Тоҷикистон дар ин самт ба таври дахлдор истифода карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда сол аз сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ зиёд гардида истодааст. Ҳоло дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гардиданд.

Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо дар соли 2022 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидаст.

Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, имкониятҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, қуллаҳои баланди кӯҳӣ, обҳои мусаффову шифобахш ва табиати нотакрори худро барои ҷалби бештари сайёҳон истифода бурда истодааст.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки захираҳои сайёҳии ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ ва мувофиқ ба меъёрҳои муосиру байналмилалии сайёҳӣ истифода нагардида, шароити мусоид барои сайёҳон ба таври кофӣ муҳайё карда нашудааст. Аз ин рӯ, мақсад аз он иборат аст, киислоҳот дар ин соҳа идома ёфта, саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Дар сурати амалӣ намудани вазифаву ҳадафҳои гузошташуда имкон ҳаст, ки дар соли 2030 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳаи сайёҳиаш устувор ва дар минтақаву сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда гардад.

## АДАБИЁТ


1. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷиикстон. Душанбе 2023
2. Машокиров Дж.Н. Шаропов Ф.Р. Модель аутентичного управления в развитии рынка туристских услуг // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2022. № 1(40). С. 23-32.
3. Машокиров Дж.Н. Шаропов Ф.Р. Влияние качества туристических услуг на качество жизни населения // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2022. № 2(41). С. 219 - 228.
4. Машокиров Дж.Н. Шаропов Ф.Р. Коммуникатсияи ахбори омма дар вазъияти рушди туризм // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2022. № 4/1(43). С. 74-79.
5. Машокиров Дж.Н. Гафарова М. Таҳқиқи оморӣ ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи туризм // Вестник Таджикского государственного


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Машокиров Ҷ.Н. -*** *н.и.и., и.в., дотсенти бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

**МУЛЛОЕВ П.Н., АМОНОВ С.С.**

# ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СТРАН ПО ПОДДЕРЖКЕ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕГИОНАХ

***Аннотация.*** *Основной целью настоящей статьи является анализ региональной поддержки малого предпринимательства в зарубежных странах. В статье подчёркивается, что в осуществлении регионального развития предпринимательства должны участвовать в той или иной степени все государственные институты, поскольку их деятельность, так или иначе, привязывается к определённой территории.*

***Ключевые слова:*** *малое предпринимательство, зарубежный опыт, регионы, развитие, поддержка, государственное регулирование.*

Эффективность развития малого предпринимательства в стране во многом зависит от скоординированности всех административно-территориальных структур. В осуществлении регионального развития предпринимательства должны участвовать в той или иной степени все государственные институты, поскольку их деятельность, так или иначе, привязывается к определенной территории. Государственная региональная политика является многоуровневой. Ее субъектами выступают законодательные и исполнительные власти центра и регионов, а также органы местного самоуправления.

Принципы организации, методы и формы региональной экономической политики существенно отличаются в разных странах. Изучение зарубежного опыта воздействия на процессы выравнивания территориальных диспропорций показывает, что зарубежная экономика имеет достаточно прогрессивные результаты, но в то же время региональная политика носит противоречивый характер, так как при различной наделенности факторами производства выявляются особенности в функционировании рыночной экономики. Избыточность того или иного фактора производства ведет к определению специализации территории, является основанием для внешнего сотрудничества и т.п. В данном случае это выражается в том, что развитые страны имеют больше возможностей решать проблемы территориальной дифференциации, в то время как развивающиеся страны должны сделать достаточно сложный выбор из возможных инструментов воздействия. Поэтому для Таджикистана опыт регионального управления в зарубежных странах достаточно значим, но для его применения в современных условиях необходимо учитывать особенности транзитивности экономики страны, политические, этно-культурные и иные факторы.

Во всех странах, в том числе и в Таджикистане существует несколько уровней государственного регионального управления. Преобладающей тенденцией в эволюции современных государств является постепенная децентрализация государственной власти, передача все большей части государственных функций от центра к регионам. Ни в одной стране нет монополии какого-либо одного центрального государственного органа, ответственного за регулирование регионального развития. Так или иначе, эта функция государства разделяется между несколькими или многими центральными ведомствами.

В настоящее время в Таджикистане сложилось неоднозначная ситуация между необходимостью обеспечения экономического развития страны и экономической безопасности регионов на основе роста ресурсных возможностей отечественной экономики, с одной стороны, а с другой, уменьшением бюджетных возможностей государства, снижением инвестиционных вложений, и замедлением темпов экономического роста. Для разрешения названного противоречия проведем оценку экономической безопасности региона в контексте развития малого бизнеса.

Экономика региона, являясь субнациональной, испытывает влияние негативных воздействий, характерных как для экономической системы страны в целом, так и специфических для конкретного региона эффектов, которые снижают уровень его экономической безопасности. При анализе зарубежного опыта важно иметь в виду, что

граница между региональной и отраслевой политикой в разных странах проводится по-разному так как особенности управления региональным развитием территорий находятся в определенной зависимости от типа государственного устройства.

Рассматривая опыт зарубежных стран с позиций его полезности для современного Таджикистана необходимо иметь в виду, что децентрализации региональной экономической политики, базирование ее на концепции «развития снизу» основанного не на внешних, а на внутренних источниках и предполагающего повышенную роль региональных властей в регулировании развития предпринимательства возможны отнюдь не при любых условиях. Можно привести в качестве примера опыт Греции (80-х годов), где была поставлена цель «развития снизу-вверх» и где региональные органы не справились с поддержкой реализуемых программ, т.к. не имели необходимого квалифицированного персонала, научно-технической и инфраструктурной базы [2,32].

Также свои достоинства и недостатки имеет стимулирование разных по своим масштабам инвестиционных проектов. Крупные предприятия, созданные на базе привлеченных инвестиционных проектов, нередко со временем оказываются неэффективными и закрываются, поскольку подобные предприятия оказываются, как правило, неинтегрированными в хозяйство проблемных регионов. Крупные предприятия оказываются связанными главным образом не с местной экономикой, а со своими смежниками в более развитых регионах. Появился даже термин «соборы в пустыне», который стал применяться во Франции, Италии. Британские исследователи также стали говорить о том, что точечные инвестиции, как правило, не могут решить проблемы безработицы и неблагоприятной структуры промышленности в долгосрочной перспективе. В этой связи поддержка небольших компаний представляется более эффективным, т.к. на них меньше тратится государственных средств, а их зависимость от местных рынков обычно выше, нежели у крупных фирм [1,8].

Малому бизнесу в регионах нужна грамотная и целенаправленная государственная поддержка. Малым фирмам требуется венчурный капитал, доступ к информации, квалифицированная рабочая сила, потенциальные заказчики в лице крупных частных фирм, а также государственных компаний - всего этого в отсталых регионах фактически нет. Поэтому для развития малого бизнеса требуется непосредственная и постоянная помощь государства. Но практика зарубежных стран также свидетельствует, что бесконтрольность субсидий, льгот и т.п. в целях развития малого предпринимательства в регионах может провоцировать коррупцию среди государственных чиновников, и ослабить интерес руководства регионов к эффективному развитию территорий.

Отсутствие абсолютной эффективности региональной политики и государственное поддержание проблемных регионов путем поддержки малого предпринимательства, позволяющим таким регионам, по крайней мере, не увеличивать, и в ряде случаев и сократить свое отставание от передовых регионов, - имеет место в большинстве зарубежных стран. И нельзя не признать того, что в области осмысления региональных проблем и разработки путей их решения развитые страны продвинулись далеко вперед.

Например, в **Грузии** в целях развития микро и малого бизнеса в регионах проводятся презентации по проекту “Поддержка микро и мелких производителей Грузии” где жители регионов могут принять участие и представить свои бизнес-проекты.

Такие программы поддержки микро и малого бизнеса осуществляются в рамках программы «Производи в Грузии» и имеет целью развитие микро и малого бизнеса в регионах Грузии. Программа предоставляет техническую помощь, обучение и индивидуальные консультации и действует по всей Грузии уже несколько лет, а успешные проекты получают финансирование. Авторам наилучших бизнес-идей дается возможность пройти специальный тренинг, составить профессиональный бизнес-план и посредством конкурса добыть софинансирование для осуществления идей. В случае получения софинансирования от предпринимателя требуется самое меньшее 20% денежного

соучастия в бизнесе. Приоритет дается бизнес - идеям женщин, инновационным идеям и начинающим бизнесменам в возрасте от 25 до 35 лет.

Рассмотрим опыт разработки и развития цифровизации экономики в развитых странах. Одной из стран, которая добилась наиболее заметных успехов в трансформации сферы государственного управления и государственных услуг на основе внедрения цифровых технологий является Великобритания. Истоком таких преобразований послужило создание в 2011году комплекса оказания услуг, на основе использования возможностей государственных цифровых структур (ГЦС). Например, внедрение этого комплекса в практику способствовало переводу оказания государственных услуг в электронный формат. Такой комплекс позволяет Правительству Великобритании получать дополнительную выгоду ежегодно в пределах до 1, 8млн.фунтов[2].

В процессе развития экономики в Великобритании последовательны были переведены на цифровой формат оказываемые услуг, например, такие виды, как:

- Цифровизация Национальной службы по профессиональному обучению. В частности, на цифровой формат переведен общий объем массивов данных о имеющихся вакансий и заявок о приеме на работу. Это позволило оптимизировать процесс нахождения имеющихся вакансий и предоставления требуемого трудового персонала. Значительно упрощено размещение данных о вакансии для работодателей.
- В налоговой службе предоставлены определенные возможности для самостоятельного вычисления объемов налоговых отчислений для рядовых налогоплательщиков в упрощенном варианте.
- В сфере охраны интеллектуальной собственности цифровизация Ведомства по охране прав интеллектуальной собственности, дает возможность оперативно регистрировать и проводить мониторинг патентов, товарных знаков и проектов в режиме онлайн.

В рамках ГЦС разработана «Стратегия преобразования правительственных структур» с целью цифровизации всех общедоступных сервисов, что позволит упростить выполнение целевых задач, улучшит оперативность предоставление услуг и в итоге повысить эффективность взаимодействия государственного аппарата управления.

Представляет определенный интерес и опыт Сингапура, как одного из лидеров по внедрению и развитию цифровизации экономики. Начальным этапом перехода на цифровую экономику можно считать следующие основные мероприятия, проведенные правительством Сингапура:

- Разработан 10-летний «Основной план по ИКТ 21». По данному проекту в Сингапуре был проведен комплекс мероприятий по подготовке перехода города к принципам функционирования информационного общества.
- Внедрен действенный механизм, который направлен на проведение электронных выборов, переписей населения, что является исходной информационной базой для других служб правительства Сингапура (Проведение дистанционного мониторинга по телемедицине, электронных сделок, налоговых служб, образованию, функционирования инфраструктуры города и т.д.).
- Проведена реализация инициативы «SmartNation» по разработке цифровых, информационных и кибербезопасных приложений SmartNation [3].

Одним из государств, наиболее быстрыми темпами проводящее цифровизацию, является Корея, которая, по информатизации и развитию электронного правительства занимает высокое положение в мировом рейтинге. Исходным мероприятием, которое стало

отправной точкой по переводу на цифровую экономику, стал разработанный План по умному электронному правительству (Smart E-GovPlan). Согласно этому плану, было создано компьютерное электронное правительство. Искомый процесс цифровизации послужил тому, что, начиная с 2013 г. Корея развивается по стратегическому направлению «Правительство 3.0» (Government 3.0). Основными стратегическими направлениями, по которым происходит функционирование экономики страны, являются следующие:

1. Действия Правительственных структур направлены на оказание услуг;
2. Управление страной в соответствии с принципами транспарентного (либерального) правительства;
3. Компетентность правительства, основанная на «умных» технологиях.

В развитии данных стратегических направлений Правительством Кореи была разработана комплексная система, цель которой состояла в предоставлении необходимой информации и оказания услуг. В настоящее время Правительство Кореи проводит мероприятия по развитию разработанной комплексной системы, на основе интеграции в процесс государственного органы управления, домены и географические юрисдикции. В стране функционирует сеть порталов для предоставления услуг населению страны, в частности электронная система закупок; электронная система по таможенным услугам; электронная система налоговых услуг; единое окно по предоставлению услуг бизнесу; электронные гражданские услуги; совместное использование административной информации и т.д. [4]

В настоящее время, одни из самых наиболее высоких темпов цифровизации экономики принадлежат США, где в 2014 году была сформирована Цифровая служба США (USDS), предназначенная для организации и оказания наиболее затребованных цифровых услуг. В рамках функционирования USDS ее действия направлены как на взаимодействие населения страны со своим правительством, посредством сети Интернет, так и всемерного развития таких коммуникационных возможностей для усиления доверия к правительству страны. Для этого, разработаны, в рамках USDS, соответствующие управления в федеральных агентствах. В частности, в системе USDS созданы следующие департаменты: обороны, по делам ветеранов, внутренней безопасности, здравоохранения и социальных служб, образования, управление общих служб и развития малого бизнеса.

Важность проведения цифровизации экономики страны подчеркивается принятой США В 2016г. программой «Digital Economy Agenda» («Повестка по цифровой экономике»). Основное назначение данной программы состоит в том, что подчеркивается приоритет цифровизации для развития экономики и повышения конкурентоспособности промышленного производства. На основании программы «Digital Economy Agenda» было запланировано всемерное распространение Интернета и углубления его роли как фундаментальной платформы для развития общения, роста объема торговли и внедрения инновационных технологий. При этом должны быть обеспечены следующие приоритеты: бесплатный и открытый доступ к сети Интернет, с учетом определенного уровня доверия и обеспечения безопасности [5].

Трансформация экономики с учетом проведения цифровизации базирующейся на использовании информационно-коммуникационных технологий в стране, подчеркивается принятым законом «Revitalize American manufacturing and innovation act of 2013», направленным на достижении прежних темпов роста американской обрабатывающей промышленности и опережающего внедрения инновационных технологий. Подпрограмма «National network for manufacturing innovation» (NNMI – национальная сеть инноваций в области производственных технологий), в первую очередь предназначена применению инструментария ИКТ. Согласно этой Подпрограммы, планируется создание комплекса, состоящего из 15 исследовательских институтов, цель и назначение которых является разработка промышленные инновационных технологий.

В то же время, можно отметить, что процесс цифровизации в США имеет также и ряд проблем, связанных с таким системным дисбалансом, как дефицитом федерального бюджета и политикой, направленной на уменьшение налоговой нагрузки на

предпринимательскую деятельность и население, что обуславливает уменьшение финансирования государственных инновационных программ [6].

Особое положение в развитие цифровой экономики принадлежит Китаю. Используя инструментарий ИКТ, в стране, за короткий срок, достигнуты впечатляющие успехи. Так, доля основных секторов цифровой экономики достигает 6–7%ВВП.Следует отметить, что КНР в настоящее время представляет государство, способное построить национальный Интернет. По аналогии с кремневой долиной в Китае создана зона СЭЗ Шэньчжен, которая стала одним мировых научных исследовательских центров. Несмотря на различие в формах собственности (например, Huawei – частная компания, а ZTE – государственная компания), они оперативно следуют проводимой экономической политикой государства.

Вместе с тем, наблюдается дифференциация уровня внедрения цифровизации в различные отрасли экономики. Так, на период 2017г. доля цифрового сектора в сфере услуг составила около 30%, в промышленном производстве - 17%, в сельскохозяйственном производстве - 6%. Лидирующее положение в уровнях внедрения цифровизации занимают такие отрасли, как производство аудио- и видеопродукции (45%), а также производство офисной техники и культурного оборудования (59%), приборостроение (47%). Наименее низкие уровни цифровизации наблюдаются в таких отраслях, как земледелие и животноводство, соответственно 6 и 4%.

Несмотря на достигнутые успехи в области цифровизации экономики, в стране отмечаются и наличие ряда проблемных моментов. В частности, несовершенство законодательной базы, которая не в полной мере соответствует темпам роста цифровой экономики. Также, отмечается недостаточный уровень квалификации рабочей силы, согласно требованиям и параметрам современных ИКТ, что порождает нехватку специалистов необходимой квалификации в стране. Для преодоления такого положения, чтобы создать условия для получения высокого качества базового образования признается необходимость увеличения финансирование образовательной сферы. На финансирование образовательной системы Китай ежегодно тратит 4% ВВП, тогда как передовые страны мира от 5 до 7% ВВП [7].

Китай, в настоящее время строит государственную политику, направленную на полную ИКТ-независимость, учитывая достижение информационной безопасности, как одно из средств создания индустрии, полностью недоступной для несанкционированного доступа. В 2015г. в стране принята программа «Интернет+», ориентированная на построение к 2049г. информационного общества. Также, стратегической задачей, исходя из Стратегии «Сделано в Китае – 2025» (2015), намечено превращение страны из мировой фабрики в мировую лабораторию. Для реализации намеченной стратегии предусмотрено проведения ускоренной цифровизации посредством создания концепции «умное производство», особенно в таких областях как промышленное производство; финансы и торговля. При этом, доля занимаемая цифровой экономики должна к 2030 г. превысить 50%ВВП страны [8].

Необходимо отметить процесс цифровизации экономики в странах Европейского Союза. Так, в рамках перехода на цифровую экономику (Digital Agenda for Europe, DAE), для Евросоюза Европейской комиссией была принята в мае 2010 г. цифровая повестка дня. Эта инициатива была разработана для достижения ускоренного экономического роста в странах Евросоюза для максимально возможной эффективности внедрения цифровых технологий.

В ряду развитых стран Евросоюза, особое место занимает Германия, которая на протяжении своей истории развития являлась одной из авторитетных научно-инновационных центров. В стране, в настоящее время функционируют свыше 1000 научно-исследовательских институтов, лабораторий, организаций различной направлений деятельности и статуса.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Цифровая трансформация экономики и промышленности: проблемы и перспективы: монография / А. С. Алетдинова, А. В. Бабкин [и др.] / под ред. д-ра экон. наук, проф. А. В. Бабкина. — СПб. Изд-во Политехн. ун-та, 2017. — 807 с.
2. Государство, инновации, наука и таланты в измерении цифровой экономики (на примере Великобритании) / Соколов И.А., Куприяновский В.П., Намиот Д.Е. и др. // International journal of open information technologies. – М.: МГУ им. М.В. Ломоносова, 2017. – Vol. 5, № 6. – P. 33–48.
3. Обзор цифровой повестки дня в мире // ЕЭК. Цифровой дайджест. – М., 2017. – 29.12. – Режим доступа:–http: // www.eurasiancommission. org/ ru/ act/ dmi/ workgroup/ Documents/ digest
4. Удальцова Н.Л. Цифровизация экономических процессов в контексте промышленной революции 4.0 // Креативная экономика. – 2019. – Том 13. – № 1. – С.49-62. doi:10.18334/ce.12.12.39676
5. Сычев И. Национальная инновационная система США // Geektimes. – 2017. – 26.07. – Режим доступа: https://geektimes.ru/post/291441/
6. Кутовая Я. Проводники технологий: Как Китай и Америка воюют за рынок микросхем // Forbes. Бизнес. Китай. – 2017. – 12.04. – Режим доступа: http://www.forbes.ru/kompanii/342361-provodniki-tehnologiy-kak-kitay-i-amerikavoyuyut- za-rynok-mikroshem
7. Шульцева В. Цифровая экономика Китая // Первая миля. – Смоленск-М.: Техносфера, 2015. – № 4–5. – С. 90–94, 66–76.
8. Чжан Д. Современное состояние цифровой экономики Китая и перспективы сотрудничества между Китаем и Россией в данной области // Власть. – М., 2017. – № 9. – С. 37–43.
9. Белов В.Б. Новая парадигма промышленного развития Германии – стратегия Индустрия 4.0 // Современная Европа / Институт Европы РАН. – М., 2016. – № 5. – С. 11–22.
10. Хиллер Б. Индустрия 4.0 – умное производство будущего. Опыт «цифровизации» Германии / Международный форум «Информационное моделирование для инфраструктурных проектов и развития бизнеса Большой Евразии». – М., 2017. – 07.06. – Режим доступа: http://3d-conf.ru/pdf-2017/hiller.p


## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*


***Охунджанова Зарина Иброгимовна*** **-** *ассистент кафедры управление экономикой и маркетинг, ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова» E-mail: ohunjonova85@mail.ru*

**РАЗЗОҚОВ Б.Ҳ.**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТОНИ СОҲИБКОРӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ асоси устувори ҳуқуқӣ дошта, дар моддаи 12 Конститутсияи мамлакат мустаҳкам шудааст [1, С.4]. Рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ тибқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ яке аз афзалиятҳои калидии рушди миллӣ эътироф шудаанд. Нақш ва аҳамияти соҳибкориву сармоягузорӣ ҳамасола дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парламенти мамлакат таъкид гашта, бахри рушди онҳо аз ҷониби Сардори давлат дастуру ҳидоятҳо ва иқдомҳои навбатӣ ироа мегарданд. Рушди соҳибкорӣ ва шаклу намудҳои он пайваста таҳти дастгирӣ ва ҳимояи давлатӣ қарор доранд, ки тавассути амалисозии барномаҳои давлатӣ ва ҳудудӣ, тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттиллоотӣ ва ғ. роҳандозӣ мешаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд [2].

Яке аз унсурҳои таркибии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ бақайдгирии давлатии субъектони он маҳсуб меёбад, ки ҳадаф аз он қонунигардонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар баробари дигар ниҳодҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди иҷозатномадиҳӣ, аккредитатсия, иҷозатдиҳӣ, унсури таркибии вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад. Олимони соҳаи ҳуқуқ ишора менамоянд, ки расмиёти бақайдгирии давлатии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар низоми қонунигардонӣ ҷойи махсус дошта, “амалишавии ҳуқуқи субъективии шаҳрвандонро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ таъмин менамояд” [3, С.6].

Ниҳоди бақайдгирии соҳибкорӣ ба мураттабсозии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шуда, яке аз унсурҳои таркибии дастгирии давлатии соҳибкорӣ маҳсуб меёбад. Расмиёти бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” сурат мегирад [4]. Қонуни мазкур аз ҷониби олимону коршиносон ҳамчун падидаи назарраси ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад, зеро тавассути он ба ҳаёти ҳуқуқӣ навовариҳои зиёд ворид шуданд ва Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ ба феҳристи даҳгонаи кишварҳои ислоҳотпарвар шомил гардид.

Мазмуни Қонун “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” барои соддагардонии раванди бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шуда, бо навовариҳои назаррас тавсиф меёбад. Дар маҷмуъ навовариҳои қонунгузорӣ тартиби содатари бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкориро нисбат ба низоми қаблӣ фароҳам оварда, дар ташаккули фазои нави ҳуқуқӣ ба рушди соҳибкорӣ ҳиссагузор шуданд. Шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, мӯҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда шуд. Мазмуни Қонун ва моҳияти навовариҳои иқдомшуда аз таҳаввулоти тоза дар мавқеи қонунгузорӣ кишвар нисбати танзими муносибатҳои марбутаи ҷамъиятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки асоси онро эътимоди давлат ба бахши соҳибкорӣ ва масъулияти тарафайни онҳо ташкил медиҳад. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ қариб 350 ҳазор субъектони соҳибкорӣ фаъолияти амалӣ дошта, аз ин миқдор беш аз 300 ҳазор соҳибкорони инфиродӣ мебошанд [5].

Баҳри мусоидати минбаъда ба рушди соҳибкорӣ қонунгузори мамлакат бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурӣ иқдоми навтабиро пиёда намуд, ки тибқи он аз ибтидои соли 2020 барои амалҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ боҷи давлатӣ ситонида намешавад. Ғайр аз ин, пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ва додани маълумотнома дар бораи дар феҳристи мазкур мавҷуд набудани маълумот оид ба субъектҳо ройгон анҷом дода мешавад. Мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2022 анҷоми якқатор чорабиниҳои навбатии ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар назар дорад.

Қайди давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бо санади мақоми ваколатдори давлатӣ расмӣ мегардад. Қайди давлатӣ нақши ҳуқуқмуқаррарсозандаро бозида, марҳилаи ҷамъбастии таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё тавлиди соҳибкори инфиродӣ маҳсуб меёбад. Тавассути он шахс ба вазъи (статуси) ҳуқуқии соҳибкор соҳиб мешавад, яъне расман аз ҷониби давлат субъекти фаъолияти дахлдор эътироф мегардад, ки гувоҳи он ҳуҷҷати тасдиққкунандаи бақайдгирии давлатӣ баромад мекунад. Ин ҳуҷҷат бо назардошти шакли фаъолият фарқ мекунад: барои шахси ҳуқуқӣ (ташкилоти тиҷоратӣ) –Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва барои соҳибкори инфиродӣ  - Патент барои ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ.

Тавофут дар ҳуҷҷати бақайдгири давлатӣ барои соҳибкорони инфиродӣ бо назардошти намуди фаъолият ва ҳаҷми гардиш муқаррар шудааст. Қаблан ҳадди даромад барои низоми патент бо санади сатҳи ҳукуматӣ муқаррар мегашт, ҳоло ин масъала бевосита дар Кодекси андоз пешбинӣ шудааст: на бештар аз 200 ҳазор сомонӣ даромади умумии соҳибкорӣ дар соли тақвимӣ. Барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятбаранда ҳадди қаблии даромади умумӣ дар давраи тақвимӣ боқӣ монд – на зиёда аз як млн. сомонӣ, ки ба он низ дар Кодекси мазкур ишора шудааст. Бар замми ин, аз номгӯйи фаъолияти соҳибкории қаблан тариқи патент амалишаванда ниҳоди нав - шаҳодатнома бо шартҳои махсус ҷудо гардид, ки ҳадди даромади умумии солона барои он то 500 ҳазор сомонӣ муқаррар шудааст [6].

Новобата ба пешравиҳои назаррас дар такмили тартиби бақайдгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз масоили мубрам ва ҳалталаб ҷой доранд. Яке аз онҳо ба мавҷудияти ҳуҷҷатҳои таъсисотии шахси ҳуқуқӣ дахл дорад, ки бинобар ихтисор намудани Оиннома аз номгӯйи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар амалия аксар маврид ташкилотҳои тиҷоратӣ бидуни он дар муомилоти гражданӣ ширкат меварзанд. Тасмими қонунгузор, ки ба эътимод нисбати соҳибкорон ва даъват ба масъулияту худмуташаккилии онҳо асос ёфтааст, бинобар сатҳи ҳанӯз номатлуби маърифати ҳуқуқии ин қишри ҷома, бармаҳал арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, дуруст мебуд, ки тавассути ворид намудани илова ба Қонун "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" субъекти дахлдор вазифадор гардад, ки баъди гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар муҳлати муайян (масалан, ҳадди ақал на дертар аз як моҳ) нусхаи асли Оиннома ва ҳама гуна тағйироту иловаҳои минбаъдаро ба он тариқи нотариалӣ тасдиқ намуда, дар бойгонии ҷории худ маҳфуз дорад. Чунин тартиб ба мураттабсозии ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ таъсири мусбӣ расонида, эҳтимолияти сар задани таваккалҳоро дар майдони ҳуқуқӣ паст мегардонад.

Бархе масоил бо фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва амалияи бақайдгирии давлатии онҳо рабт доранд. Чун қоидаи умум, ки дар қонунгузории андоз муқаррар шудааст, аз ҷониби шахси воқеӣ анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирии давлатӣ манъ аст. Ҳангоми ошкор шудани чунин ҳолат даромади шахс

ба андозаи дукаратаи меъёри барои чунин фаъолият муқарраршуда барои давраи бе бақайдгирӣ фаъолият намудан андозбандӣ карда мешавад (қ.4 м.368 Кодекси андоз). Ҳамзамон, бо назардошти таъсири омилҳои муайянкунандаи бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва баҳри мусоидат ба зуҳури минбаъдаи фаъолнокии иқтисодӣ Ҳукумати мамлакат нисбати аз андозбандӣ озод намудани яккатор намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ иқдом намуд.

Дар маҷмуъ бо ин тасмимҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ беш аз сад намуди фаъолят аз Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродиии бо патент амалишаванда хориҷ карда шуданд. Бионан, дар амалия нисбати намудҳои фаъолияти дар болономбурда мо ба ҳолати "танзими муаллақ" дучор шудем. Аз як тараф, қонунгузорӣ амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро бидуни бақайдгирии давлатӣ манъ менамояд, вале аз ҷониби дигар, пеш бурдани чунин фаъолиятро бидуни анҷоми расмиёти эътироф раво мебинад. Бо эҳтимоли зиёд, ҳолати тавсифёбанда аз духӯрагии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ манша мегирад ва дар амалия мақомоти ҳуқуқтатбиқсозанда (дар симои мақомоти андоз) мафҳумҳои бақайдгирии давлатӣ ва андозбандиро нисбати субъектҳои соҳибкорӣ ҳаммаъно меҳисобанд.

Дар ин ҳолат "норасоии ташкилӣ" сар мезанад, ки дар ниҳояти кор шахс аз майдони таъсиррасонии маъмурӣ-ҳуқуқӣ берун мемонад. Тибқи қолаби расмӣ, ки дар принсипи "равзанаи ягона" ифода ёфтааст, субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тавассути бақайдгирии давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ сабт шуда, ин амал бақайдгирии яквақтаро дар мақомоти омор ва суғуртаи иҷтимоӣ низ дар назар дорад. Зиёда аз он, намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва фурӯш, иҷрои кору хизматрасонӣ вобаста ба онҳо алоқаманд мебошанд, баҳри коҳиши таваккалҳо ба сифати онҳо ниёз ба фарогирӣ бо назорати давлатӣ мебошанд. Ин иқдом метавонад тавассути сертификатсияи фаъолият расмӣ кунонида шавад.

Новобаста аз озод намудани категорияи муайяни субъектҳои соҳибкорӣ аз андозбандӣ ва патент бақайдгирии давлатии фаъолияти онҳо воҷиб мебошад. Андозбандӣ танҳо яке аз ҳадафҳои бақайдгирии таъсиси субъектони соҳибкорӣ баромад мекунад. Ба қатори онҳо назорати давлатии фаъолияти хоҷагидорӣ, дарёфти маълумоти оморӣ барои танзими иқтисодиёт, манзури иттилоот дар бораи субъектҳои хоҷагидор ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ғ. шомил мебошанд. Маҳдуд фаҳмидани мақсади қайди давлатӣ боис ба чандин муаммоҳои назариявӣ ва амалӣ мегардад. Барои мисол, номувофиқатӣ бо мафҳуми соҳибкорӣ сар мезанад, ки тибқи тасвифи расмӣ он фаъолияти "бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташуда" эътироф мешавад. Пас, дар дилхоҳ маврид, яъне озод кардан аз гирифтани патен ё дар хона (дигар ҷойҳои ҷудо кардашудаи махсус) амалӣ намудани намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, бақайдгирии давлатии он ҳатмӣ мебошад. намоянд.

Баҳри матраҳи ин муаммои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба боби панҷуми Қонун "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид намудани илова мақсаднок мебошад. Барои танзими соири масоил марбут ба расмиётдарории фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки бидуни патент фаъолият мебаранд, муқаррар намудани моддаи алоҳида (масалан, моддаи 23 прим) муфид арзёбӣ мегарда. Дар моддаи мазкур метавон таъкид гардад, ки ин категорияи соҳибкорони инфиродӣ тавассути қайди баҳисобгирӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдигии давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дар бахши алоҳида ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид карда мешаванд. Қайди баҳисобгирӣ бо додани иқтибос аз Феҳристи мазкур бояд анҷом дода шавад, ки ҳамчун воқеияти ҳуқуқӣ баромад хоҳад кард. Қабл аз анҷоми қайди баҳисобгирӣ гузаштан аз сертификатсияи фаъолият муҳим мебошад, ки нусхаи он бояд ба мақоми анҷомдиҳандаи бақайдигирии давлатӣ пешниҳод гардад.

Дар силсилаи чорабиниҳо вобаста ба соддагардонии расмиёти бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ҷорӣ намудани тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва бо ин васила ихтисори минбаъдаи муҳлатҳои баррасии ариза оянддабахш мебошад. Дар ҷумҳурии мо айни ҳол дар доираи барномаи ташаккули "ҳукумати электронӣ" ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ қадамҳои аввал гузошта шудаанд. Дар саҳифаи алоҳидаи сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли электронии аризаҳо барои бақайдгирии таъсисёбӣ ва қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ дастрас мебошанд, мақоми мазкур ҷиҳати қабули электронии ҳуҷҷатҳо низ чораҷӯйи дорад [7]. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки тибқи талаботи қисми 10 моддаи 11 Қонун "Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аризадиҳанда ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ шахсан пешниҳод менамояд. Мавҷудияти чунин меъёр метавонад монеа барои ташаккули минбаъдаи реҷаи онлайни таъсиси субъектҳои соҳибкорӣ гардад. Аз ин рӯ, чун қадами аввал зарурати ихтисори ин меъёр пеш меояд.

Ҳамин тавр, соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти бозорӣ нақши бузург дошта, теъдоди зиёди субъектони соҳибкориро дар бар мегирад. Он яке аз унсурҳои фаъолияти озоди иқтисодӣ маҳсуб ёфта, ифодаи эҷодкорӣ ва пажӯиши ба таваккал асосёфта маҳсуб меёбад. Дар аксари кишварҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ соҳибкорӣ ба ҳайси шуғли пурнуфуз эътироф шудааст, зеро маҳз ҳамин намуди фаъолият дар мавриди мавҷудияти шароити зарурӣ моҳияти инсон ва иқтидори ӯро возеҳ ифода намуда, барои зуҳури шахсият, ташаккули хислат ва масъулият мусоидат мекунад. Бақайдгирии давлатӣ яке аз усулҳои идораи давлатӣ дар тамос бо субъектҳои соҳибкорӣ баромад намуда, унсури мустақили вазъи ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидор маҳсуб меёбад ва ба такмили минбаъда ниёз дорад.

## АДАБИЁТ


1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳуории Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022: реҷаи дастрасӣ: http:// www.prezident.tj: санаи воруд: 02.02.23.
3.Чуряев А.В. Административно-правовое регулирование государственной регистрации субъектов предпринимательской деятельности: Автореф. дис. к.ю.н. М., 2009.
4.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. №5. М.316.
5.Сомонаи Кумтаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: https:// www.investcom.tj: санаи воруд: 02.04.22.
6.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
7.Сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: https://www.andoz.tj: санаи воруд: 02.09.23.


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Раззоқов Б.Ҳ.* - *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, E-mail: razzokov_b@mail.ru***

**РАҶАБОВА Н.Р.**

# МАСОИЛИ МУҲОФИЗАТИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ҲАЛЛИ ОН

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти босуботи Тоҷикистон нақши мақомоти гумрук дар ҳимоя ва таъмини бехатарии иқтисодии онн ва ҳимояи бозори истеъмолӣ басо назаррас аст. Чӣ хеле, ки маълумотҳои солҳои охир шаҳодат медиҳанд, воридоти молҳои бесифату зарарноки хӯрокворӣ ба кишвари мо зиёд гардидааст. Бисёре аз ин молҳо ба талаботи меъёрҳои санитарӣ ва сифатӣ ҷавобгӯ набуда, ба саломатии одамон зарар мерасонанд.

Пеш аз ҳама ин нисбати сифати пасти молҳои воридотии хориҷӣ боиси қайд аст. Ба ин номгӯй молҳои гуштӣ консерваҳо, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайри спитртӣ, орд, маҳсулоти кондитерӣ дохил мешаванд, ки аз тарафи аҳолӣ ба миқдори кофӣ истифода бурда мешаванд.

Таҳлили кимёии ин молҳо дар Лабораторияи гумрукии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ХГҶТ) нишон медиҳад, ки дар таркиби қисмати зиёди молҳои истеъмолии воридотӣ моддаҳои зарарноке мавҷуданд, ки боиси сар задани бемориҳои вазнин мегарданд ва дар ҳолати пешгирӣ накардани варидоти онҳо зарари сахте ба генофонди миллӣ расонида мешавад. Дар раванди ҳалли ин масоил нақши бахши соҳибкорӣ дар акҷоягӣ бо мақомоти гумрук назаррас аст.

Барои пешгирӣ ва назорати қатъӣ аз рӯи сифати молҳои истеъмолии воридшаванда, ҷавобгӯ набудани сифати онҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва хатарнок будани онҳо барои саломатии аҳолӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати бозори истеъмолӣ ҳанӯз ва дар асоси он бораи муҳофизати бозори истеъмолӣ аз воридоти молҳои сифатан пасти истеъмолӣ қабул гардидааст [8].

Дар фармони Президенти кишвар [8] ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] оварда шудааст, ки умурҳои дахлдор, аз он ҷумла ХГҶТ, Тоҷикстандарт ва дигарҳо вазифалоранд назоратро аз рӯи воридоти молҳои истеъмолӣ қатъӣ ба роҳ монда, сертефикатсия ин молҳоро ба таври ҷиддӣ ба кор монда тартиби дигари воридоти онҳоро амалӣ намоянд, то ки молҳои бесифату зараровар ба дохили мамлакат ворид шуда натавонанд.

Дар Тоҷикистон оид ба муҳофизати бозори истеъмолӣ қарор дар бораи муҳофизати бозори истеъмолӣ аз молҳои сифатан пасти истеъмолӣ, инчунин қонун «Дар бораи муҳофизати ҳуқуқи истеъмолгарон» [2] ва «Дар бораи сертификаткунонии молҳо ва хизмарасониҳо» [3] тартиби сертификаткунони молҳои истеъмолӣ ва молҳои дигари воридотӣ ва содиротӣ [1] қабул гардид, ки ин равандро барои пешгирии воридотӣ молҳои истеъмолӣ таъмин намуда истодааст.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар асоси ин маводҳо номгӯи молҳое, ки сертификаткунинии онҳо ҳатмист муайян гардид.

Таҳлили раванди воридоту содироти молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ нишон дод, ки ҳамаи воҳидҳои сохтории ХГҶТ барои амали намудани талаботҳои ин ҳуҷҷатҳо чораҳои мушаххас дида истодаанд.

Таҳқиқи нақши мақомоти гумрук дар раванди таъмини бехатарии иқтисодии кишвар ва ҳимояи бозори истеъмолии он ба мо имкон медиҳад, ки амнияти иқтисодии кишварро пеш аз ҳама самаранокии идоракунии давлатии иқтисод таъмин менамояд.

Муваффақият дар ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва стратегияи таъмини амнияти иқтисодии миллӣ ба туфайли системаи амалкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ, маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, тасаввурот дар бораи имконот ва роҳҳои татбиқи манфиатҳои муҳимтарини ҳаёт. Ин маънои ҳимояи мутлақ аз таҳдиди қаблан муайяншуда ба манфиатҳои иқтисодиро надорад, балки он имкон медиҳад, ки эҳтимолияти ҳодисаи таҳдид ё тағйирёбии ҳолати ҳаёт, инчунин вазнинии оқибатҳои онҳо баҳо дода шавад.

Таҳдиди асосӣ ба амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интиқоли молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, ки амалҳои ноодилонаи дорои аломатҳои ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки ба салоҳияти мақомоти гумрук мансуб дониста шудаанд, ба амал меоранд. Дар ин робита, талошҳои асосии зерсохторҳои мақомоти гумрук, ки корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯиро анҷом медиҳанд, ба пешгирӣ, ошкор, пешгирӣ ва ифшои ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки ба салоҳияти мақомоти гумрук мансубанд, равона карда шудааст.

Ба ақидаи мо зарур аст, ки барои ҳалли масоили муҳофизати бозори истеъмолии Тоҷикистон ва баланд бардоштани нақши мақомоти гумрук дар ҳалли он бо назардошти такмили низоми дафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ чунин тавсияҳоро пешниҳод ва амалӣ намудан зарур аст [4,5,6,7]:

1. *Рушди инфрасохтори гумрукӣ, ки бо рушди инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ ва бонкӣ* сахт алоқаманд аст. Дар рушди инфрасохтори минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон нақши муҳимро институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебозад, ки рушди минбаъдаи заминаи қонунгузориро тақозо мекунад. Тағйирот ба низоми мавҷудаи барасмиятдарории гумрукӣ боиси тағирот дар системаи назорати давлатии воридот / содироти молҳо мегардад. Ин бояд бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ҳамроҳӣ карда шавад. Ғайр аз он, коҳиши эҳтимолии шумораи мақомоти гумрук набояд ҷойгиркунии молро таҳти низомҳои иқтисодӣ ва ниҳоии гумрукӣ маҳдуд кунад. Ҳалли ин мушкилот самаранокии низоми интиқоли молро афзоиш медиҳад, хадамоти нақлиётӣ ва логистикиро бо дарназардошти татбиқи барасмиятдарории гумрукӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. *Беҳдошти муносибати мутақобилаи мақомоти гумрукӣ бо бахши соҳибкорӣ ва хусусӣ ҷиҳати муҳофизати бозори истеъмолӣ аз молҳои бесифат.* Зарур аст, ки тадбирҳо ҷиҳати сари вақт гузаронидани назорати гумрукӣ дар асоси экспертизаи гумрукӣ дар қаламрави кишвар бо назардошти иқтидори лабораторияи марказии гумрукӣ ба роҳ монда шавад.

3. *Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ташкили барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ* дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон. Ҳалли ин масъала заминаи ҳуқуқии рушди инфрасохтори гумрукӣ, татбиқи барасмиятдарории гумрукиро дар сатҳи муосир фароҳам меорад ва имкониятҳои ташкилотҳои гумрукиро самаранок истифода намояд.

4. *Рушди ҳамкориҳои ХГҶТ ва мудириятҳои гумрукии дигар давлатҳо дар татбиқи чорчӯби амният ва соддагардонии савдои ҷаҳонӣ.* Ҳалли ин масъала идоракунии маҷмӯии занҷири байналмилалии таъминоти молро барои ноил шудан ба итминон ва пешгӯии бештар, такмили низоми барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ таъмин менамояд ва барои амали шудани Конвенсияи КИОТО имконият медиҳад.

5.*Такмили назорати давлатӣ ва беҳдошти фаъолияти Лабораторияи гумруки Тоҷикистон, гузаронидани экспертизаи гумрукии молҳои воридотӣ, пурзур намудани назорати гумрукӣ.* Ҳалли ин масъала ҷойгиркунии оптималии мақомоти назоратиро дар минтақаҳои наздимарзии ҷумҳурии ба манфиати такмили низоми назорати давлатӣ таъмин менамояд.

6. *Ҷалби кадрҳои баландихтисос ба минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин омодагӣ ва ташкили бозомӯзии онҳо.* Ин тадбир бо зарурати ҳалли маҷмӯи масъалаҳои амнияти иҷтимоӣ алоқаманд аст. Ҳалли ин мушкилот барои мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои инсонӣ ва инчунин шароити тайёр нмудани мутахассисони соҳаи гумрук дар минтақаҳои наздисарҳадии кишварро фароҳам меорад.

7. *Рушди соҳаи иҷтимоӣ ба манфиати таъмини фаъолияти самарабахши мақомоти гумрук дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон.* Ҳалли ин мушкилот ба рушди низоми иҷтимоии кормандони мақомоти гумрук равона шудааст.

8. *Такмили фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва мубориза бо коррупсияи аз ҷониби ХГҶТ.* Татбиқи ин вазифа барои баланд бардоштани самаранокии мақомоти гумрук дар минтақаҳои наздисарҳадии кишвар дар мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва коррупсия шароит фароҳам меорад.

9. *Такмили низоми барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ.* Вазифаҳои мақомоти гумрук, ки дар гузаргоҳҳо аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, бояд ба гузариши ашхос, молҳо ва воситаҳои нақлиёт бо хароҷоти камтарин равона карда шаванд ва иҷрои давраи пурраи барасмиятдарории гумрукии молро истисно кунанд. Низоми идоракунии хавфҳо бояд барасмиятдарории гумрукии молҳои таҳти хавф қарордоштаро дар минтақаҳои наздисарҳадии кишварро таъмин намояд. Гузариш додани самти асосии назорати гумрукӣ ба назорати гумрукӣ пеш аз баровардани мол. Иҷрои ин супориш дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукиро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, ин тадбирҳо самаранокии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути такмили кори мудирияти гумрукӣ дар шароити зарурати рушди инфрасохтории минтақаҳои наздисарҳадӣ ва коҳиш додани сарбории нақлиёт ба шаҳрҳои бузурги кишвар беҳтар хоҳанд кард ва ин имконият медиҳад, ки муҳофизати бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад.

Дар маҷмӯ ҳаминро бояд қайд намуд, ки дуруст риоя намудани талаботи ин тадбирҳо имконият медиҳад, ки мавқеи соҳибкорон дар бозори истеъмолии кишвар афзун шуда аз тарафи онҳо воридотӣ молҳои бесифат маън карда шуда, генофонди миллӣ муҳофизат карда шавад.

## АДАБИЁТ


1.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 1999 таҳти №98 «Тартиби сертификаткунони молҳои истеъмолӣ ва молҳои дигари воридотӣ ва содиротӣ» - Душанбе, 1999.

2.Қонун «Дар бораи муҳофизати ҳуқуқи истеъмолгарон дар Тоҷикистон». - Душанбе, 1998.

3.Қонун «Дар бораи сертификаткунонии молҳо ва хизмарасониҳо» - Душанбе, 1998.

4.Таснифи Кодекси гумруки Тоҷикистон. -Душанбе ХГҶТ, 2021. -805с.

5. Раджабов Р.К., Хикматов С.И. Таможенная система: состояние, проблемы и инновационное развитие: монография. -Душанбе: Сумани Кудрат, 2012. -192с.

6. Раҷабова Н.Р., Ғаюрова Р.С. Мукаммалгардонии раванди ба ҳудуди гумрукӣ ворид намудани молҳои ҳатман сертификатсияшаванда// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (28) 2019.-С.52-57. ISSN 2308-054X.

7. Раджабова Н.Р., Гаюрова Р.С., Совершенствование порядок ввоза в таможенной территории продукцию, подлежащей обязательной сертификации// Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) №1 (26) 2019.-С.104-109.ISSN 2308-054X.

8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати бозори истеъмолӣ» 20 ноябри соли 1998 таҳти №4 ва «Дар бораи муҳофизати бозори истеъмолӣ аз воридоти молҳои сифатан пасти истеъмолӣ» аз 16 марти соли 1999 таҳти №97.


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Раҷабова Н.Р.*** - *н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

**САФОЕВ АБДУМАҶИД КАРИМОВИЧ**

## ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА САМАРАНОКИИ ОНҲО

Аз нуқтаи назари идоракунии сармоягузорӣ баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, чун дар таҳқиқотҳои худ Беренс В. қайд мекунад: «Ин тартибест, ки муқоисаи нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи натиҷаро бо меъёрҳои муқарраршудаи самаранокӣ ифода мекунад ва дар асоси ин дар бораи ба мақсад мувофиқ будани татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ қарор қабул карда мешавад» [1, с. 527].

Дар адабиёти иқтисодӣ усулҳои гуногуни баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоя-гузорӣ истифода мешаванд, ки дар байни онҳо усули баҳодиҳии фоидаи сармоягузорӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Аммо, чунон ки Пошиваленко Г.П. ва Киселева Н.В. дар таҳқиқоти худ қайд намудаанд: «Тамоми усулҳои ҷорӣ оид ба баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, асосан ба баҳодиҳии дисконтиронӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ асос ёфтаанд, ки навъҳои гуногуни таваррум, тағйирёбии меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, меъёри даромадро ба назар гирифта, тағйиротро дар хароҷоти захираҳои гуногун вобаста ба тағйир ёфтани солҳо, дар давоми тамоми давраи пешбинишудаи амали лоиҳаи сармоягузорӣ, нархҳои ин захираҳо ба инобат намегиранд» [4, с. 132].

Тавсия дода мешавад, ки намудҳои зерини самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ баҳодиҳӣ карда шаванд.

*1. Самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ дар маҷмуъ.* Самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ дар маҷмуъ дар намуди самаранокии гирифтани фоидаи тарафҳо, самаранокии соҳаи муайян ва минтақа, самаранокии буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ва самаранокии воситаҳои маблағгузорӣ вонамуд мегардад.

Баҳодиҳии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ дар маҷмуъ одатан аз нуқтаи назари ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ сурат мегирад ва ҳарду намуди самаранокӣ аз нуқтаи назари як иштирокчӣ, ки лоиҳаи сармоягузориро аз ҳисоби худ амалӣ менамояд, баррасӣ карда мешаванд.

Ҳадафҳои баҳодиҳи самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ дар маҷмуъ ин:

- муайян намудани ҷолибияти иқтидорӣ лоиҳаи сармоягузорӣ барои иштирокчиёни эҳтимолӣ;
- ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ.

Намудҳои самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ дар маҷмуъ ин:

- самаранокии ҷамъиятии (иҷтимоӣ-иқтисодӣ) лоиҳаи сармоягузорӣ;
- самаранокии тиҷоратии лоиҳаи сармоягузорӣ.

*2. Самаранокии иштирок дар лоиҳаи сармоягузорӣ.* Самаранокии иштирок дар лоиҳаи сармоягузорӣ дар намуди самаранокии тиҷоратӣ ва самаранокии ҷамъиятӣ вонамуд мегардад.

Иштирокчиёни лоиҳаи сармоягузорӣ метавонанд корхонаи амаликунандаи лоиҳаи сармоягузорӣ ва саҳмдорони он бошанд; бонкҳое, ки бо қарздиҳии лоиҳаи сармоягузорӣ сару кор доранд; ширкати лизингие, ки барои лоиҳаи сармоягузорӣ таҷҳизот таъмин мекунад ва ғайра. Лоиҳаи сармоягузорӣ метавонад ба манфиатҳои сохторҳои дараҷаи олӣ (соҳа, минтақа ва ғ.) бошад, ки метавонад ба татбиқи он таъсири хеле ҷиддӣ расонад. Лоиҳаи сармоягузорӣ метавонад аҳамияти иҷтимоӣ дошта бошад ва аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ё маҳаллӣ дастгирӣ талаб кунад.

Мавҷудияти якчанд иштирокчиёни лоиҳаи сармоягузорӣ номутобиқатии байни манфиатҳои онҳо, муносибати гуногун нисбат ба афзалияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ гуногунро пешакӣ муайян мекунад. Ҳар як иштирокчӣ бо ташаккули гардиши мушаххаси воситаҳои пулӣ барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва дар натиҷа, ихтилофи эҳтимолии байни натиҷаҳои баҳодиҳӣ ва қарори иштирок дар

лоиҳаи сармоягузорӣ тавсиф карда мешавад. Аз ин рӯ, бевосита барои ҳар як иштирокчӣ самаранокии лоиҳаи сармоягузориро муайян кардан лозим аст.

Ҳадафҳои муайян кардани самаранокии иштирок дар лоиҳаи сармоягузорӣ:

- санҷиши имконпазирии лоиҳаи сармоягузорӣ;

- санҷиши манфиати ҳамаи иштирокчиён дар татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ.

Самаранокии иштирок дар лоиҳа инҳоро дар бар мегирад:

- самаранокии иштироки корхонаҳо дар лоиҳаи сармоягузорӣ (самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ барои ҳар як корхонаи иштироккунанда алоҳида);

- самаранокии сармоягузорӣ ба саҳмияҳои корхона (самаранокӣ барои саҳмдорон – иштирокчиёни лоиҳаи сармоягузорӣ);

- самаранокии иштирок дар лоиҳаи сохторҳои нисбатан баланд, аз ҷумла: а) самаранокии минтақа ва иқтисодиёти миллӣ – барои минтақа ва дар умум иқтисодиёти миллӣ; б) самаранокии соҳавӣ - барои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ, гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ, иттиҳодияҳои корхонаҳо ва сохторҳои холдингӣ;

- самаранокии буҷети лоиҳаи сармоягузорӣ - самаранокии иштирок дар лоиҳаи сармоягузории буҷети сатҳи муайян.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар саноат, маънои сифатан ва миқдоран беҳтар шудани нишондиҳандаҳоеро, ки фаъолияти корхонаҳои саноатиро тавсиф мекунанд, инчунин барои рушди минбаъдаи он шароит фароҳам меоваранд, дорад. Тараққиёти мамлакат бештар аз инкишофи сохтори соҳавии ММД вобаста аст. Ин сохтори афзалиятноки соҳавӣ мебошад ва рушди ҳар кадоми ин нишондиҳандаҳо рушди ин соҳаро тавсиф мекунад.

Сиёсати сармоягузории давлат дар баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ нақши махсус мебозад. Бо назардошти он, ки тағйирот дар сиёсати сармоягузории давлатӣ имрӯз дар фазои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ хеле зуд ба вуқӯъ мепайвандад, аҳамияти асосӣ айни ҳол эҳтиёҷот, сифатҳо, баҳодиҳӣ ё интизориҳо доранд.

Агар дар давлат вазъи сиёсии устувор вуҷуд надошта бошад, пас ягон сармоягузори хориҷӣ ё донор дигар ба ягон лоиҳаҳои сармоягузории қобили қабул ва афзалиятноки минтақавӣ сармоягузорӣ намекунад. Агар дар давлат маҳорати баланди касбии кормандон набошад, пас миллиардҳо доллари амрикоиро гузорем ҳам, иқтисодиёти давлат тараққӣ намекунад. Мисоли оддӣ Ҷопонро овардан мумкин аст, ки мамлакат дар Осиёи Шарқӣ ҷойгир буда, ҳудуди хурд ва шумораи зиёди аҳолӣ дорад, вале сиёсати сармоя-гузории давлатиро дуруст ва самаранок истифода бурда, имрӯзҳо аз нигоҳи технологӣ босуръат рушд мекунад.

Ҳамин тариқ, масъалаи таъмини самаранокии сармоягузории давлат, аз ҷумла, баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузории давлатӣ дар соҳаи саноат дар давраи табдилёбии иқтисодиёти Тоҷикистон дар низоми рушди муносибатҳои иҷтимоию такрористеҳсолот мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Таҳлили сифати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ барои ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши саноат тавассути ҷалби сармояи ибтидоӣ, на танҳо аз ҳисоби қарзҳои берунӣ, балки аз ҳисоби грантҳои беруни асоснокӣ медиҳанд.

Аз ин рӯ, истифодаи оптималии иқтидори лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси саноатӣ ин яке аз вазифаҳои мубрам ва муҳимтарин ба ҳисоб меравад, ки ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Вобаста ба шароити мушаххаси Тоҷикистон низоми баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ҳам аз нуқтаи назари истифодаи иқтидори ҷамъшуда ва ҳам аз нуқтаи назари равиши такрористеҳсолӣ ба рушди тамоми иқтисодиёт ниҳоят актуалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои болозикр метавон чунин хулоса ва пешниҳодҳо намуд:

1. Яке аз намудҳои самаранокӣ ин самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад, ки татбиқи босамарӣ он оянлаи рушди кишварро муайян мекунад. Самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд то дараҷае фаҳмида шавад, ки натиҷа бо харҷи камтарин ва дар муҳлати кӯтоҳтарин ба даст оварда мешавад.

2. Лоиҳаи сармоягузорӣ дар суръате самаранок ҳисобида мешавад, ки тарафҳои лоиҳаи сармоягузорӣ пас аз гирифтани маблағҳои гузоштаи худ даромади иловагӣ низ ба даст меоранд.

## АДАБИЁТ


1. Беренс, В. Руководство по оценке эффективности инвестиций: пер. с англ [Текст] / В. Беренс, П. Хавранек. – Москва: Интерэксперт, Инфра-М, 1995. - 527 с.
2. Қаюмов, С.Ш. Самаранокии ҳавасмандгардониҳои сармоягузории андозӣ [Матн] / С.Ш. Қаюмов, С.З. Вазиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2020. - №10. - Қисми 1. - С.111-115.;
3. Мирсаидов, А.Б. Институциональные аспекты эффективного использования инвестиционного потенциала в аграрной экономике [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Б.М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. - 2019. - №4. Часть 1. - С.158-164;
4. Пошиваленко, Г.П. Инвестиционная деятельность [Текст] / Г.П. Пошиваленко, Н.В. Киселева. - Москва: КноРус, 2006. - 132 с.
5. Разыков, Б.Х. Оценка эффективности инвестиционного проекта освоения месторождения минеральных вод [Текст] / Б.Х. Разыков // Налоговая политика и практика. - 2007. - №6. - С.31-


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Сафоев Абдумаҷид Каримович*** - *н.и.и., дотсент Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

**СОДИКОВ Р.Х.**

# СУЩНОСТЬ И УПРАВЛЕНИЕ НАЛОГОВЫМИ РИСКАМИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В современной экономической практике промышленные предприятия в целях повышения своей конкурентоспособности проводят анализ различного рода рисков, которые могут в той или иной степени повлиять на результаты их деятельности и находят способы их нейтрализации или минимизации. Одним из видов рисков, характерных деятельностью промышленных предприятий являются налоговые риски, возникающие в результаты взаимоотношений между государством и хозяйствующими субъектами.

В экономической литературе существуют различные подходы к определению понятия «налоговый риск», однако однозначного понимания и единой трактовки этого риска среди специалистов пока нет.

В своём определении М.Р. Пинская считает, что «налоговый риск означает риск возрастания налоговой нагрузки в силу того, что налоговый орган может признать рассматриваемую сделку недействительной (притворной или мнимой), объявить незаконным начисление налогов, которое сам налогоплательщик рассматривал как законное» [6, с.114].

М.А. Проданова считает, что «налоговый риск - это возможное отклонение фактической величины налоговых платежей от тех налоговых платежей, в расчёте на которые принималось решение, связанное с налогообложением и возникающее вследствие неопределённости среды деятельности предприятия. Данное отклонение либо экономия, либо финансовые потери» [3, с.125].

Налоговый риск - это возможность наступления неблагоприятного события, в результате которого предприятия, принявшие то или иное решение в сфере налогообложения, может потерять или не получить ресурсы, утратить предполагаемую выгоду или понести дополнительные финансовые либо имиджевые убытки. Проще говоря, налоговые риски угрожают организации штрафами, пенями, потерей репутации на рынке, а в некоторых случаях и уголовной ответственностью [5, с.127].

Данное определение подразумевает существование налоговых рисков не только для налогоплательщиков, но и для государства в лице органов исполнительной власти. В этом случае налоговые риски состоят в возможном снижении поступления суммы налогов, которые являются основной составляющей бюджета.

5. Развитие инфраструктуры. Развитие потребительского рынка неразрывно связано с развитием инфраструктуры. Предприятия и организации инфраструктурной подсистемы региона должны располагать возможностями своевременного роста и оптимизации своей работы в случаях увеличения и сокращения масштабов реализации товаров и услуг. Недостаточное внимание к состоянию инфраструктуры не позволяет потребительскому рынку располагать должной пластичностью и соответствовать изменяющимся потребностям населения. Из сказанного следует, что факторы развития потребительского рынка располагают возможностями – стимулирования его развития и инициирования негативных процессов. В этой связи возникает необходимость мониторинга за текущим состоянием потребительского рынка, выявления тенденций, прогнозирования изменений и внесения, в случае необходимости, регулирующего воздействия для достижения целей социально-экономического развития и реализации потенциала территории в обеспечении роста качества жизни населения.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Потребительский рынок города: состояние и перспективы: монография / кол. авт. под рук. Т.В. Усковой. – Вологда: ИСЭРТ РАН, 2012. – С.11–13.

2. Канапухин П.А. Система экономических интересов и закономерность ее развития // Проблемы современной экономики. 2008. № 3(27). С. 122–127.

3. Беглова, Е.И. Потребительский рынок: проблемы его становления и развития (1992– 2000 гг.). - Стерлитамак: Стерлитамак. гос. пед. академия, 2005. – С. 30-49.

4. Сарабекова И.З. Особенности потребительского поведения представителей различных социальных групп. // Вестник ТНУ, №2/2 (82), серия экономических наук. - Душанбе: СИНО, 2012. - С. 53-58.

5.Терещенко Н.Н. Экономическая диагностика состояния и развития потребительского рынка. – М.: Креативная экономика, 2008. – С. 34–35.

## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ*

*1. **Хикматова Мавджудахон Сангаковна** – старший преподаватель кафедры «Менеджмента и маркетинга», ТГУК.*

**2.** ***Исламова Захро Саъдуллаевна*** – *доцент* кафедры «финансы и налогообложения», МУТПТ.

**ХУСЕЙНОВА Ш.З.**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ АСОСИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Вазифаҳои иқтисодии давлат асосан дар натиҷаи роҳандозии вазифаҳо ва корҳои муайяне, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои пешбинишуда, сафарбар мегардад, ба амал бароварда мешаванд. Мақсади танзими давлатии муҳити соҳибкорӣ фароҳам овардани шароити муайяне мебошад, ки фаъолияти мӯътадили ҳам дар маҷмӯъ иқтисодиёт ва ҳам аз ҷумла соҳибкоронро таъмин мекунанд. Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ин таъсири давлат ба он тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими инфиродӣ, ташкили назорат аз болои риояи талаботи қонун аз ҷониби соҳибкорон ва татбиқи ҳавасмандкунӣ ва ҷавобгарӣ ҳангоми вайрон кардани ин талабот мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими давлатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, рушд, иқтисоди миллӣ, ҳадафҳои давлат, дахолати давлатӣ.*

Муҳайё кардани шароити зарурӣ барои мунтазам рушд ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ ва муайян намудани қоидаҳои умумии фаъолияти иштирокчиёни он яке аз вазифаҳои асосии давлат ба шумор меравад. Барои амалӣ шудани он дар шароити муосир танзими давлатии фаъолияти сохибкорӣ аҳамияти калон дорад. Вай самтҳои гуногунро фаро мегирад. Зарурати танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни он манфиатҳои хусусии соҳибкорон ва манфиатҳои умумиҷамъиятӣ ба ҳам бармехуранд. Ин манфиатҳо бояд баробар карда шаванд ва набояд бо ҳам дар ихтилоф бошанд. Ноил шудан ба тавозуни манфиатҳо ба воситаи усул ва тарзҳои гуногун мумкин аст. Барои ноил шудан ба он кӯшиши зиёде ба харҷ дода, таҳия кардани механизми зарурии такмилёфтаи ҳуқуқии ба ҳам алоқаманди манфиати соҳибкорон ва ҷамъият зарур аст [4].

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бе давлат, бе таъсири танзимгардонии он ба иқтисодиёт, инкишофи мӯътадили муносибатҳои бозорӣ ғайриимкон мебошад. Аз тарафи дигар, истифодаи муносибатҳои молию пулӣ дар бунёди иқтисоди бозорӣ маънои дур шудани давлат аз идоракунии иқтисодиётро надорад. Ҳоло давлат дар шароити муосир нисбат ба пешина вазифаи тамоман дигарро ба ҷо меорад. Давлат иқтисодиётро то дараҷае ба асосҳои худидоракунӣ гузаронида, бо ҳамин ба субъектҳои хоҷагӣ мустақилият, озодӣ ва имконияти васеи ташаббускориро муҳайё менамояд. Онҳо дар ин ҷода фаъолона амал намуда, ҳуқуқи ба онҳо додашударо ҳамчун воситаи қонеъгардонии манфиатҳои моддӣ ва маънавии худ бояд истифода баранд. Асосҳои худидоракуниро давлат амалӣ намуда, мумкин аст, ки мақоми худро дар идораи иқтисодиёт суст намояд, вале давлат набояд худро аз идоракунии иқтисодиёт дар канор гирад. Худро ба канор гирифтани давлат мумкин аст боиси оқибати номусоиди инкишофи иқтисодиёт гардад [1].

Дар зери мафҳуми танзими давлатии соҳибкорӣ маҷмӯи шаклҳо ва усулҳои гуногунеро дар назар доранд, ки аз тарафи давлат дар сатҳҳои муайяни идоракунӣ бо мақсади таъмини ташаккули ҷараёни истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо роҳандозӣ мегардад.

Танзими давлатӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади хифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад. Илова бар ин, танзими давлатӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

а) таъмини эҳтиёҷи давлат ва ҷомеа, бартарии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он;

б) ташкили буҷети давлатӣ;

в) ҳифзи муҳити атроф ва истифодаи захираҳои табиӣ;

г) таъмини шуғли аҳолӣ;

ғ) таъмини бехатарӣ ва мудофиаи мамлакат;

д) амалӣ намудани озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобат, инчунин, ҳимоя аз инҳисор;

е) риояи тартибот дар фаъолияти иқтисодии хориҷии соҳибкорон ва сармоягузории хориҷӣ [2].

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ метавонад мустақим ва ғайримустақим бошад. Танзими мустақими фаъолияти соҳибкорӣ дар мавриди бақайдгирии давлатӣ, гирифтани иҷозатнома оид ба навъҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани сертификат дар ҳолати сертификатсияи ҳатмии маҳсулот (мол, хизмат) ва ғайра истифода бурда мешавад. Усули ғайримустақими танзимнамоӣ бо истифодаи фишангҳо ва омилҳои иқтисодӣ бартарӣ дорад, ки ба онҳо қарздиҳии имтиёзнок, дотатсия, ёрдампулиҳо, ва имтиёзҳо доир ба андозситонӣ дохил мешаванд [4].

Барои таъмини рушди самараноки фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани механизмҳои зерини мусоидаткунанда зарур аст, аз ҷумла, нигоҳдории мӯътадилии сиёсӣ, васеъ кардани муносибатҳои байнидавлатӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои иқтисодӣ, сатҳи баланди тахассусии қувваҳои корӣ ва ғайраҳо.

Яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳими давлат нигоҳдории устувории сиёсӣ дар ҷомеа мебошад. Дар лаҳзаҳои алоҳидаи рушди давлат он аз дигар вазифаҳои давлатӣ, чун ҳадафҳои энергетикӣ, нақлиётӣ, маориф, маданият ва ғайраҳо мавқеи аввалиндараҷа ва муҳим дорад.

Дар марҳилаи муосир вазифаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- таъмини маҳсулоти саноатии ватанӣ дар заминаи тақсими вазифаҳо байни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ; беҳтаргардонии таъминоти хӯроквории аҳолӣ;
- ташаккули тавозуни иқтисодии истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаҳои дигар;
- рушди истеҳсолоти дорои технологияҳои баланди рақобатпазир;
- наздик кардани сатҳҳои даромади кормандони соҳаи саноат;
- ҳифз намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ дар ҳамаи соҳаҳои саноатӣ.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2016 қабул шудааст, дар давраи то соли 2030 дар соҳаҳои ислоҳоти идоракунии давлатӣ, макроиқтисодиёт, рушди сектори хусусӣ, баланд кардани самаранокии сектори энергетикӣ, пешбурди лоиҳаҳои саноатӣ ва сайёҳӣ, рушди саноати кӯҳӣ - истихроҷи маъдан як қатор чораҳои ҷиддӣ андешида мешаванд ва тибқи дурнамо дар заминаи истеҳсолоти мавҷудбуда на кам аз 8-10 комплексҳои саноатии истеҳсолӣ, энергетикӣ, хусусӣ - саноатӣ ва давлатӣ ташкил хоҳанд шуд.

Яке аз сабабҳои муҳимтарини зарурати дахолати давлатӣ ихтилофи байни талаботи баланди сармоягузории истеҳсолоти муосири соҳибкории саноатӣ ва кам будани захираҳои фондҳои он мебошад. Ин ҳолат ташкил намудани механизмҳои мутобиқи давлатиро оид ба нигоҳдории ҷараёни сармоя бо шартҳои имтиёзнок ба соҳаи мазкур тақозо мекунад, ки худи бозор мустақиман таъмин ва амалӣ карда наметавонад [1].

Қайд кардан зарур аст, ки заминаи амволии соҳибкории саноатиро фондҳои асосӣ ва гардони истеҳсолӣ ташкил мекунанд, ки ба корхонаҳо аз ҷониби муассисон аз тавозун ба тавозун супорида мешаванд ё аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ бо шартҳои имтиёзнок додашуда ташкил мешаванд. Ба муассисон танҳо дастгирии муваққатӣ расонида мешавад. Бинобар ин, бояд чораҳои маҷмӯавӣ ва ҳамзамон мушаххаси такмили фаъолияти низоми фаъолияти соҳибкории саноатӣ таҳия шаванд, аз ҷумла:

- ташкили инфрасохтори махсуси бозаргонӣ (бонкҳои тиҷоратӣ, идораҳои суғурта, ширкатҳои аудиторӣ ва машваратдиҳӣ, мағозаҳо, анборҳо);
- таъсиси корхонаҳои хурди венчурӣ дар соҳаи корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва муҳандисӣ, шаклҳои хоҷагидории таърихӣ – анъанавӣ (заркӯбӣ, зардӯзӣ, кулолгарӣ ва ғ.), ташкил кардани хоҷагиҳои хусусии фермерӣ бо мақсади рушди соҳаи аспарварӣ,

асалпарварӣ ва соҳаҳои дигаре, ки дар кишвар бо вуҷуди шароитҳои мутобиқ рушд накардаанд;

- амалӣ кардани сиёсати мусоидаткунандаи инвеститсионӣ нисбати соҳибкории саноатӣ тариқи ташкили бонки махсусгардонидашудаи давлатии рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ, ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ байни корхонаҳои мазкур ва ғ.

- ҷудо кардани воситаҳои ибтидоӣ ба соҳаи соҳибкории саноатӣ аз ҳисоби қарзҳои беруна, инчунин аз ҳисоби воситаҳои буҷаи давлат.

- равона кардани маблағгузории буҷавӣ барои додани субсидия ба корхонаҳои соҳибкории саноатӣ;

- таҳияи пешгӯии дурнамои самтҳои асосии фаъолияти берунаи иқтисодии корхонаҳои соҳибкории саноатӣ.

Вобаста ба ин, такмил намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро “Дар бораи дастгирии давлатӣ ва ҳимояи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон” мувофиқи мақсад ва асоснок ҳисобида мешавад.

Зарурати дастгирии давлатӣ ва танзими давлатии соҳибкории саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташкили заминаи муътадили ҳуқуқӣ ва дастгирии соҳибкории саноатӣ;

- васеъ кардани дастрасии сектори соҳибкории саноатӣ ба захираҳои қарзии давлатӣ (пеш аз ҳама, ба захираҳои асъорӣ);

- ташаккул ва рушд додани сохторҳои ниҳодии самараноки инфрасохтори бозаргонӣ;

- таъмини дастгирии фаъолияти берунаи иқтисодӣ ва ташкили шароитҳои мусоид барои ҷалб намудани инвеститсияҳои хориҷӣ (аз ҷумла, хусусӣ);

- ташкили низоми омодакунӣ ва аз нав омодакунии кадрҳо барои фаъолияти соҳибкории саноатӣ.

Дар шароити ба иқтисоди муосир хосбудаи ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагӣ ва ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ вазифаҳои давлат дар муносибатҳои беруна тағйиротҳои ҷиддиро аз сар мегузаронанд, воситаҳои ҳифзи давлатии манфиатҳои миллӣ нисбатан мураккаб мегарданд.

Ба давраи мазкур рушди иқтисодиёти миллӣ хос аст, ки ин васеъ гардидани имкониятҳои Тоҷикистонро дар бурдани гуфтушунид ва аҳдномаҳо бо мамлакатҳои дигар дар самти рушди ҳамкории иқтисодӣ хоҳад таъмин кард. Рақобати умумиҷаҳонӣ дар айни замон на байни давлатҳо, балки байни низомҳои фаромиллии такрористеҳсол мавҷуд аст, ки ҳар кадоме аз онҳо низомҳои миллии ташкил шудани аҳолӣ, ҷамъоварии сармоя, ташкили илм ва сохторҳои саноатӣ - соҳибкории мамлакатро муттаҳид мекунад, ки дар миқёси бозори ҷаҳонӣ амал менамоянд [3].

Дар сохтори чораҳои танзими давлатии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои сиёсати молиявӣ - буҷетӣ, молиявӣ - қарзӣ, арзишӣ, андозӣ ва савдои беруна васеъ паҳн шудаанд.

Масъалаҳои тадқиқу омӯзиши таъсири шароит ва омилҳо ба рушди соҳибкории саноатӣ аз рӯи шаклҳо ва миқёси фаъолияти корхонаҳо мавқеи махсус доранд. Дар заминаи тадқиқоти амалишуда мо андеша дорем, ки соҳибкории саноатӣ бояд дар заминаи истифодаи самараноки ҳамаи имкониятҳои мавҷуда ва захираҳои иқтисодӣ - моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва маҳорати соҳибкорӣ рушд ёбад. Аммо дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои бозаргонӣ усулҳо ва механизмҳои дастгирӣ ва танзими фаъолияти соҳибкории саноатӣ мавқеи асосӣ хоҳанд дошт.

Дар Паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ Пешвои миллат доимо оиди мавқеи ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ қайд мекунанд. Аз суханҳои Ҷаноби Олӣ бармеояд, ки рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати кишвар мебошад, зеро соҳибкории хурд ва миёна, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои асосии баланд кардани сатҳ ва сифати зиндагии мардуми мамлакат ва заминаи устувори таъмини рушди муътадили иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ мебошад. Маҳз бо ҳамин мақсад, Ҳукумати

кишвар ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар солҳои охир як қатор ислоҳоте дар ин ҷода андешидааст, аз ҷумла:

- соддагардонии раванди бақайдгирии самтҳои асосии фаъолият ва рушди соҳибкории саноатӣ;
- такмил додани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки соҳибкории саноатиро танзим мекунанд;
- бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои - пешниҳод кардани қитъаҳои замини дар моликияти маҳаллӣ қарор дошта, гузаронидани утоқҳо аз захираи манзил ба захираи ғайриистиқоматӣ, пешниҳод намудани амволи давлатӣ ба иҷора ва ғ.;
- рушди низоми омодакунии кадрҳо барои соҳибкории саноатӣ;
- дастгирии иттилоотии соҳибкории саноатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва кам кардани номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ.

Вазифаҳои иқтисодии давлат асосан дар натиҷаи роҳандозии вазифаҳо ва корҳои муайяне, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои пешбинишуда, сафарбар мегардад, ба амал баровардa мешаванд. Фароҳамоварии заминаи ҳуқуқии фаъолияти субъектони бозор ва муайяну муқаррарнамоии қоидаҳои устувори муносибатҳои бозорӣ яке аз функтсияҳои асосии давлат дар соҳаҳои иқтисодӣ мебошад. Танзими ҳуқуқии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ воситаҳоеро дар бар мегирад, ки тавассуташон батанзимдарорӣ амалӣ мегардад. Шаклҳои ҳуқуқии танзими давлатии иқтисодиёт ин қонунҳо ва санадҳои он, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, санадҳои меъёри ҳуқуқии вазоратҳову корхонаҳо ва ғайраҳо мебошанд. Дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии соҳибкорон санадҳои судӣ низ мавқеи чашмрас доранд, аммо ин санадҳо чун сарчашмаи ҳуқуқ истифода шуда наметавонанд. Фаъолияти самараноки соҳибкориро аз ҷиҳати иқтисодӣ танҳо дар заминаи дахлдори ҳуқуқии фаъолият ба даст оварда шуда, имконпазир аст. Фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии соҳибкорӣ, қонунгузорӣ оиди фаъолияти иқтисодию соҳибкорӣ кори басо мураккабе мебошад, ки метавонад берун аз сарҳади ҳуқуқи соҳибкорӣ барояд. Агар ҳуқуқ аз як ҷониб, сарчашмаи бевоситаи ба амал баровардани функтсияи иқтисодии давлат бошад, аз дигар ҷониб, ҳамчун воситаи асосии танзими соҳаҳои иқтисодиёт баробари воситаҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ истифода мешавад [3].

Ҳоло гарчанде заминаи ҳуқуқии батанзимдарории давлатии соҳаҳои иқтисодиёт вуҷуд дошта бошад ҳам, лекин мутаассифона, ин замина батанзимдарории давлатии соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад. Мисоли ин гуфтаҳо - Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ»; «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ»; «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»; «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»; «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)»; «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ»; «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ»; «Дар бораи нақлиёт»; «Дар бораи энергетика» ва ғайраҳо шуда метавонанд. Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории имрӯза мафҳуми худи танзими давлатӣ оварда нашудааст. Субъектҳое низ ҳастанд, ки фаъолияташон ба рушди сиёсати иқтисодии давлат ва ҷоринамоии он бо роҳи танзимнамоии давлатии соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд аст. Аз ин рӯ, фарқияти ҷиддӣ дар байни субъектҳое, ки дар рушд ва ҷоринамоии сиёсати иқтисодии давлат иштирок мекунанд ва субъектҳои бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, вуҷуд дорад. Корхонаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие, ки бо соҳибкорӣ машғуланд, ба ҳайси субъектҳои муносибатҳое, ки бо ба амалигардии сиёсати иқтисодии давлат алоқаманд аст, ширкат мекунанд. Аммо доираи субъектҳои батанзимдарории давлатии соҳаҳои иқтисодиёт назар ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ фарохтар аст. Мақомоти қонунгузор, мақомоти иҷроия ва мақомоти судӣ субъектони сиёсати иқтисодии давлат ва танзими иқтисодии давлат ба ҳисоб мераванд. Ин мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ маҷмуан сиёсати иқтисодии давлат ва батанзимдарории соҳаҳои иқтисодиро амалӣ менамоянд. Бе қабулнамоии қонунҳое, ки оиди батанзимдарории унсурҳои алоҳидаи бозор, масалан, пул, мол, меҳнат, молия ва ҳоказо сафарбар шудаанд, роҳандозии сиёсати иқтисодии давлат ғайриимкон аст.

Фаъолияти мақомоти судӣ аз ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектони иқтисодӣ иборат мебошад.

Масъалаҳо ва ҳадафҳои танзимнамоии давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, муқаррар ва амалӣ мегарданд.

Ҳамзамон, бозори дохилӣ бояд барои рушди соҳибкорӣ ва инвеститсияҳои мустақим ҷолиб бошад, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маҳсулот ва мол бояд фаъолияти худро озодона ба роҳ монанд, онҳо набояд ба монеаҳои сунъии гуногуни бюрократӣ, назорати маъмурӣ ва тафтишоту назорат дучор шаванд. Дар самти мазкур ҳамаи мақомотҳои давлатӣ ва сохторҳо оид ба масъалаи расонидани хизматрасонии давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ тариқи низоми электронӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бояд чораҳои бетаъхир андешанд. Ин чораҳо шаффофият, дастрасӣ ва самаранокии хизматрасонии давлатиро баланд бардорад ва барои бартараф кардани омилҳои коррупсионӣ мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, рақобатпазирии иқтисодиёт аз суръати гузариши корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ вобастагии зич дорад. Бо мақсади мазкур амалӣ кардани корҳои зарурӣ оиди татбиқи ислоҳоти сохторӣ нисбати рушди минбаъдаи низоми миллии стандартизатсия ва сертификаткунонӣ ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин раванди гузариш ба низоми танзими техникии дар сатҳи байналмилалӣ қабулшуда ба итмом расонидан зарур аст. Аз ҷумла, номгӯи молу маҳсулоте, ки воҷиби сертификаткунонии ҳатмӣ мебошанд, бояд ду-се маротиба кам карда шавад, воридкунии низоми “равзанаи ягона” тибқи расмиёти содакардашудаи воридот ва содирот бояд босуръат гардонида шавад.

Инчунин қабул намудани чораҳои қатъӣ барои дастгирии минбаъдаи соҳибкории минтақавӣ дар соҳаҳои истеҳсоли саноатӣ, инчунин бартарафкунии монеаҳои маъмурӣ ва сунъӣ мувофиқи мақсад аст. Бо истифодаи имконият ва имтиёзҳои муқарраршуда ҳамаҷониба ба он соҳибкорон ва ширкатҳое, ки хоҳиши ташкил кардани корхонаҳои истеҳсолии хурд ва миёна, инчунин сохтмони иншоотҳои иҷтимоӣ-маданиро доранд, мусоидат кардан зарур аст.

Хулоса, ташаккули босуръати соҳибкорӣ маҳз ба воситаи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ имкон дорад, бинобар ин, дар шароити муосир дар тамоми секторҳои иқтисодӣ пешбурди фаъолияти соҳибкории самаранок асоси рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ дониста мешавад. Ташаккули доираи соҳибкорӣ дар мамлакатҳои дорои низоми бозорӣ, дар давоми солҳои дароз бо таҳаввулот рушд кардааст ва дар баробари он рушди бемайлони унсурҳои дигари давлатдорӣ, аз қабили инфрасохтор, муқимикунонии аҳолӣ ва дигарҳо низ назаррас аст. Дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон рушди фаъолияти соҳибкорӣ сатҳи муайяни устуворро дорад ва ба эҳтиёҷоти ҷомеаву минтақаҳои муайян мувофиқат мекунад. Имрӯз барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхтану мутобиқ сохтани хусусиятҳо ва имкониятҳои истифода бурдани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ки нишондиҳандаҳои назаррас дар самти ташаккули босуръати фаъолияти соҳибкорӣ тавассути низоми мукаммали танзиму дастгирии давлатӣ доранд, зарур мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Ковалёва И.В., Чернов М.В. Понятие государственного регулирования предпринимательской деятельности. // Вестник Алтайского аграрного университета, - 2015. №12(134).
2. Маҳмудов М.А., Маҳмудов Ф.Ф. Соҳибкории хурд ва миёна дар низоми иқтисоди бозорӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: “Тоҷир”.: - 2021. – с.73-78.
3. Султонов З.С. Роль малых форм предпринимательской деятельности в экономическом росте и сокращению уровня бедности в Республике Таджикистан / Султонов З.С., Саидова М.Х., Абдуллоев А.Б., Махмудов М.А. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе: “Сумани Кудрат”, 2018. №1(22). – С. 12-17.

4. Ҳусейнова Ш.З. Мафҳум, моҳият ва ҳадафҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: “Тоҷир”.: - 2022. – с. 292-298.

***МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ***
***СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ***

***Хусейнова Шахло Зариповна*** *- соискатель Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: (+992)901077761.*
*E-mail: zarifi2308@mail.ru.*

**ҲАКИМОВ А.А.**

# ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи иутидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Муаллиф қайд намудааст, ки барои тақвият бахшидан ба иқтидори содиротии кишвар, иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар назди шарикони асосии тиҷоратӣ ва роҳ надодан ба талафоти маҳсулот, вазорату идораҳои дахлдорро зарур аст, ки тадбирҳои мусоидаткунандаро вобаста ба ташкили бемамонияти содироти маҳсулот тавассути долонҳои сабз роҳандозӣ намоянд.*

*Бояд қайд намуд, ки ҳоло ҳам барои субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нарасидани маблағҳо, дастрас набудани марказҳои муосири логистикӣ вобаста ба банду баст, ҳамлу нақл, дарёфти бозори фурӯш ва дигар хизматрасониҳои маркетингӣ мушкилоти асосии содирот боқӣ мемонанд. Дар тамоми корхонаҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда норасоии маблағ яке аз омили асосии аз фаъолият бозмондани онҳо гардидааст.*

*Вожаҳои калидӣ: содирот, содироти молҳо, содироти такрорӣ, амалиётҳои содиротӣ, иқтидори содиротӣ, гардиши савдои хориҷӣ, дастгирии давлатии содирот.*

Таҳти мафҳуми амалиётҳои содиротӣ фаъолияти тиҷоратие фаҳмида мешавад, ки бо фурӯш ва берун аз сарҳад интиқол додани молҳо ва ба моликияти контрагенти хориҷӣ вогузор кардани он алоқаманд аст.

Содирот низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли ватанӣ аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маҳдудият барои истифода ва истеъмол берун аз ин қаламрав содир карда мешавад [4].

Содироти молҳо - фаъолияти субъектҳои фаъолияти сохибкорӣ, ки мувофиқи он молҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави давлати хориҷӣ дар асосхои шартномавӣ интиқол гашта, барои пурра берун аз ҳудуди он истеъмол гаштан бе ухдадории боз пас ворид кардани он, пешбинӣ мешаванд.

Таҳти мафҳуми содирот инҳо фаҳмида мешавад ва аз ҷиҳати оморӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд:

- Аз мамалакат берун баровардани молҳои истеҳсолшудаи ватанӣ, инчунин моҳое, ки қаблан аз хориҷа барои коркард ворид шудаанд;
- Аз мамалакат берун намудани молҳое, ки қаблан барои коркард таҳти назорати гумрукӣ ворид гардидаанд;
- Аз мамалакат берун баровардани молҳои қаблан воридшуда, ки дар он давалат коркард нашудаанд, чунин содирот содироти такрорӣ (реэкспорт) номида мешавад.

Мубодилаи маҳсулоти истеҳсолшуда дар бозори ҷаҳонӣ худ аз худ ба амал намеояд. Он натиҷаи омодагии ҷиддӣ тавассути гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ, яъне амалисозии тарзҳои техникӣ ё амалиётҳо оид ба омодасозӣ, бастан ва иҷроиши аҳдномаҳо мебошад. Ба амалиётҳои омодасозӣ шиносоӣ бо сифати мол, нарх ва дигар шартҳои таҳвил аз ҷониби харидор дохил мешавад. Аҳднома ин қисми ҳалкунандаи амалиёти тиҷоратӣ мебошад.

Мафҳуми амалиёти тиҷоратӣ нисбат ба мафҳуми аҳднома васеъ аст, чунки он як қатор тарзҳои техникӣ ва амалҳоро дар бар мегирад.

Ба марҳилаҳои хотимавии амалиёти тиҷоратӣ фаъолияте мансуб дониста мешавад, ки пешбурди молро аз фурӯшанда ба харидор таъмин мекунад, ки инҳоянд:

- ҳамлу нақли борҳо;
- нигаҳдорӣ ва суғуртакунӣ;
- гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ.

Ҳамин тариқ, зинаи асосии амалиёти тиҷоратӣ ин дигаршавии шакли арзиш, аниқтараш ивазшавии соҳибмулкони мол мебошад. Зинаҳои дигари амалиёти тиҷоратӣ бошад, зинаҳои ёридиҳанда мебошанд, ки пешбурди молро ба харидор таъмин месозад.

Ташкили амалиётҳои содиротӣ чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад: [6].

- ✓ омӯзиши бозори берунӣ ва вазъи он;
- ✓ ташаккули захираҳои содиротӣ барои фурӯш дар бозорҳои берунӣ;
- ✓ ҷустуҷӯ ва интихоби контрагент (ҳамкор) барои бастани шартнома;
- ✓ бастан ва иҷроиши шартнома.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтисодиёти кушода буда, дар он воридоти молу хизматрасониҳо аз содироти онҳо бештар аст. Озодкунии савдои хориҷӣ дар нимаи солҳои 90-уми асри гузашта сурат гирифт. Пас аз ба даст овардани истиқлолият сохтори ҷуғрофии содироти кишвар комилан тағйир ёфт. Бинобар маҳдуд будани номгӯи молҳои содиротӣ, ки дар он алюминийи аввалия ва нахи пахта бартарият доштанд, дар давраи мушоҳидашаванда бо ифодаи арзиш тағйироти ҷиддӣ мушоҳида карда намешавад. Коҳиш ё афзоиши содирот бештар бо тағйирёбии нархи ҷаҳонии молҳо дар шакли ашёи хоми аз Тоҷикистон содиротшаванда вобаста мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии созишномаҳои бисёрҷониба дар бораи савдои озод дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ мебошад. Ғайр аз ин, мамлакат бо аксарияти кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил созишномаҳои дуҷониба дорад.

Аз 2 марти соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид. Дар робита бо ин кишвар як қатор уҳдадориҳои муҳимро, ки дар озодкунии минбаъдаи реҷаи савдо ва суръат бахшидани ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ифода меёбад, ба зимма гирифт.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои аввалинест (баъд аз Чин, Сингапур, Мавритания ва ИМА), ки созишномаи соддагардонии расмиёти савдои Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро ба тасвиб расонд. Ин имконият медиҳад, ки хароҷоти умумии савдо аз ҳисоби кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои содирот ва воридот, инчунин хеле ихтисор шудани вақти убури сарҳад коҳиш дода шавад.

SWOT - таҳлили иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Яке аз воситаҳои беҳтарин ва дар амал худро хуб нишондодаи таҳлили стратегӣ дар сатҳи миллӣ SWOT-таҳлил мебошад.

Дар ҷадвали 12.1 натиҷаҳои SWOT - анализи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Дар он ҷонибҳои қавӣ ва заифи иқтидори содиротӣ ба сифати омилҳои дохилӣ ва имконияту хавфҳо ҳамчун омилҳои беруна нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**SWOT- таҳлили иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1].**

| S-Ҷонибҳои қавӣ | W- Ҷонибҳои суст |
|---|---|
| 1. Мавҷудияти захираҳои ғании табиӣ ва минералӣ;<br>2. Қувваи кории арзон;<br>3. Захираҳои об ва неруи барқи арзони аз ҷиҳати экологӣ тоза;<br>4. Иқлими мусоид (11 минтақаи аграрию иқлимӣ барои рушди кишоварзӣ ва қариб ҳамаи намудҳои сайёҳӣ);<br>5. Суботи нисбии иқтисодӣ;<br>6. Мавҷудияти созмонҳои сершумори донорӣ ва фаъолнокии баландии онҳо;<br>7. Суботи нисбии сиёсӣ;<br>8. Узвияти комилҳуқуқ дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо; | 1. Ҷойгиршавии номусоиди ҷуғрофии кишвар, яъне набудани баромад ба баҳр ва маҳдуд будани захираҳои замин;<br>2. Дурӣ аз ҷараёни магистралии нақлиётӣ ва бозорҳои асосии хориҷӣ;<br>3. Набудани технологияҳои нав ва фарсудагии таҷҳизот дар корхонаҳои саноатӣ;<br>4. Тахассуси пасти қувваи корӣ;<br>5. Истифодаи нокифояи афзалиятҳо ва имкониятҳои узвияти кишвар дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо;<br>6. Вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти нафтӣ ва газ, инчунин озуқаворӣ; |

| | |
|---|---|
| 9. Мавҷудияти асосҳои меъёрии ҳуқуқии пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;<br>10. Мавҷудияти самтҳои устувор (ашёи хом, маҳсулоти кишоварзӣ) дар бозорҳои байналмилалӣ дар сурати ҷой доштани талаботи устувор;<br>11. Мавҷудияти панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар;<br>12. Истифодаи усулҳои банақшагирии стратегии рушди содирот дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;<br>13. Мавҷудияти намояндагиҳои савдои хориҷӣ дар аксарияти кишварҳои шарик. | 7. Содироти ашёи хом ва сатҳи пасти диверсификат-сияи содирот ҳам аз рӯи намудҳои маҳсулот ва ҳам аз руи бозорҳои фуруш;<br>8. Ҳиссаи баланди хароҷоти нақлиётию экспедиторӣ дар арзиши маҳсулоти содиротӣ;<br>9. Қобилияти пасти рақобати иқтисодиёти миллӣ, мол ва хизматҳо;<br>10. Инкишоф наёфтани инфрасохтори содирот ва хизматрасонии иттилоотию маркетингӣ;<br>11. Инкишоф наёфтани бахши молиявӣ ва баланд будани меъёрҳои фоизии қарзҳо;<br>12. Маъмурикунонии андози начандон самаранок ва гарон;<br>13. Ҳамкории сустӣ байни иттиҳодияҳои соҳибкорон ва давлат;<br>14. Ҷолибияти сусти кишвар барои сармоягузорӣ, ки бинобар вазъияти ноустувор дар кишвари Афғонистон шадидтар мегардад. |
| **О-Имкониятҳо** | **Т-Хавфҳо** |
| 1. Беҳтарсозии минбаъдаи муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;<br>2. Афзун намудани ҳаҷм ва суръати афзоиши содироти маҳсулоти коркардшуда;<br>3. Бунёди низоми самараноки мусоидат ба рушд ва пешбурди содирот;<br>4. Баланд бардоштани донишу малака ҳангоми амалӣ намудани амалиёти содиротӣ;<br>5. Инкишофи инфрасохтори хусусии дастгирӣ ва рушди содирот;<br>6. Имконияти бунёди шабакаи нақлиётӣ дар Тоҷикистон барои ба бозорҳои Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва Эрон баромадани кишварҳои ИДМ;<br>7. Рушди содироти хизматҳо ва сайёҳии байналмилалӣ;<br>8. Истифодаи иқтидори созмонҳои минтақавӣ;<br>9. Бунёди кластерҳои соҳавии ба содирот нигаронидашуда;<br>10. Инкишофи иқтидори МОИ ва савдои наздисарҳадӣ. | 1. Бетағйир боқӣ мондани самти ашёи хоми содирот;<br>2. Нигоҳ дошта шудани муносибати руякии давлат ба дастгирӣ ва рушди содирот;<br>3. Муҳоҷирати меҳнатии номуташаккили идоранашаванда;<br>4. Вобастагии сахти иқтисодиёт аз интиқоли пулии муҳоҷирон;<br>5. Ноустувории асъори миллӣ ва болоравии нархҳо;<br>6. Самаранокии пасти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва коҳишёбии боварӣ;<br>7. Ноустувории вазъият дар Афғонистони ҳамсоя ва муносибатҳои номусоид бо давлатҳои дигари ҳамсоя;<br>8. Монеаҳои ғайритиҷоратӣ ва маҳдудиятҳои нақлиётӣ аз ҷониби давлатҳои ҳамсоя. |

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ҷонибҳои қавии Тоҷикистон афзалиятҳои рақобтпазирии он дар савдои байналмилалӣ буда, барои рушди содирот кам истифода мегардад. Ҷонибҳои сершумори заиф ҳануз нисбат ба ҷонибҳои қавӣ зиёдтар буда, сабаби он сохти диверсификатсиянашудаи ашёи хом доштани содирот ва маҳдуд будани миқдори маҳсулоти қобили рақобати худӣ мебошад. Вале барои рушди содирот имкониятҳо низ мавҷуданд, ки дар сурати қабул гардидани модели нави инкишоф ва пай дар ҳам амалӣ намудани сиёсати давлатии иқтисодӣ натиҷаҳои воқеӣ дода метавонанд.

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи тағйирёбии сохтори содирот (бо фоиз нисбат ба натиҷа) [1].**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2001** | **2005** | **2010** | **2014** | **2015** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маводи ҳомили энергия | 12,1 | 6,2 | 1,9 | 4,9 | 5.0 | 9,2 |
| Ашёи хом ва мавод | 78,1 | 82,4 | 86,3 | 84,9 | 82,6 | 65,1 |
| Мошинҳо ва таҷҳизот | 1,2 | 1,4 | 3,6 | 2,5 | 2,7 | 3,9 |
| Молҳои истеъмолӣ | 7,7 | 8,3 | 7,8 | 7,5 | 7,9 | 10,1 |
| Маҳсулоту хизматҳои дигар | 0,9 | 1,7 | 0,4 | 0,2 | 0,5 | 11,7 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди содирот ва иштироки самаранок дар системаи тақсимоти байналмилалии меҳнат дорои иқтидори назарраси захиравию истеҳсолӣ мебошад. Захираҳои конҳои алоҳидаи маъдану ашёии он на танҳо дар миқёси минтақавӣ, балки берун аз он низ нодиранд. Бинобар хулосаи коршиносони байналмилалӣ Тоҷикистон дорои иқтидори азими иқтисодие мебошад, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҳануз пурра талабот пайдо накардааст.

Дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо дар соли равон корҳои амалӣ идома доранд.

Қайд бояд намуд, ки бо мақсади таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротӣ ва коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии воридот марҳилаи ниҳоии “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” мавриди татбиқ қарор гирифт.

Новобаста ба вазъияти мураккаби бамиёномада бинобар паҳншавии беморii сироятии COVID-19, ки вазъияти молиявии давлатҳои ҳамшарики тиҷоратиро ва воридоти молу маҳсулотро маҳдуд намудааст дар соли 2020 гардиши савдои хориҷӣ тамоюли афзояндаро нигоҳ дошт.

Мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2020 4557,8 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 0,8 фоиз ё 34,1 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ба 2357,9 млн. доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳанда 51,7 фоизи гардиши савдои хориҷии ҷумҳуриро ташкил медиҳад[8].




**Расми 1. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2020 (млн. долл. ИМА)**

Дар соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал ба таври мунтазам рушд ёфта истодааст, ки ҷавобгӯ ба ҳадафи Ҳукумати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мебошад. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ маҳсулоти воридотивазкунии асосӣ дар ҳаҷми тақрибан 9500 млн. сомонӣ истеҳсол шудааст.

Қайд бояд намуд, ки бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории сироятии коронавирус шурӯъ аз 30 апрел то 15 июни соли 2020 фаъолияти як қатор корхонаҳои соҳаи савдову хизматрасонӣ ва бозорҳои ғайриозуқворӣ маҳдуд карда шуд, ки дар натиҷа ба нишондиҳандаҳои воридоти молу маҳсулот таъсири бевосита дошт.

Шарикони асосии ҷумҳурӣ аз рӯи амалиётҳои содиротӣ Швейтсария 49%, Туркия %, Қазоқистон 10,8%, Ӯзбекистон 5,9%, Афғонистон 5%, Россия 2,9%, Чин 2,4%, Белгия 2,3%, Италия 1,1%, Покистон 1%, Грузия 0,9%, Қирғизистон ва Латвия 0,7 % ва дигарон мебошанд [8].




**Расми 2. Сохтори чуғрофии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони асосӣ**

Вазни хоси содиротии кишвар асосан аз ҳисоби фурӯши металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 49,0%, нахи пахта 12,4%, маъдану консентратҳо 11,2%, алюминийи аввалия 10,0 %, семент 4,3%, қувваи барқ 4,0% дигар металлҳои нимқиматбаҳо (сурма) 2,3%, меваю сабзавот 1,3%, либос ва қисмҳои он 1,2% ва дигар маҳсулот ташаккул ёфтааст.

Рушди содирот дар соли 2020 асосан аз ҳисоби содироти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо таъмин гардидааст, ки хусусияти фармоишӣ дорад.

Ҳиссаи тилло, нуқра ва металлҳои қиматбаҳо (гурӯҳи молии 71) дар ҳаҷми умумии нишондиҳандаҳои содиротии кишвар 49%- ро ташкил намудааст, ки ба афзоиши суръати рушди нишондиҳандаи содирот дар соли ҷорӣ таъсири бевосита расонид.

Тибқи маълумоти Агентии омор дар соли 2020 содироти сангҳои ороишӣ ва филизоти қиматбаҳою нимқиматбаҳо (гурӯҳи молии 71) 689,7 млн. долларро ташкил дод ва содироти ин номгӯи маҳсулот дар қиёс ба соли 2019 464 млн. доллар ё 3,1 маротиба афзоиш ёфтааст [1].

Ҳарчанд, ки дар сохтори содиротии кишвар маъданҳо, нахи пахта ва алюминийи аввалия мавқеи назаррас доранд, вале ҳаҷми зиёди маҳсулот бе коркард дар шакли ашёи хом содирот карда мешаванд ва ҳиссаи ҷумҳурӣ дар ташкили занҷираи арзиши иловашуда ночиз аст.

Дар соли 2020 аз ҷониби ширкатҳои саноати кӯҳӣ 191,4 ҳаз. тонна ба маблағи умумии 158,2 млн. доллар маъдану консентратҳо содирот шуд, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 125,1 ҳаз. тонна ё 138,7 млн. доллар коҳиш ёфтааст.

Нархи миёнаи содиротии ин номгӯи маҳсулот дар давраи ҳисоботӣ ба 827 доллар барои як тонна баробар гардид, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2019 111 доллар поин рафтааст.

Аз ҳаҷми умумии содироти ин номгӯи маҳсулот 171,9 ҳаз. тонна бо маблағи 140,1 млн. доллар (88,5%) ба Ҷумҳурии Қазоқистон, 16,8 ҳаз. тонна бо маблағи 13,9 млн. доллар (8,7%) ба Ҷумҳурии Халқии Хитой, 1,8 ҳаз. тонна бо маблағи 3,3 млн. доллар (2,1%) ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва боқимонда ба Нидерландия рост меояд[1].

Дар соли 2020 87,0 ҳаз. тонна алюминийи аввалия ба маблағи 136,2 млн. доллар содирот гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 9,8 ҳазор тонна коҳиш ёфта, нишондиҳандаи арзишии он бинобар сабаби поин рафтани нархи миёнаи содиротӣ 37,0 млн. доллар кам гардидааст.

Аз ҳаҷми умумии содироти алюминии аввалия 82,9 ҳазор тонна бо маблағи 129,1 млн. доллар (94,8%) ба Ҷумҳурии Туркия, 3,8 ҳазор тонна бо маблағи 6,7 млн. доллар (4,9%) ба Британияи Кабир ва 0,3 ҳазор тонна бо маблағи 0,4 млн. доллар ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон рост меояд.

Дар соли 2020 ҳаҷми содироти нахи пахта 100,1 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки назар ба соли 2019 6 ҳазор тонна афзоиш ёфта, арзиши содиротии он 3,6 млн. доллар ва нархи миёнаи фурӯш 126 доллар барои як тонна кам гардидааст.

Ҷуғрофияи содироти нахи пахта дар соли ҷорӣ тағйир ёфта, содироти он асосан ба давлатҳои Туркия (43%), Гурҷистон (9,8%), Россия (9,4%), Ӯзбекистон (7,5%), Латвия (7,4%), Покистон (7,1%), Чин (6,9%), Эрон (5,4%), Бангладеш (2,9%), инчунин АМА ва Беларусия сурат гирифта аст.

Бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаҳои содироти номгӯи молу маҳсулоти мазкур бояд вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии содирот якҷо бо вазорату идораҳои мутасаддӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар доираи занҷираи ашёи хом- истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ - дарёфти бозори фурӯш таҷрибаи ҷаҳониро дар самти коркарди нахи пахта, алюминийи аввалия, маъданҳо то маҳсулоти ниҳоӣ, инчунин меваю сабзавот мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати коркарди онҳо то маҳсулоти ниҳоӣ дар кишвар тадбирҳои таъхирнопазирро роҳандозӣ намоянд.

Дар ҷумҳурӣ 20 корхона ба истеҳсоли семент машғул аст, ки таъминоти аҳолӣ ва талаботи соҳаҳои сохтмон ва саноатро бо сементи ватанӣ пурра таъмин намуда истодаанд. Содироти семент дар соли 2020 1312,7 ҳаз. тонна бо арзиши 59,8 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 224,6 ҳаз. тонна ё ин ки 8,3 млн. доллар коҳиш ёфтааст [1].

Ҳаҷми содироти қувваи барқ дар соли 2020 1870,3 млн. кВт/соат бо арзиши 56,4 млн. долларро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1304,7 млн. кВт/соат бо арзиши 36,7 млн. доллар коҳиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2020 аз ҷумҳурӣ 129 ҳазор тонна меваю сабзавот бо арзиши умумии 19,5 млн. доллар содирот гардидааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2019 10,6 ҳазор тонна 1,3 млн. доллар зиёд мебошад [1].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо назардошти дурнамои имкониятҳои истеҳсол ҷумҳурӣ имкон дорад содироти 532 ҳазор тонна сабзавот ва 451 ҳазор тонна пиёзро ба роҳ монад. Дар соли 2020 90,2 ҳазор тонна бо арзиши 7,5 млн. доллар пиёз содирот гардидааст, ки нисбат ба соли 2019 7,1 ҳазор тонна афзоиш ёфта, арзиши он 0,2 млн. доллар кам гардидааст.

Соҳаи муҳими рақобатпазир ва мусоидаткунанда ба рушди содирот истеҳсол ва коркарди хушкмеваҳо ба шумор меравад. Дарсоли 2020 17 ҳазор тонна бо арзиши умумии 6,9 млн. доллар меваҳои хушк содирот гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар таносуб ба 2019 2,9 ҳазор тонна ё 1,6 млн. доллар зиёд гардидааст.

Мувофиқи маълумот аз ҳаҷми умумии меваю сабзавоти дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ҳамагӣ 3,3% он содирот мешавад. Дар соли 2019 ҳиссаи содирот дар ҳаҷми истеҳсоли пиёз 12,3% ва ангур 3,8 %-ро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба иқтидори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ, иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар назди шариконии асосии тиҷоратӣ ва роҳ надодан ба талафоти маҳсулот, вазоратҳои кишоварзӣ, нақлиёт, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Хадамоти гумрук, Агентии “Тоҷикстандарт” ва Агентии содирот тадбирҳои мусоидаткунандаро вобаста ба ташкили бемамонияти содироти маҳсулоти кишоварзӣ тавассути долонҳои сабз роҳандозӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки ҳоло ҳам барои субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нарасидани маблағҳои гардон, дастрас набудани марказҳои муосири логистикӣ вобаста ба банду баст, ҳамлу нақл, дарёфти бозори фурӯш ва дигар хизматрасониҳои маркетингӣ мушкилоти асосии содирот боқӣ мемонанд. Дар тамоми корхонаҳои истеҳсолии ба

содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунӣ норасоии маблағҳои гардон яке аз омили асосии аз фаъолият бозмондани онҳо гардидааст.

Дар шароити имрӯза таъмини эҳтиёҷоти истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молҳои ватанӣ бо воситаҳои гардон ва ташкили суғуртаи содирот мушкилоти рӯзмарра буда, зарур шуморида мешавад, ки КВД бонки давлатии саноативу содиротии “Саноатсодиротбонк” ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта ба ин самтҳо маблағҳои зарурӣ ҷудо намояд.

Ҳамин тариқ, барои ҳифзи маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ захираҳои мавҷударо фаъолона истифода намудан лозим аст. Барои ин ҷалб намудани намояндагиҳои тиҷоратӣ дар хориҷа ва узвият дар созмонҳои байналмилалӣ зарур мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. ш.Душанбе.
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонсоли ш. Душанбе.
3. Герчикова И.Н. «Международное коммерческое дело»: Учебник для Вузов, 2-е изд. Перераб. и дополн. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2012, №7, мод.696; Қонуни ҶТ аз 8.08.2015 с., № 1215).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии содирот ва афзоиши рақобатпазирӣ”. ш.Душанбе. аз 14.02.2016 с., № 1318).
6. Прокушев Е.Ф. Литсензирование экспорта и импорта товаров: Учеб.- практич. Пособие. М.Маркетинг, 2000. ст.96.
7. Урунова С.А., Мухторзода С.С., Абдураҳмон Ҳ. Тиҷорати байналмилалӣ (комплекси таълимӣ-методӣ). Душанбе 2022. 308 саҳ.
8. https://www.medt.tj.


## *МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ*


***Ҳакимов А.А.*** *– н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½; тел.: (+992) 935977272.*

**ЧЕРНЯКОВ М.К., АХМЕТЗЯНОВ И.И.**

# СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНОГО РИСКА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Социальные риски представляют собой события, факторы или обстоятельства, которые могут возникнуть в обществе и способны оказать негативное воздействие на социальные отношения, благосостояние и стабильность [1]. Они проявляются в форме неопределенности и возможных негативных последствий, которые могут затронуть широкий спектр общественных групп и индивидов. Социальные риски часто являются результатом взаимодействия различных факторов, включая экономические, политические, технологические и социокультурные изменения.

Социальные риски могут охватывать разнообразные аспекты жизни общества, такие как занятость, социальное равенство, здравоохранение, образование, и многое другое. Они могут возникнуть как результат конкретных событий, таких как экономические кризисы, политические изменения или технологические инновации, и могут включать в себя такие явления, как безработица, увеличение социального неравенства, нарушение социокультурных норм, и многие другие [2].

Особенностью социальных рисков является их потенциальное воздействие на благосостояние и стабильность общества, а также их связь с различными аспектами человеческой жизни. Эти риски требуют внимания и исследования, так как они могут оказать существенное воздействие на качество жизни людей, уровень социального развития и общественную гармонию [3].

Следовательно, в контексте цифровой экономики, социальные риски могут возникать из-за изменений в использовании технологий, роста автоматизации, цифровизации рабочих процессов, и других факторов, что делает их важными объектами исследования и управления. [1]

Цифровая экономика представляет собой новую стадию развития экономики, в которой информационные технологии, цифровые инновации и интернет играют ключевую роль в создании, распределении и потреблении продуктов и услуг. В этой цифровой реальности существует несколько путей, по которым она связана с возникновением социальных рисков: [1]

1. Автоматизация и потеря рабочих мест: Внедрение автоматизации и искусственного интеллекта в производство и обслуживание приводит к увеличению производительности, но также может означать сокращение рабочих мест. Это создает социальный риск потери рабочих мест и безработицы, особенно в тех отраслях, которые подвержены автоматизации, например, в производстве, логистике и торговле.
2. Изменение навыков и образование: Цифровая экономика требует новых навыков и знаний от работников. Те, кто не способны адаптироваться к новым технологиям и требованиям рынка труда, могут столкнуться с социальным риском в виде снижения конкурентоспособности на рынке труда.
3. Социокультурные изменения: Цифровая экономика оказывает воздействие на социокультурные аспекты общества. Изменения в образе жизни, мобильность, онлайн-коммуникации могут привести к социальной напряженности и конфликтам, особенно в отношениях между разными поколениями и общественными группами.
4. Социальное неравенство: В цифровой экономике, возможность доступа к технологиям и цифровым ресурсам может быть неравномерно распределена. Это может увеличивать социальное неравенство, так как те, кто не имеют доступа к цифровым возможностям, оказываются на периферии общественной и экономической активности.
5. Работа на удаленке и изоляция: Распространение удаленной работы и дистанционного обучения в цифровой экономике может привести к социальной изоляции и ухудшению физического и психологического благополучия работников, особенно у тех, кто сталкивается с одиночеством и отсутствием социальных контактов.

Для борьбы с этими социальными рисками в цифровой экономике необходимо разрабатывать стратегии адаптации и управления, внедрять образовательные программы, способствующие цифровой грамотности, и внимательно следить за равномерным распределением возможностей и благ в обществе [4]. Это поможет смягчить отрицательные последствия цифровой трансформации и добиться более справедливого и устойчивого социального развития.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Жадан И.Э. Социальные риски в цифровой экономике // Гуманитарный научный журнал. 2018. №1-1. – С. 20-22.
2. Черняков М.К. Анализ и прогнозирование маркетинговой деятельности на платформе 1С: предприятие // Вестник забайкальского государственного университета, 2014, № 9 (112). с. 141-149.
3. Черняков М.К. Оценка рисков цифровой экономики: монография / М. К. Черняков, М. М. Чернякова. - Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2021. - 251 с.
4. Черняков М.К., Чернякова М.М. Социальные риски цифровой экономики // Идеи и идеалы. 2021. №1-2. – С. 265-282.

## *СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ*

